Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Баҳром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР

**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР

**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:

Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№3**

**№3 (251), 2026**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РОҲНАМО**

Наврӯз – омили муҳимми худшиносиву худогоҳӣ *( Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз*)........................................................................3

**ҶАШНВОРА**

Гулназар. Чакомаи наврузӣ..................................................................................................5

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025)............................................................……..............…6

**РИСОЛАТИ НАВРӮЗ**

Н. НУРЗОДА. Наврӯз дар мақоми мактаби тарбияти ҳувиятӣ...................................................14

**8 МАРТ – РӮЗИ МОДАР**

Р. ВАҲҲОБЗОДА. Ҷаҳони модарон (шеър).............................................................................19

**ШИНОХТИ ЗАН**

Н. НУРУЛЛОЗОДА. Мактаби воқеии худшиносӣ, маърифат, касбомӯзӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ...........................................................................................................................20

**ДАР ҲОШИЯИ ОЗМУНИ «ШОҲНОМАХОНӢ»**

М. ҚУРБОНЗОДА. Вожаҳои арабӣ дар «Шоҳнома».................................................................23

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МАТБУОТ**

Н. НУРАЛИЗОДА. «Адаб» ва вориси он «Маорифи Тоҷикистон»..............................................27

**ТАШАББУСҲОИ САРВАРИ ДАВЛАТ**

Н. ҚОДИРОВ. Бистсолаи омӯзиш ва таҳкими неруи зеҳнии кишвар..........................................32

**ТАКМИЛИ ИХТИСОС**

А. ОДИНАЕВ. Технологияи рақамӣ ва усулҳои нави таълим дар раванди курсҳои такмили ихтисос...............................................................................................................35

**ИСЛОҲОТ**

С. НАБИЗОДА, Д. АБДУЛЛОЕВА. Китоби насли нав: Чаро ва чӣ гуна?.................................41

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

М. МАҲКАМОВ, А. РАЗЗОҚОВ. Нақши корҳои беруназсинфӣ аз фанни математика............47

**ГЕОГРАФИЯ**

Ш. СОДИҚОВ. Истифодаи воситаҳои таълимӣ дар дарсҳои география....................................51

**ТЕХНОЛОГИЯ ВА ЗАМОН**

Л. НАҶМИДДИНОВ. Иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва рушди кишвар..................……..........54

**ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ**

Б. ШУКУРУЛЛО. Роҳҳои тайёр намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ......…......…..56

**САНАД**

Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045.........58

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Н. СУЛАЙМОНШОЕВ, С. СУЛАЙМОНШОЕВ. Муаммои «Наврӯзи оламафрӯз»...................64

# НАВРӮЗ – ОМИЛИ МУҲИММИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲӢ

***Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз***

***20.03.2026, шаҳри Душанбе***



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо – хурду бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои башар, оғози соли нав, айёми аз сардӣ ба гармӣ баромадан, эҳёи дигарбораи табиат ва тамоми мавҷудоту набототи он мебошад.

Мардумони куҳанбунёди ориёитабор ғайр аз Наврӯз ойину ҷашнҳои дигари бостонӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргонро низ таҷлил мекунанд, вале Наврӯз дар миёни онҳо шукӯҳу ҷалоли хосса дорад.

Гузаштагони некному хирадманди мо ин ҷашнро бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар тӯли беш аз шаш ҳазор сол ҳифз карда, то замони мо расонидаанд. Ин ҷашни фархунда тайи ҳазорсолаҳо ба мероси гаронбаҳои фарҳанги мардумӣ ва ҷузъи ҷудоинопазири ҳувияту ифтихори миллии мо табдил ёфтааст. Ҳамзамон бо ин, фарҳанги пурарзиши наврӯзӣ тадриҷан ҳамчун омили муҳимми сулҳу оромӣ ва ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳо ва қаламравҳои гуногун эътироф гардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд баробаршавии шабу рӯз дар як сол ду маротиба рух медиҳад, аммо Наврӯз ҳамчун падидаи зебои табиӣ эҳёи табиат ва мавҷудоти оламро дар фасли баҳор, яъне нишонаҳои зиндагии навро дар худ таҷассум мекунад. Ба ҳамин сабаб ниёгони хирадманди мо маҳз ҳамин рӯз, яъне, эътидоли баҳориро оғози соли нави хуршедӣ қарор додаанд ва онро бо калимаи зебои тоҷикӣ «наврӯз» ном ниҳодаанд. Номи Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо дигар нашудааст ва бо ҳамин номи мантиқиву зебо то замони мо зинда мондааст.

Имрӯз мардумони кишварҳои гуногун ҳамдигарро бо забони ширину зебои тоҷикии «Наврӯз муборак!» шодбош мегӯянд. Таърихан тоҷикӣ будани номи Наврӯз гувоҳи равшани он аст, ки ин ойини муборак бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз муҳити зисти ниёгони ориёитабори мо бархостааст. Бинобар ин, мо – ворисони ин ҷашни зеборо зарур аст, ки бо бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе ба арзишу суннатҳои он арҷ гузорем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем, зеро ҳифзи ин ҷашн, пеш аз ҳама, посдориву нигоҳдории яке аз шоҳсутунҳои ҳувияту худшиносии миллии мо мебошад.

Воқеан, бояд гуфт, ки мо дар кишвари худ ду ҷашни муқаддас ва бузург дорем, ки яке ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон ва дигаре Наврӯз – ойини бостонии аз аҷдоди ориёиамон бамеросмонда мебошад. Ва метавон гуфт, ки ин ду падида ду боли парвози мо дар масири таърих ба шумор меравад. Дар робита ба ин, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҷашни

Наврӯзи имсола ҳамчун омили муҳимми худшиносиву худогоҳии мо – тоҷикон аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Чунки соли 2026-ро мо «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон кардаем.

**Ҳамватанони азиз!**

Наврӯз на танҳо ҷашни эҳёи табиат ва замони баробаршавии шабу рӯз аст, балки ҷашни марди деҳқон ва оғози мавсими корҳои кишоварзию боғдорӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин хотир, кишоварзон ва ҳамаи онҳое, ки бо замин сарукор доранд, аз ҷумла шахсоне, ки соҳиби заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошанд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди фасли баҳор истифода баранд.

Мо бояд барои ба даст овардани ҳосили фаровон, яъне зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҳифзи амнияти озуқаворӣи мамлакат ҳарчи бештар саъю кӯшиш намоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки вазъи ҷаҳони муосир рӯз ба рӯз мураккабу ҳассос гардида, дастрасии аҳолии сайёра ба маводи ғизоӣ торафт душвор шуда истодааст. Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳое, ки дар ихтиёр дорем, аз ҷумла аз ҳар як ваҷаб замин ва об самараноку оқилона истифода намоем.

Мо имсол Наврӯзро ба шукронаи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон пешвоз мегирем.

Эътимоди комил дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон кору фаъолияти бунёдкориву созандаи худро ба хотири истиқболи сазовори ин ҷашни муқаддаси миллӣ вусъати тоза мебахшанд. Мо бояд ин неъмати муқаддасу бебаҳо, яъне истиқлолу озодиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва шукрона кунем, ки мо – тоҷикон соҳиби давлати соҳибистиқлол ҳастем!

Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёву сарсабз гардидани табиат ба хонадони мардуми кишвар сурурү шодмонӣ меоварад ва одамонро дар баробари зоҳири ороста ба поксозии ботин ва аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ташвиқу ҳидоят мекунад.

Наврӯзи фархундапай, ҳамчунин, талқин мекунад, ки мо ба тозагиву озодагӣ ва ободии гирду атроф, яъне муҳити зисти худ аҳаммияти хосса диҳем. Яъне, дар бар кардани либосҳои миллӣ ва хонаву маҳалли зисти худро тозаву озода нигоҳ доштан аз ойинҳои бисёр муҳимми ин ҷашн маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз, мардуми мо ба истиқболи Наврӯз хонаву кошонаи худро озодаву ороста мегардонанд, қалбҳои хешро аз кинаву кудурат пок месозанд ва ин ҷашн, яъне саршавии солро бо дили поку нияти нек, бо умеди оромиву осоиш ва файзу баракат таҷлил мекунанд. Ин аст, ки ойину суннатҳо ва маҳфилу базмҳои Наврӯзӣ мардумро сарҷамъу муттаҳид месозанд. Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки мо бояд бо забон, таърих ва фарҳанги бостонии худ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои бою рангоранги миллии худ, аз ҷумла сару либос ва таомҳои миллиамон ифтихор намоем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем.

Ҳамватанони азизи мо, ҳамчунин, набояд фаромӯш созанд, ки дасти кумак дароз кардан ба ниёзмандон, хурсанд кардани дили ятимон, хабар гирифтан аз ҳоли падару модарон, бародарону хоҳарон, беморону калонсолон ва дигар амалҳои хайре, ки боиси хушҳоливу болидахотирии инсонҳо мегарданд, яке аз ҷанбаҳои умдаи ҷашни Наврӯз мебошад.

Бовар дорам, ки мо бо ваҳдату сарҷамъӣ ва заҳмати аҳлонаи мардумамон ба ҳама ҳадафҳои стратегие, ки дар назди худ гузоштаем, мерасем ва Наврӯзи бостонӣ бо қадамҳои муборакি худ ба ҳар як хонадони мамлакат шодиву хушҳолӣ ва бароруу комёбӣ меоварад.

Дар шароити бисёр ҳассосу пурҳаводиси ҷаҳони имрӯза мо ба шукронаи соҳибватанӣ ва соҳибдавлативу соҳибистиқлолӣ бояд боз ҳам муттаҳиду сарҷамъ ва босабру таҳаммул бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем, ба таърих, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиамон арҷ гузорем.

Бо эътимоди комил ба фардои ободи Тоҷикистони маҳбубамон, бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба хурду бузурги мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона шодбош мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди мамлакат саломативу сарбаландӣ, хушбахтиву саодати рӯзгор ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

**Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ЧАКОМАИ НАВРӮЗӢ



**Гулназар –
Шоири халқии
Тоҷикистон**



*Дил канори мо намегунҷад,
Лола дар саҳро намегунчад,
Мавҷи пуршӯри раҳогашта
Дар дили дарё намегунҷад.*

*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

*Сабзаи дашту даман, бархез,
Нағмаи боғу чаман, бархез.
Эй суруди ваҳдату шавкат,
Аз дили ҳар марду зан бархез.*

*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

*Эй ҷавонӣ, навҷавонӣ кун,
Ту уқобӣ, парфишонӣ кун.
Зиндагӣ, эй зиндагии сабз,
Зинда бошу зиндагонӣ кун.*

*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

***

*Тоҷикистон ҷойи хуршед аст,
Хонаи армону уммед аст,
Ҳар куҷое бингарӣ, меҳр аст,
Ҳар куҷое по ниҳӣ, ид аст.*

*Марҳабо, Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.*

*Оби мо софу дили мо соф,
Остони манзили мо соф.
Кас наметонад биолояд,
Баски буда аввали мо соф.*

*Марҳабо, Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.*

*Дасти мо бо дасти инсонҳост,
Ҷони мо пайвастаи онҳост,
Дар сари мо ёди фардоҳо,
Дар дили мо аҳду паймонҳост.*

*Марҳабо Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.*

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)

*(Идома аз шумораи гузашта)*



**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ**

Сарвари давлат борҳо дар Паёмҳояшон зарурати воридсозии технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба низоми таҳсилотро таъкид ва қайд менамоянд, ки рушди иқтисоди донишбунёд бе рақамисозии маориф имконнопазир аст. «Таҳияи усулҳои пешгӯии хавфҳои эҳтимолӣ ва таъсири манфии омилҳои гуногун ба иқтисоди миллӣ, хидматрасониҳои рақамӣ, пешрафти «энергияи сабз» ва «иқтисоди сабз» ва дар робита ба ин, ба роҳ мондани омӯзиши ҳамаҷонибаи манбаъҳои алтернативӣ, ихтироъкориву навоварӣ, коркарду татбиқи технологияҳои нави каммасраф ва роҳу усулҳои аз ашёи хоми ватанӣ истеҳсол кардани доруворӣ ва нуриҳои маъданӣ вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар мебошад [26].



Бо дарназардошти чунин ҳидоятҳо, солҳои охир як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ қабул шуданд, ки заминаи меъёрӣ ва амалии рушди илму технология ва истифодаи зеҳни сунъиро дар низоми таҳсилоти миллӣ фароҳам месозанд. Аз ҷумла:

- Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.

Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

- такмили инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ;
- воридсозии технологияҳои рақамӣ ва захираҳои электронии таълимӣ;
- рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳқиқот ва тайёркунии кадрҳо;
- пайваст кардани илм бо истеҳсолот ва иқтисодиёт.

Тибқи ҳуҷҷат, раванди рақамисозии таҳсилот бояд бо платформаҳои ягонаи электронии таҳсилот, пойгоҳи миллӣ оид ба иттилоот, маҷмуи барномаҳои омӯзишӣ оид ба STEM ва рақамӣ таъмин карда шавад. Бинобар ин, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд» [26].

Қабули Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 марҳалаи навро дар сиёсати илмӣ ва маорифи кишвар ифтитоҳ намуд. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳсилот чунин афзалиятҳоро ба миён меорад:

- таҳияи платформаҳои интеллектуалӣ барои идоракунии муассисаҳои таълимӣ;

- татбиқи омӯзиши фардӣ (adaptive learning) тавассути алгоритмҳои AI;
- ташкили озмоишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии зеҳни сунъӣ дар назди донишгоҳҳо;
- омодасозии мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи big data, AI ва cybersecurity.

Дар робита ба ин, истифодаи зеҳни сунъӣ на танҳо омили рушди иқтисоди миллӣ, балки воситаи баланд бардоштани сифати таҳсилот ва самаранокии идоракунии соҳаи маориф мебошад. Ба андешаи Пешвои миллат, бояд «дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад. Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад» [29].

Рақамисозии таҳсилот дар Тоҷикистон, ки дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ амалӣ мегардад, як раванди муттасил ва дурнамо мебошад. Қабули Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва маорифро муайян намуда, ба таҳкими иқтидори инсонӣ, воридсозии технологияҳои муосир ва ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии дониш ва инноватсия мусоидат менамояд.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат ҳамчун омили муҳимми рушду пешрафти иқтисоди миллӣ муайян шудааст. Чуноне ки Сарвари давлат таъкид менамоянд, расидан ба ин ҳадаф танҳо бо бунёди инфрасохтори энергетикӣ ва истеҳсолӣ имконпазир нест, балки талаб мекунад, ки низоми таҳсилот мутобиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва саноати муосир ислоҳ карда шавад. «Вобаста ба талаботи соҳаи саноат зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва тайёр кардани мутахассисони касбҳои нав эътибори ҷиддӣ дода шавад» [27].

Рақамикунонии таҳсилот, ки дар Паёмҳои солона ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муаррифӣ гардидааст, имконият медиҳад, ки бозори меҳнат бо мутахассисони дорои малакаҳои рақамӣ, саводи иттилоотӣ ва қобилияти кор бо технологияи муосир таъмин гардад. «Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд» [27].

Дар баробари ин, Пешвои миллат, ҳамчунин, дар доираи ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат зарурати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишварро яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ дар марҳилаи нав номбар карданд. Дар робита ба ин, зимни таҳияи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030 ба ҳадафҳои зерин аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуд:

- рушди неруи инсонӣ ва тақвияти иқтидори кадрӣ;
- истифодаи васеъ ва самараноки технологияҳои инноватсионӣ;
- истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва содиротӣ;
- тавсеаи ҳамкориҳои илм ва истеҳсолот;
- гузариш ба модели иқтисодиёти инноватсионӣ.

Дар зимн, Пешвои миллат таъкид карданд, ки «дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд» [29]. Бинобар ин, бо дарназардошти нақш ва мақоми технологияҳои рақамӣ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ Роҳбари давлат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Дар ҳамин замина, пешниҳоди Пешвои миллат оид ба табдили Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» ба «Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон» иқдоми муҳимми стратегӣ мебошад, ки ба ҳадафҳои миллӣ ва сиёсати давлатии соҳаи маориф ҷавобгӯ мебошад.

**Замина ва зарурати стратегӣ.** Ҳадафҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ (2022), Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва барномаҳои давлатӣ оид ба рақамикунонӣ, зарурати омода намудани мутахассисони рақобатпазирро дар соҳаҳои технологияи иттилоотӣ, менеҷменти инноватсионӣ ва иқтисоди рақамӣ тақозо менамоянд. Табдил ба донишгоҳ имконият медиҳад, ки муассиса дорои ваколатҳои бештар ва инфрасохтори муосир барои рушду густариши илм, магистратура ва докторантура гардад.

Дар шароити иқтисоди муосир, ки босуръат ба самти рақамисозӣ ҳаракат дорад, талабот ба мутахассисони соҳаҳои барномасозӣ, муҳандисии рақамӣ, киберамният, таҳлили додаҳо ва менеҷменти инноватсионӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Донишгоҳ нисбат ба донишкада имконияти васеътар фароҳам меорад, то кишвар дар бозори меҳнати минтақавию байналмилалӣ мутахассисони рақобатпазирро пешниҳод намояд.

**Афзалият ва самтҳои фаъолият.** Таъсиси донишгоҳ ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва воридсозии таҷрибаи пешрафтаи донишгоҳҳои хориҷӣ мусоидат хоҳад кард. Ин муассиса метавонад мавқеи худро ҳамчун маркази миллии илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ устувор намояд.

Ғайр аз ин, донишгоҳ имконият фароҳам меорад, ки дар баробари омодасозии мутахассисон, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, лабораторияҳои муосир ва стартапҳои донишҷӯён ташкил намояд. Ин иқдом ба рушди иқтисоди донишбунёд, татбиқи дастовардҳои илму техника дар истеҳсолот ва тақвияти иқтидори илмиву инноватсионии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Самтҳои афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ иборатанд аз:

- тайёр намудани мутахассисон дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, интернети ашё, киберамният, муҳандисии барномаҳо, иқтисоди рақамӣ ва менеҷменти инноватсионӣ;
- рушди барномаҳои магистратура ва докторантура ҷиҳати таҳкими неруи илмии миллӣ;
- таъсиси марказҳои инноватсионӣ ва стартапҳо барои дастгирии эҷодкории ҷавонон;
- густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмии пешрафта;
- ҳамгирой бо соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бо мақсади татбиқи дастовардҳои илмӣ дар иқтисод.

Табдили Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ба Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон иқдоми муҳим, саривақтӣ ва ҷавобгӯи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои рақамикунонӣ, рушди илм ва иқтисоди донишбунёд мебошад. Ин иқдом заминаи устувор барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир, ташаккули муҳити инноватсионӣ ва таҳкими мавқеи илмии кишвар дар арсаи байналмилалӣ мегузорад.

Бо мақсади татбиқи дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди иқтисоди рақамӣ ва густариши истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, дар заминаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) соли 2024 Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таъсис ёфт. Ин иқдом низ яке аз марҳалаҳои муҳимми амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти рақамикунонӣ ва инноватсия ба ҳисоб меравад.

Институт бо шароити замонавӣ ва таҷҳизоти муосир таъмин гардида, дорои инфрасохтори зерин мебошад:

- озмоишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои зеҳни сунъӣ, ки барои таҷрибаҳои амалӣ ва лоиҳаҳои илмӣ замина фароҳам меоранд;
- синфхонаҳои IT бо таҷҳизоти муосир ва дастрасии интернети баландсуръат;

- кабинетҳои фаннӣ бо барномаҳои рақамӣ, ки ҷараёни таълим ва идоракуниро осон месозанд.

Ин шароит ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ҳамзамон, бо азхудкунии донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ ва касбиро низ такмил диҳанд. Таҳсилот дар институт тавассути се зина – бакалавриат, магистратура ва доктори PhD ба роҳ монда шудааст, ки ба меъёрҳои таҳсилоти олии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Дар баробари таълими касбӣ, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва ташкили чорабиниҳои илмӣ дар меҳвари барномаҳои институт қарор дорад. Дар ҷаласаҳои илмӣ ва истеҳсолӣ масъалаҳои такмили раванди таълим, ҷалби донишҷӯён ба озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, инчунин тавсеаи ҳамкориҳои илмӣ баррасӣ мегарданд.

Моҳи апрели соли 2025, дар доираи «Ҳафтаи илм» ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «Иқтисоди рақамӣ ва инноватсия: дурнамо ва имкониятҳо» баргузор гардид. Дар он роҳбарияти донишгоҳ, олимон ва пажуҳишгарон оид ба нақши зеҳни сунъӣ дар рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорӣ маъруза намуданд, ки ин иқдом сатҳи баланди робитаи илм бо истеҳсолот ва соҳаҳои амалиро нишон дод.

Таъсиси Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар заминаи ДБССТ як иқдоми муҳимми давлатӣ буда, ҳадафи он аз тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои иқтисоди рақамӣ, барномасозӣ, киберамният ва зеҳни сунъӣ иборат аст. Ин институт на танҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат мекунад, балки ба рушди илм, густариши тадқиқоти амалии инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои нав дар иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

Иқтисоди сабз низ яке аз тамоюлҳои ҷаҳонии рушд ба шумор меравад, ки ҳадафи асосии он истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, коҳиши таъсири манфии экологӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои фаровони гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги сайёҳӣ ва кишоварзӣ, имкониятҳои васеъ барои рушди иқтисоди сабз дорад. Аммо барои самаранок истифода бурдани ин имкониятҳо зарурати маркази вижаи илмӣ-тадқиқотӣ ба миён меояд.

Дар робита ба ин, бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси Муассисаи давлатии «Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз» дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иқдоми муҳим арзёбӣ мегардад.

Институт вазифаҳои зеринро иҷро хоҳад кард:

- таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди устувор ва иқтисоди сабз дар шароити Тоҷикистон;
- таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ барои мақомот ва сохторҳои давлатӣ;
- мусоидат ба воридсозии технологияи сабз ва инноватсионӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
- омӯзиш ва омода кардани мутахассисон дар самти иқтисоди сабз ва рушди устувор;
- таҳкими робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди сабз ва татбиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта.

Таъсиси Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз иқдоми саривақтӣ ва дорои аҳаммияти миллӣ мебошад. Он на танҳо ба рушди тадқиқоти илмӣ дар самти иқтисоди сабз ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ равона шудааст, балки барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, мусоидат ба гузариш ба иқтисодиёти рақобатпазир ва инноватсионӣ, ҳамчунин, боло бурдани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон дар самти сиёсати сабзи иқтисодӣ хизмат хоҳад кард.

Дар шароити муосир, ки иқтисоди ҷаҳонӣ ба суръат рақамӣ мегардад, таъсиси Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ва Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз дар назди ДБССТ метавонанд ба маркази омода кардани мутахассисони рақобатпазир, тавлиди ғояҳои инноватсионӣ ва рушди иқтисоди донишбунёд табдил ёбанд.

Марҳалаи солҳои 2021-2025 дар таърихи ислоҳоти маориф ва илм ҳамчун давраи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ва муҳити инноватсионӣ арзёбӣ мешавад. Агар марҳалаҳои қаблӣ асосан ба барқарорсозӣ ва стандартикунонӣ равона шуда бошанд, ин давра самти стратегиро тавассути дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон, ки аз Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ бармеоянд, ба рақамикунонӣ, татбиқи технологияи муосир, таҳсилоти фосилавӣ ва рушди иқтидори илмӣ муайян намуда, заминаи мустаҳкам барои рушди минбаъда ва ҳамгироии маориф бо тамоюлҳои ҷаҳонии асри рақамӣ фароҳам овард.

## ХУЛОСА

**Марҳалаи солҳои 2000-2010** дар таърихи рушди маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бунёдӣ дошта, ҳамчун давраи эҳёи низоми таҳсилот баъд аз ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ ва оғози ислоҳоти стратегии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин марҳала таҳкурсии ҳуқуқӣ, сохторӣ ва мазмунӣ барои рушди минбаъдаи маорифи миллӣ гузошт ва дар заминаи таҳкими давлатдории миллӣ, барқарорсозии иҷтимоӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ сурат гирифт.

Ҷанбаҳои калидии таъсири Паёмҳо ба ташаккули маориф ва илм дар марҳалаи мавриди назар иборат мебошанд, аз:

- маориф ва илм ба унвони самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шуданд;
- арзишҳои миллӣ ва иҷтимоӣ дар таҳсилот эҳё гардида, маориф ҳамчун пояи давлатдории миллӣ пазируфта шуд;
- ба омӯзгор, муҳаққиқ, муассисаи таълимӣ ва илмӣ ҳамчун сармояи асосии рушди инсонӣ ва ҷомеа таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир шуд;
- маориф ва илм ҳамчун василаи ташаккули шаҳрванд, ҳувияти миллӣ ва таҳкими арзишҳои давлатдорӣ маънидод мешаванд;
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар солҳои 2004, 2005, 2006, 2008, 2009 ва 2010 шаш маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки он муносибати давлатро бо низоми таҳсилот бо такя ба арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқи инсон ба таҳсил танзим намуд. Ҳамчунин, қабул ва татбиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои калидии давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо дастури Пешвои миллат сурат гирифтанд;
- Паёмҳо ба ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф, аз ҷумла, норасоии мактабҳо, синфхонаҳо, мизу курсӣ ва дастрасии кӯдакон ба таҳсил таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мекарданд. Татбиқи ин сиёсати афзалиятнок ба сохтмони мактабҳои нав дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ асос гузошт;
- бо ҳидояти Пешвои миллат равандҳои миллигардонии барномаҳои таълимӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва ворид кардани фанҳои дорои муҳтавои фарҳангӣ ва таърихии миллӣ оғоз гардид;
- дар Паёмҳо мавқеи омӯзгор ҳамчун неруи асосии пешрафти ҷомеа ба таври мунтазам таъкид шуда, сиёсати ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла, боло бурдани маош, таъсиси стипендия ва барномаҳои бозомӯзӣ ба роҳ монда шуд;
- дар нимаи дуюми даҳсола таваҷҷуҳ ба рушди илм низ афзоиш ёфта, дар Паёмҳо зарурати афзунсозии иқтидори илмии кишвар ва дастгирии муҳаққиқони ҷавон таъкид гардид. Ин раванд ба таҳияи асоси сиёсати минбаъдаи илм барои солҳои 2010-2020 замина гузошт.

Ҳамин тариқ, Паёмҳои Пешвои миллат дар солҳои 2002-2010 на танҳо самтҳои стратегиро муайян намуданд, балки татбиқи амалии барномаҳои ҳаётан муҳимро дар соҳаҳои маориф ва илм таъмин сохтанд.

**Марҳалаи солҳои 2010-2020** дар таърихи рушди маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давраи таҳкими низоми таҳсилот, илм ва ислоҳоти стратегии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Мувофиқи мазмун ва роҳнамоии Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, соҳаи маориф ва илм марҳилаи муҳимми таҳкими сифат, стандартсозӣ ва рушди устуворро паси сар намуд. Ин давра бо таҷдиди амиқи низоми меъёриву ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, такмили муҳтавои барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон ва густариши муҳити инноватсионӣ тавсиф мегардад.

Татбиқи ин тадбирҳо бо такя ба арзишҳои миллӣ, ниёзҳои ҷомеаи муосир ва тамоюлҳои ҷаҳонии соҳаи маориф сурат гирифт. Он заминаи мустаҳками рушди устувори низоми таҳсилот ва тавсеаи иқтидори илмӣ ва инноватсионии кишварро фароҳам овард.

Дар ин давра як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои муҳимми давлатӣ ба таври фаъол амалӣ гардиданд, аз ҷумла:

- Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020, ки самтҳои асосии ислоҳоти сохторӣ ва мазмунӣ дар низоми таҳсилотро муайян кард;

- Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020, ки бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва омодасозии захираи кадрии баландихтисос роҳандозӣ гардид;

- Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва анлисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, ки ба тавсеаи имконоти рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат равона шудааст;

- Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2019, Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи хусусӣ барои солҳои 2014-2020, ки барои ҷалби бахши хусусӣ ва афзоиши фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ мусоидат намуд;

- Стратегияи рушди илм ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015, Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-201, Барномаи давлатии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ҳамчунин, қонунгузории марбут ба таҳсилоти иловагӣ, фаъолияти ихтироъкорӣ ва таъсиси Парки технологии илмӣ-инноватсионӣ, ки барои ташаккули муҳити нави илмӣ ва истеҳсолӣ замина фароҳам овард.

Қабули Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ на танҳо заминаҳои ҳуқуқиро таҳким бахшид, балки ба болоравии сифати таҳсилот ва мутобиқсозии он бо талаботи байналмилалӣ мусоидат намуд. Ин иқдомҳо, инчунин имконият, фароҳам оварданд, ки муҳтавои таълимӣ таҷдид гардида, усулҳои муосири таълим ҷорӣ ва сатҳи касбияти омӯзгорон баланд бардошта шавад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд: «Мувофиқи назарсанҷие, ки созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ доир ба кишварҳои рӯ ба инкишоф анҷом додаанд, соли 2017 Тоҷикистон аз рӯйи 4 нишондиҳанда: дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 давлати ҷаҳон ҷойи 54-умро соҳиб шудааст. Аз рӯйи ин таҳлил Тоҷикистон дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд» [23].

Дар маҷмуъ, марҳалаи солҳои 2010-2020 нишон дод, ки таҳкими меъёрҳо, такмил ва ҳамоҳангсозии низоми ҳуқуқӣ омили калидии рушди стратегӣ ва пойдории соҳаи маориф ва илм мебошад. Аз ин рӯ, ин давра бо далел ҳамчун давраи таҳкими сифат, стандартизатсия ва инноватсия дар таърихи низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Мутобиқсозии ин дастовардҳо бо талаботи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ кафолати рушди устувор ва ҳамоҳангии минбаъдаи соҳаи маориф ва илмро таъмин намуд.

**Марҳилаи рақамикунонӣ ва инноватсия дар соҳаи маориф ва илм (2020-2025),** ки дар Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян шудааст, оғози як равандест, ки низоми маорифро ба иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи донишбунёд мутобиқ месозад. Дар ин давра бо қабули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномавии муҳим, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва барномаҳои давлатии амалкунандаи соҳавӣ заминаи устувори институционалӣ ва амалӣ барои таҳаввули рақамии соҳа гузошта шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ дар соҳаи маориф ва илм ба ҳайси омили калидии рушди устувор ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ баромад намуда, на танҳо самти тадрису омӯзишро дигар кард, балки ба ташаккули муҳити инноватсионӣ, пайванди илм ва истеҳсолот ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир мусоидат намуд. Натиҷаҳои назаррас дар соҳаи инфрасохтори рақамӣ, ҷорӣ намудани платформаҳои таълимии миллӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ворид кардани технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълим, баёнгари сиёсати пайгирона ва дурбинонаи давлат дар самти таҳсилоти рақамӣ мебошанд.

Ҳамзамон, таҳқиқот собит месозад, ки дар марҳалаи минбаъда солҳои 2025-2030 самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ бояд ба такмили захираи инсонӣ, ҷорӣ намудани технологияи зеҳни сунъӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ равона карда шаванд. Табдили муассисаҳои таълимии мавҷуда ба марказҳои миллии рақамӣ ва инноватсионӣ, таъсиси институтҳои соҳавӣ (мисли Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, Институти рушди устувор ва иқтисоди сабз) ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам меоранд, то ки Тоҷикистон ба ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ бо иқтидори рақобатпазири миллӣ ворид гардад.

Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки марҳалаи солҳои 2020-2025 ҳамчун пояи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ҷомеаи донишбунёд дар Тоҷикистон хизмат мекунад. Ислоҳот ва ташаббусҳои давлати миллӣ дар ин самт заминаи боэътимод барои татбиқи барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуддат фароҳам оварда, нақши маориф ва илмро ҳамчун муҳаррики асосии рушди устувор ва инноватсионӣ тақвият мебахшанд.

Пайдарпайии ин се марҳала нишон медиҳад, ки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва илм дорои самти рушдёбанда, муттасил ва устувор мебошад, ки ҳам ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳам мутобиқсозӣ ба меъёрҳои ҷаҳониро таъмин месозад. Дар ин раванд, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷатҳои стратегии дорои аҳаммияти умда ва роҳнамо, самтҳои асосии сиёсати давлатро дар бахши маорифу илм муайян намуданд.

**Адабиёт**


1. Ғолибон қадрдонӣ шуданд. Озмуни «Фурӯғи субҳи донӣ китоб аст» ҷамъбаст гардид // Омӯзгор. – 2024. – 28 ноябр.

2. Илму техника таъмингари рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошанд (Суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15.04.2021) // Омӯзгор. – 2021. – 22 апрел.

3. Истиқлолият ва сулҳу ваҳдат раҳнамову ҳидоятгари мо (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 30 апрели соли 2007) // Омӯзгор. – 2007. – 4 май.

4. Масъулият барои фардои миллат. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 апрели соли 2003 // Омӯзгор. – 2003. – 11 апрел.

5. Маълумот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 (варақаи иттилоотӣ). – Душанбе, 2024. – 23 с.

6. Маълумот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2025 (варақаи иттилоотӣ). – Душанбе, 2025. – 16 с.

7. Мирбобоев Р., Зиёев Х., Қосимӣ С., Бадалов Б. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.

8. Мирзозода, Н. Рисолати донишкада ва нақши он дар такмили маҳорати касбии омӯзгорон // Омӯзгор ва замон. – 2025, – №2 . – С. 3-8.

9. Набизода, С. Дарёфт ва рушди истеъдодҳо талаби замон / С. Набизода // Маорифи Тоҷикистон. – 2025. – №7. – С. 20-22.

10. Олимон – неруи пешбару созандаи кишвар. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар, 18.04.2020, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2020. – 19 март.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 апрели соли 2002 // Омӯзгор. – 2002. – 26 апрел.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олӣ, Душанбе, 30 апрели соли 2004 // Ҷумҳурият. – 2004. – 1 май.

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2005 // Ҷумҳурият. – 2005. – 19 апрел.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 апрели соли 2008 // Омӯзгор. – 2008. – 2 май.

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009 // Омӯзгор. – 2009. – 24 апрел.

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 24 апрели соли 2010 // Омӯзгор. – 2010. – 30 апрел.

17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 20 апрели соли 2011 // Омӯзгор. – 2011. – 29 апрел.

18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 // Омӯзгор. – 2012. – 27 апрел.

19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.04.2013, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2013. – 3 май.

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014 // Омӯзгор. – 2014. – 2 май.

21. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 23.01.2015 // Омӯзгор. – 2015. – 30 январ.

22. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 20.01.2016 // Омӯзгор. – 2016. – 22 январ.

23. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2017. – 28 декабр.

24. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2018. – 27 декабр.

25. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2019, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2019. – 26 декабр.

26. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 21.12. 2021 // Омӯзгор. – 2021. – 23 декабр.

27. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 23.12. 2022 // Омӯзгор. – 2022. – 29 декабр.

28. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2023. – 28 декабр.

29. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024, шаҳри Душанбе // Омӯзгор. – 2025. – 2 январ.

30. Раҳмонов, А. А, Расулов А. Б., Қодиров Қ. Б., Афзалов Х. С. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 184 с.

31. Сафаров, М. Рақамикунонии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ / М. Сафаров // Маорифи Тоҷикистон. – 2025, – №7 . – С. 42-45.

32. Файзализода, Ҷ. Китобхона ҳамчун маркази маърифат: натиҷаҳои панҷ соли Озмун / Ҷ. Файзализода // Ҷумҳурият. – 2024. – 10 декабр.

33. Ятимов, С. Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад / С. Ятимов // Маърифати омӯзгор. – 2023. – №1. – С. 3-13.

# НАВРӮЗ ДАР МАҚОМИ МАКТАБИ ТАРБИЯТИ ҲУВИЯТӢ



**Нозим НУРЗОДА – мудири шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (16 декабри соли 2025) масъалаи муҳим ва калидии сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси ду маркази илмӣ-фарҳангӣ ва маданӣ-тамаддунӣ – Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе ва Конуни тамаддуни Ориёӣ матраҳ гардид. Сарвари давлат ҳанӯз аз оғози фаъолияти раҳбарӣ дар самти тақвияти огоҳии миллӣ ва боло бурдани сатҳи ҳувиятӣ ҳадафмандона талош карда, онро ба унвони самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ дунбол мекунанд.**

Масъалаи таъсиси ду маркази фарҳангӣ-тамаддунии тоҷикӣ моро муваззаф месозад, ки сари ҷашну суннатҳои аҷдодӣ, ки дар садри онҳо Наврӯзи бостонӣ қарор дорад, ҷиддӣ тамаркуз намоем ва ҷиҳати ҳифзу гиромидошт ва муаррифии шоистаи фарҳангу тамаддуни миллӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҳадафмандона талош варзем. Талоши ҳадафмандона дар ин замина моро ба қуллаҳои мурод мерасонад ва дар бозиҳои геополитикӣ муваффақ месозад. Аз тарафи дигар, раванди ҷаҳонишавӣ ва шароити бархурдҳои тамаддунӣ фурсати дигареро барои ташаккули ҳувияти миллӣ, тақвияти хотираи таърихӣ ва боло бурдани сатҳи тарбияи миллӣ бар мабнои оину суннатҳои дерини аҷдодӣ, аз ҷумла, Наврӯз фароҳам меоварад. Ба ин маъно, Наврӯз ба унвони мактаби тарбияти ҳувияти миллӣ миллатро дар шароити нави таърихӣ ба лиҳози тарбиятӣ бозсозӣ мекунад ва мақому ҷойгоҳашро дар миқёси минтақаву ҷаҳон мушаххасу муайян месозад.



Наврӯз дар таърихи ҷашну маросимҳои мардуми эронитабор, минҷумла, тоҷикон мақоми калидӣ дорад. Мардуми мо дар паҳно ва дарозои таърихи мавҷудияти хеш, вобаста ба замон ва шароит ҷашнҳои зиёдеро бофта, мавриди таҷлил қарор додааст, ки рамзу розҳои гуногун доштанд, вале ҳамаи онҳо дар як маънӣ тамаркуз пайдо мекарданд ва он, бешубҳа, инсонсолорӣ ва ҳувиятсозӣ будааст. Дар ин робита, Наврӯз, беш аз пеш, ифодагари фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ буда, руҳи зинда ва суннати зиндаро дар худ таҷассум намудааст[1] ва дар паҳнои таърихи фарҳанги бумӣ ба сифати ҷашни бостонитарин ва инсонсолортарин мавқеъ ва мақоми аввалиндараҷа дорад. Фаротар аз ин, Наврӯз пойдевори фаҳмиши илмии замонӣ ва тақвимӣ дар густураи фарҳанги миллӣ маҳсуб ёфта[2], бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки ҷуғрофиёи васеъро фаро гирифта, на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод

---

[1] Турсон Акбар. Наврӯз – оинаи тамаддуни Аҷам // Суханшиносӣ. – №2, 2012. – С.9.
[2] Шаҳобиддинов, Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ (Тарҳрезии бунёдҳои фарҳанги навин). – Душанбе: Дониш, 2015. – С.17-18.

мунҳасир мешавад[3], балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ ва дар маҷмуъ, инсоният ҷойгоҳи устувор пайдо кардааст.

Дар доираи фарҳанги бумӣ, бо дарназардошти махсусиятҳои табиат ва иҷтимоъ, дар гузаштаи дури мо ҷашнҳои мардумии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ бофта ва пардохта шудаанд [4]. Умри ҷашнҳои бостонии миллӣ, ба назари донишманди шаҳири Эронӣ Ҳошим Разӣ, ба умри миллату халқ баробар аст[5]. Аз ин силсилаҷашнҳо Наврӯз бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ маҳбубият пайдо намудааст.

Вақте ки дар бораи Наврӯз сухан дармеояд, бешубҳа, номи шаҳриёри устуравӣ ва маҳбуби Эронитаборон Ҷамшед пеши назар ҷилвагар мешавад. Ҷамшед, воқеан, шоҳ ва шаҳриёри фарзона ва донишмандест. Бечо нест, ки Наврӯз бо номи ин шаҳриёри устуравӣ ва маҳбуби ақвоми Эронӣ амиқ бастагӣ дорад. Ба сухани дигар, Наврӯзро бе Ҷамшед ва мутаносибан, Ҷамшедро бидуни Наврӯз тасаввур кардан имконнопазир буда, ӯ симои марказӣ дар ташкили аввалин ҷашни Наврӯз маҳсуб меёбад[6].

Бо тақозои мавзуъ ва матлаб, нахуст ба кушудани мафҳуми ҳувият, ки дар сарлавҳаи навиштаи мо ифода ёфтааст, мепардозем. **Ҳувият** калимаи арабӣ буда, дар луғату фарҳангномаҳо ба маъноҳои гуногун омадааст. Масалан, вожаи **ҳувият** маъноҳои шахсият ва ҳақиқати чиз[7], ҳақиқати шайъ ё шахс, ки муштамил бар сифоти ҷавҳарии ӯ бошад, ҳамчунин, маънои шахсият, зот, ҳастӣ ва вуҷудро далолат мекунад[8]. Вале ҳамаи маъноҳои овардашударо метавон дар як маънои умумикунанда ҷамъбаст кард ва он маънои умумикунанда **шахсият** аст. Шахсият дар луғат ба маънои зоти ҳар шахс, хулқу хӯйи махсуси ҳар кас, ки ӯро аз дигарон мутамоиз созад, далолат карда, дар маҷмуъ, маънои шарофат ва бузургвориро дорад[9]. Шахсият ботин ва сиришти инсон аст, ки ҷаҳони андешаи ӯро таъйин карда, бинишашро дар робита ба инсон ва олами вуҷуд ифода мекунад. Ба ин тартиб, ҳувият ва шахсият, аз лиҳози маъноӣ ба ҳам тавъам буда, ҷаҳони бинишу дониши инсонро мунъакис месозанд.

Ҷамшед аз зумраи нахустин ва умдатарин шаҳриёри фарҳангу сиёсати эронитаборон аст, ки бо шахсияти вижаи худ ба майдони сиёсату фарҳанги ҷаҳонӣ гом мебардорад ва дар тарозуи ақлу хирад сохтани ҷаҳони навро барои насли инсонӣ шуруъ мекунад. Ҷамшед, ба қавли муҳаққиқон, нахустин инсон ва аввалин шаҳриёри донишманди ориёист, ки мушкилоти рӯзафзуни зиндагиро дар тарозуи хирад баркашида, дар ҳалли масоили муҳиму мубрам аз ақлу хирад мадад ҷустааст[10]. Ин шаҳриёри устуравӣ танҳо бо хираду фарҳанг дигаргун кардани ҷомеаи инсониро имконпазир медонист. Ҷамшед ба хотири хушбахт намудани мардум ва аз ҷаҳлу залолат наҷот додани инсоният саъю талош мекард.

Дар фарҳанги ҷамшедӣ, ки орӣ аз ҷаҳолату залолат аст, меҳр, хирад ва фарҳанг аз меъёрҳои асосӣ дар шинохти инсону ҷаҳон маҳсуб мешаванд ва маҳз меҳрварзӣ ва хирадпарварӣ дар ҷаҳонбинии ҷамшедӣ аслҳои ҳувиятсозанд. Бо такя бар аслҳои мазкур инсон ҷаҳонро фарҳангӣ месозад ва бар ҷаҳлу ҷаҳолат пирӯз мегардад[11]. Дар асотири бостонии форсу тоҷик умри ҷаҳон 12 ҳазор сол муқаррар шуда[12], ки 8 ҳазори он ба таърихи инсонӣ марбут аст ва бо ҳазораи Ҷамшед оғоз меёбад[13]. Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи меҳр, хирад, фарҳанг ва билохира, ҳувиятсозӣ аст. Маҳз ҳамин ҳазора дар қаламрави фарҳанги ақвоми эронитабор (мардуми форсу тоҷик) ҳазораи Наврӯз, яъне, ҳазораи таҷдиди фикрӣ, навандешӣ, навсозӣ, навофаринӣ ва рӯшангарӣ будааст.

---

[3] Шаъбонӣ Ризо. Одоб ва русуми Наврӯз. – Душанбе: Пайванд, 2008. – С.5.
[4] Руҳуламинӣ Маҳмуд. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. – Теҳрон, чопи аввал, 1376. – С.15.
[5] Разӣ Ҳошим. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони бостон. – Теҳрон: Беҳҷат, 1380. – С.17.
[6] Ҳазратқулов, М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – С.28.
[7] Малуф Луиз. Фарҳанги донишгоҳии арабӣ ба форсӣ. Тарҷумаи Аҳмад Сайёҳ. – Теҳрон, 1379. –С. 908.
[8] Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди севум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381. – С. 2513.
[9] Амид Ҳасан. Фарҳанги Амид. Ҷилди дувум. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381. – С.1542.
[10] Ҷамолӣ, М. Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дуввум. – Ландан: Курмалӣ, 1995. – С. 15-16.
[11] Ҷамолӣ, М. Густохӣ дар гусастан. – Ландан: Курмалӣ, 1996. – С.49-50.
[12] Ниберг, С. Динҳои Ирони бостон. – Теҳрон, 1359. – С. 386.
[13] Ҷомӣ Муҳаммад Маҳдӣ. Адаби паҳлавонӣ. – Теҳрон, 1379. – С. 18.

Ҷамшед бо Хуршед, дақиқтараш бо нуру рӯшноӣ иртиботи ногусастанӣ доштааст, то он ҷо ки ӯро «Писари Хуршед» донистаанд[14]. Ҷамшед (Писари Хуршед) бо нуру рӯшноӣ, ки аз меҳру хирад сотеъ мешавад, ҷаҳон – заминро мунаввар месозад ва тухми торикию зулматро аз замин бармеканад. Муаррихи асримиёнагии форсу тоҷик Ибни Балхӣ Ҷамшедро марди қавипайкар, некурӯй ва бузургманиш тасвир намуда, пайвастагии доимиашро бо меҳру офтоб таъкид сохтааст[15]. Меҳр ба сифати мафҳуми калидӣ дар таърихи фарҳанги ориёӣ мавқеъ ва мақоми арҷманд дорад. Устурашинос ва донишманди варзидаи эронӣ Меҳрдоди Баҳор дар робита бо ин калидвожа (Меҳр) таъкид мекунад, ки меҳр дар давраи куҳани тамаддуни Ҳинду Эрон маънои нигаҳдори паймону дӯстиро далолат карда, мардуми ориёӣ ӯро мазҳари пайванду равобити мутақобили афроди қабила, тоифа, хонадон ва хонаводa донистаанд[16].

Дар фарҳанги ҷамшедӣ ҳар кӯшише, ки бо хирадварзӣ робита дошт ва алорағми ҷаҳлу залолат равона шуда буд, ба пирӯзӣ расида, он пирӯзиро Наврӯз мегуфтанд ва ҳамагон онро бо шодию сурур таҷлил мекарданд. Дар мушкилтарин вазъият, ки ҷаҳолат бар хирад ва разолат бар адолат чангол задан мехост, Ҷамшед падид меомад ва торикӣ (ҷаҳолат)-ро бо рӯшноӣ (хирад) рафъ мекард. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», ки беҳтарин бозгӯкунандаи фарҳанги қадимаи эронитабарон аст, ба устураи Ҷамшед таваҷҷуҳ намуда, аз тахти бо неруи хирад сохтаи он шаҳриёри овозадор чунин ёдоварӣ мекунад:

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андарнишохт.*
*Ки чун хостӣ дев бардоштӣ,*
*Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,*
*Нишаста бад-ӯ шоҳи фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯ,*
*Шигифтӣ фурӯ монда аз бахти ӯ...*[17]

Мардум Ҷамшедро, ки бо нури меҳру хирад партавафшонӣ менамуд, таҳсин карданд ва бо шодмонӣ он рӯзро Наврӯз эълом дошта, ҷашн гирифтанд. Фирдавсӣ ин лаҳзаи муҳимро, ки дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик бо хатҳои заррин навишта шудааст, бо иштиёқи тамом ба тасвир мекашад:

*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин,*
*Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Ба мо монд аз он хусравон ёдгор.*

Дар ҳазораи Ҷамшед, ки Наврӯз бо он даврон тавъам аст, дарду газанд, хорию забунӣ, ҷаҳлу ҷалолат, сардию хунукӣ, беморию марг ва бадбахтию беадолатӣ аз авроқи зиндагии инсонӣ барканда шуданд ва ин нуктаро дар китоби динии «Минуи хирад» таври зайл мехонем: «Аз Ҷамшеди хубрамма писари Вивангаҳон ин судҳо буд, ки шашсад сол барои ҳамаи офарандагони Урмузд бемаргӣ фароҳам овард ва ононро орӣ аз дарду пирӣ ва офат кард»[18]. Дар китоби «Вандидод» (фаргарди дувум, бахши якум, банди 5), ки ба достони Ҷам ихтисос ёфтааст, Ҷамшед дар посух ба пурсиши Аҳуромаздо муфтахирона гуфтааст: «Ман ҷаҳони туро фарохӣ бахшам. Ман ҷаҳони туро

---

[14] Кристенсен, А. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр. Тарҷума ва таҳқиқи Аҳмади Тафаззулӣ ва Жолаи Омӯзгор. – Теҳрон, 1368. – С. 342.
[15] Ибни Балхӣ. Форснома. – Теҳрон, 1363. – С. 127.
[16] Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. – Теҳрон, 1384. – С. 30.
[17] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С.55-56.
[18] Минуи хирад. Тарҷумаи Аҳмади Тафаззулӣ. – Теҳрон, 1364. – С. 43.

биболонам ва ба нигаҳдории (ҷаҳониён) солору нигаҳбони он бошам. Ба шаҳриёрии ман на боди сард бошад, на (боди) гарм, на беморию на марг»[19].

Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи хирадварзӣ ва меҳрофарии мардуми эронинажод маҳсуб мешавад. Зимистон ва сардӣ дар фарҳанги ориёӣ рамзи торикӣ, ҷаҳолат ва бадбахтӣ буда, тибқи ривоёти бостонӣ, Ҷамшед барои раҳоии мардум аз сардии даҳшатнок диже месозад ва бад-ин тариқа, инсониятро аз бадбахтӣ ва балои аҳриманӣ наҷот медиҳад[20].

Ҷашни Наврӯз, назар ба қавли муҳаққиқон, реша дар поён гирифтани яхбандон ё «зимистони девофарида» (дар фаргарди нахусти «Вандидод» аз мушаххасоти он ёд шудааст) дар даврони Ҷамшед дорад. Бо поён ёфтани яхбандон ва дар ҳақиқат, даврони «варнишинӣ» - и иҷборӣ, ориёиҳо фарҷоми зимистонро ҷашн гирифтанд. Сипас, бар асари дастёбӣ ба дониши ахтаршиносӣ ва натиҷатан, илми гоҳшуморӣ, Наврӯзи ҷамшедӣ дар рӯзи поёни зимистон ва ё оғози баҳор қарор гирифт[21].

Ин шаҳриёри устуравӣ тавонист, ки бо меҳр, хирад ва дод мардумро ба ҳувиятсозӣ мутамоил намояд. Ба қавли донишмандон, дар даврони Ҷамшед ва айёми наврӯзӣ мардум ба шукуфоии иқтисодӣ ва рифоҳи молӣ мерасанд, хонаҳои бошукӯҳ барпо мекунанд, гармобаҳо месозанд, ҷавоҳирот дуруст карда, атр ба кор мебаранд ва саранҷом дар нозу неъмат ғарқ мешаванд[22]. Ҷомеаи давраи Ҷамшед зарфи сесад сол чунон дар рифоҳу осоиш ғарқ мешавад, ки ранҷу дард, зулму бадӣ, заъфу нотавонӣ ва пирию беморӣ ва маргу нестиро аз ёд мебарорад ва дар фазои ромишу тараб умр ба сар мебарад. Фирдавсӣ он давраи пуршукӯҳро таври зайл ба риштаи тасвир кашидааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш*[23].

Нахустин бунёдгузори фарҳанг ва ҳукумат Ҷамшед Наврӯзро бо зиндагии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардум пайванд дода, ҳикмати табақотӣ (синфӣ)-ро таҳия месозад, ки тибқи он, ҳар кас, мувофиқи донишу биниш ва ҳунару фаросаташ ба коре ҷалб карда мешавад. Ба ин тарз, дар ҳукумати ҳувиятсози ҷамшедӣ ҳар кас муносиби ақлу заковат ва ҳунару касбияташ сазовори кору амале муфид мешавад.

*Ки то ҳар кас андозаи хешро*
*Бубинад, бидонад каму бешро*[24].

Шаҳриёри хирадманд, меҳрварз ва додвар ҷашни Наврӯзро бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мекард, зеро ки ин ҷашн, ҷашни тантанаи меҳр, хирад, адолат, озодӣ, накуӣ ва билохира, ҳувиятсозӣ буд. Тибқи маълумоти маъхазҳо, Ҷамшед рӯзҳои моҳро бахш карда, 5 рӯзи нахустро барои бузургон, 5 рӯзи дувумро Наврӯзи подшоҳ қарор дод, ки дар он ҳадияҳо медод ва инъомҳо мегирифт, 5 рӯзи севумро барои коргузорони шоҳ ниҳод, 5 рӯзи чорумро барои вижагони шоҳ гузошт, 5 рӯзи панҷумро барои сипоҳиён ниҳод ва 5 рӯзи шашумро барои раъоё гузошт, ки маҷмуан, 30 рӯзро ташкил медод ва муддати моҳ Наврӯз таҷлил мешуд[25]. Ба таъбири дигар, Ҷамшед тӯли як моҳ бо тамоми ақшори ҷомеа Наврӯзро таҷлил мекард. Ҳама табақоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ Наврӯзи фархундаро мутобиқи дастури ҷамшедӣ муддати 5 рӯз ҷашн мегирифтанд.

Ҷамшед аз ҷониби Заҳҳок кушта мешавад ва тӯли ҳазор сол ҷаҳолату беҳувиятӣ дар сарзамини ориёӣ тасаллут пайдо мекунад ва мардумро ба коми даҳшатбори хеш дармекашад. Фаридун, ки аз тухмаи Ҷамшед буд, дар ҳазораи сеюм ба майдон омада, Заҳҳокро нобуд мекунад ва то андозае ҷараёни ҳувиятсозии ҷамшедиро идома медиҳад.

---

[19] Вандидод. Ҷилди аввал, фаргардҳои 1-8. Тарҷума ва пажуҳиши Ҳошим Разӣ. – Теҳрон, 1385. – С. 425.
[20] Баҳор Меҳрдод. Пажуҳише дар асотири Ирон. – Теҳрон, 1362. – С. 165-169.
[21] Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. – Теҳрон , 1386. – С. 161.
[22] Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. – Теҳрон, 1386. – С. 156.
[23] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С. 56.
[24] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди аввал. – Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С. 55.
[25] Ҷоҳиз Абуусмон. Наврӯзи бостонӣ. – Теҳрон, 1384. – С. 14.

Воқеан, чаро Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат додаанд? Ба ин пурсиш устурашиноси забардасти эронӣ Меҳрдоди Баҳор посухи хеле ҷолиб додааст, ки овардани он аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд: «Ҷамшед маҳбубтарин чеҳраи пеш аз ислом аст. Аммо Фаридун ва на ҳеҷ кас дигар аз подшоҳон маҳбубияти Ҷамшедро надоштанд. Хеле чизҳоро ба Ҷамшед нисбат додаанд. Масалан, дар «Вандидод» омада, ки бузург шудани ҷаҳон ба хотири Ҷамшед буд. Ҷамшед ҳатто иддаои худойӣ мекунад… Дар давраи ӯ на марг буд, на пирию на дард. Давраи бисёр зебое буд ва хотираи хуше бар азҳони мардум аз он замон бозмонда буд. Ҳатто чиниҳо ҳам Ҷамшедро ба наҳве ситоиш мекунанд. Чиниҳо ба ӯ Ям мегӯянд ва муҷассамаҳое барояш сохтаанд. Муҷассамаҳои азиме аз Ҷамшед ё Ям дар маъобиди чинӣ ва будоӣ ҳаст. Бинобар ин, Ҷамшед як шахсияти худойӣ, асил ва шигифтовар аст. Шахсияти хеле трожик аст. Хеле моилам достоне дар борааш бинависам»[26]. Ҳадаф аз овардани ин иқтибоси то андозае тӯлонӣ аз он иборат аст, ки чеҳраи худойгуна, шахсияти асил ва ҳувиятсози Ҷамшед – шаҳриёри маҳбуби ориёиро аз диди як донишманди устурашиноси шинохтаю варзида, ки умри гаронмояашро сарфи пажуҳишҳои амиқи илмӣ дар робита бо асотири иронитаборон кардааст, бубинед ва худ қазоват намоед.

Наврӯз бо мурури асрҳою солҳои мутамодӣ ба сифати як ҷашни худогоҳию ҳувиятсозӣ дар меҳвари зиндагии мардуми форсу тоҷик қарор гирифт. Ба гувоҳии «Шоҳнома» бузургони иронӣ Наврӯзро ба ҳадде муқаддас ва мавриди эҳтиром медонистанд, ки ҳатто ба номи он савганд мехӯрданд:

*Ба Яздону номи ту, эй шаҳриёр,*
*Ба Наврӯзу Меҳру ба хуррам баҳор*[27].

Душманони мардуми эронитабор доимо ба таври мустақим ва ғайримустақим ба оинҳои пешинаи миллию мардумӣ, хоссатан Наврӯзу Меҳргон ва Сада мубориза мебурданд. Фирдавсӣ аз забони сипаҳсолори ботадбир пирӯзии адувони эрониро пешгӯйӣ карда, ҳушдор медиҳад, ки лашкари душман ҳувияту аслият ва ҷавҳари моро, ки дар батни Наврӯзу Сада нуҳуфтаанд, аз байн мебарад:

*Аз ин зоғсорони беобу ранг,*
*На ҳушу на дониш, на ному на нанг.*
*Ҳам оташ бимирад ба оташкада,*
*Шавад тира Наврӯзу ҷашни Сада*[28].

Илова бар ин, Фирдавсӣ эҳтирому арҷгузорӣ ва нигаҳдорию ҳифзи оину ҷашнҳои миллии Наврӯзу Садаро аз мушаххасоти умдаи шахсияти инсонӣ талаққӣ кардааст:

*Нигаҳ дорад ойини ҷашни Сада,*
*Ҳамон фарри Наврӯзу оташкада*[29].

Воқеан, ҳувият худшавӣ ва худбошӣ аст ва худбошӣ озоду мустақил, фориғ аз банду басти хурофоту таассуби фарҳангӣ ва динию идеологӣ буданро ифода мекунад. Ба ин маъно, агар аз домани асотиру боварҳо бадар оем ва ба ҳақиқату воқеияти зиндагӣ бипайвандем, нек дармеёбем, ки офарандагони асотири Наврӯзӣ бад-он кӯшидаанд, то ҷашнеро ба ҷаҳониён пешкаш созанд, ки бар пояи меҳру садоқат ва хираду заковат бунёд шуда бошад ва ҳамагонро, новобаста аз нажоду миллият, мазҳабу диният ва табақоту халқият ба оғуши гарми худ бикашад ва дар гаҳвораи маросимоташ, бидуни ҳеҷ қасду ғараз, самимона навозишу парвариш диҳад. Дар шароити кунунӣ маҳз ҷанбаи ҳувиятсозии Наврӯз, ки асрҳост ҷомеаи форсу тоҷик камбуди онро дар тамоми бурду бохтҳои таърихиаш, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ эҳсос мекунад, бояд ҳамасола дар раванди таҷлили саросарии ин иди фархундаи миллӣ таҳкиму тақвият бахшем.

Ба андешаи мо, сохтани тадриҷии шахсияти вораста аз банду қайдҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ бар пояи Наврӯзи ҳувиятсоз метавонад ҷавшану сипари мустаҳками фарҳангию идеологие бошад, ки ҷомеаи моро аз тирборони хатарзои раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо дифоъ намояд.

---

[26] Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, - 1384. – С. 359-360.

[27] Фасоӣ Мансур Растагор. Бахти ту пирӯз бод // Паёми андеша. – Марти 1998. – С. 6.

[28] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома, Ҷилди аввал. – Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387. – С. 274.

[29] Фасоӣ Мансур Растагор. Бахти ту пирӯз бод // Паёми андеша. – Марти 1998. – С. 5.

# ҶАҲОНИ МОДАРОН



Рустам
**ВАҲҲОБЗОДА –**
**Шоири халқии**
**Тоҷикистон**

*Зиндагӣ сар мешавад аз остони модарон,*
*Орзу пар мекашад бар осмони модарон.*

*Дар вуҷуди ҳар касе бошад нишоти зиндагӣ,*
*Шуълае боқист аз ҷони ҷавони модарон.*

*Дар ҷаҳон ҳар миллате ному нишоне дошта,*
*Бошад он ному нишонаш аз забони модарон.*

*Бо дусад фан нагзарад аз озмуни рӯзгор,*
*Ҳар касе ки нагзарад аз имтиҳони модарон.*

*Барг-барги ҳастии модар бувад базри ҳаёт,*
*Сад баҳорон зери пар дорад хазони модарон.*

*Боми қасри мо агар аз абрҳо боло равад,*
*Бар сари он ҳаст боми ошёни модарон.*

*Осмон ҳаргиз намонад дар таҳи боли бало,*
*То бувад вирди дуъое дар баёни модарон.*

*Қадри модар бо гузашти вақт афзун мешавад,*
*Куҳнагӣ роҳе надорад дар замони модарон.*

*Бо ҳама ғавғои дунё то ҳама ақсои даҳр,*
*Мерасад бар гӯши дил ҳарфи ниҳони модарон.*

*Дар ҷавоби фитнаҳои орзусӯзи ҷаҳон*
*Зиндагӣ дорад ба каф хатти амони модарон.*

*Қалби модар лавҳи пайғоми Суруши ҳақ бувад,*
*Аз яқини мо бувад бартар гумони модарон.*

*Ҳар кӣ омад бар ҷаҳон, аз қалби модар омада,*
*Ҳадяи мавлуди инсонҳо - ҷаҳони модарон.*

# МАКТАБИ ВОҚЕИИ ХУДШИНОСӢ, МАЪРИФАТ, КАСБОМӮЗӢ ВА ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДӢ



Насиба НУРУЛЛОЗОДА– директори Маркази таълимии занон «Сарвар», доктори илми фалсафа, профессор

**Миллати тоҷик дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раҳбареро соҳиб гаштааст, ки сиёсати давлатдории худро бар пояи инсонгароӣ, хирадсолорӣ ва адолати иҷтимоӣ бунёд намудааст. Яке аз самтҳои муҳимми ин сиёсати хирадмандона таваҷҷуҳи пайваста ва барномарезишуда ба мақом ва нақши занон дар ҷомеа мебошад. Ин равиш бо суннатҳои маънавии миллати тоҷик ва арзишҳои умумибашарӣ ҳамоҳанг буда, аз фаҳмиши амиқи масъулияти иҷтимоии давлат шаҳодат медиҳад.**

Дастгириҳо ва ғамхориҳои пайвастаи Роҳбари давлат нисбат ба занон ва бонувон заминаи мусоиди иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва маънавиро фароҳам овардаанд, то онҳо тавонанд қобилияту истеъдоди худро ба таври мукаммал ошкор созанд ва ҳамчун неруи фаъоли созанда дар рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа саҳми босазо гузоранд. Дар ин замина, сиёсати давлатӣ нисбат ба занон на танҳо тадбири иҷтимоӣ, балки стратегияи дурнамо мебошад, ки ба ташаккули ҷомеаи устувор, худшинос ва мутобиқ ба талаботи асри XXI равона шудааст. Занони тоҷик имрӯз бо такя ба ин дастгириҳо, беш аз пеш дар илму маориф, фарҳанг, идораи давлат ва ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намуда, рисолати таърихии худро дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва рушди устувори миллат сарбаландона иҷро менамоянд. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар сиёсати иҷтимоии давлат ба таври ҳадафмандона ба баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва маънавии занон дар ҷомеа равона гардидааст. Ин сиёсат на танҳо хусусияти эъломиявӣ дорад, балки тавассути таҳия ва татбиқи санадҳои мукаммали меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои дарозмуддат амалӣ мегардад. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» заминаи устувори ҳуқуқиро фароҳам



овардааст, ки ба ҳифзи шаъну эътибори зан, таъмини амнияти иҷтимоӣ ва густариши иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд. Дар идомаи ин раванд, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2030 ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсати давлатӣ ба таҳкими иштироки занон дар идоракунии давлатӣ, иқтисод, илм, маориф ва соҳаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ин стратегия бо дарназардошти тамоюлҳои муосири рушди ҷомеа ва ниёзҳои воқеии кишвар таҳия шуда, ба ташаккули муҳити баробар барои худшиносӣ ва рушди иқтидори занон равона гардидааст. Ҳамзамон, «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023-2030» ба ҳайси як иқдоми стратегӣ имконият фароҳам меорад, ки занони лаёқатманд ва соҳибистеъдод ба низоми идоракунии давлатӣ ва сохторҳои роҳбарикунанда ҷалб

гарданд. Татбиқи ин барнома ба афзоиши шумораи занон дар вазифаҳои масъул, рушди захираҳои кадрии миллӣ ва ташаккули фарҳанги идоракунии муосир мусоидат менамояд.

Дастгирии давлатии духтарони болаёқат ва ҷавондухтарони соҳибистеъдод низ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Тавассути ҷорӣ намудани квотаҳои Президентӣ барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, барномаҳои махсуси дастгирии иҷтимоӣ, стипендияҳо ва лоиҳаҳои рушди иқтидори зеҳнӣ, шароити мусоид барои таҳсил, худтакмилдиҳӣ ва ворид гардидани духтарон ба соҳаҳои илму техника, иқтисод, тиб ва идоракунӣ фароҳам оварда шудааст. Натиҷаи ин тадбирҳо имрӯз дар афзоиши шумораи духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, фаъол гардидани онҳо дар пажуҳишҳои илмӣ ва иштироки бештар дар озмунҳо ва барномаҳои байналмилалӣ ба таври возеҳ мушоҳида мегардад.

Ба шарофати чунин сиёсати пайгирона, занони тоҷик имрӯз на танҳо ба сифати иштирокчии фаъол, балки ҳамчун ташаббускор ва неруи пешбарандаи рушди ҷомеа баромад мекунанд. Дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, соҳибкорӣ ва идоракунии давлатӣ нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ ба рушди занон ва духтарони болаёқат сармоягузорӣ ба ояндаи устувори миллат мебошад. Дар ин раванд, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба занону бонувони фаъолу болаёқат ба ташаккули ҷомеаи одилона, донишбунёд ва мутобиқ ба талаботи асри XXI нигаронида шудааст. Пешвои миллат дар бораи зарурати дастгирии духтарони болаёқат мегӯянд: «Давлат вазифадор аст барои таҳсил ва камолоти духтарони лаёқатманд тамоми шароити заруриро фароҳам оварад, зеро онҳо захираи зеҳнии миллат мебошанд».

Абуалӣ ибни Сино дар осори ахлоқӣ ва тарбиявии худ, аз ҷумла, дар рисолаи «Тадобири манзил» ба нақши зан дар тарбияи инсон аҳаммияти махсус додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки «Агар зан дорои хирад ва дониш бошад, тарбияи фарзандон низ бар пояи ақл ва ахлоқ сурат мегирад ва аз чунин тарбия ҷомеаи солим падид меояд». Ин андеша бозгӯйи он аст, ки Ибни Сино таҳсили занонро на танҳо масъалаи шахсӣ, балки шарти муҳимми ташаккули ҷомеа медонист. Ба назари ӯ, зани донишманд омили асосии интиқоли фарҳанг, ахлоқ ва маърифат ба наслҳои оянда мебошад.

Дар фалсафаи муосири Ғарб низ масъалаи таҳсили занон мавқеи муҳим дорад. Ҷон Стюарт Милл, яке аз ҷонибдорони баробарҳуқуқии занон, чунин таъкид менамояд: «Ҷомеае, ки нисфи аъзои худро аз дониш ва худинкишоф маҳрум месозад, иқтидори пурраи пешрафти худро аз даст медиҳад». Ин андеша равшан месозад, ки таҳсили занон на танҳо масъалаи адолати иҷтимоӣ, балки шарти рушди зеҳнӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии тамоми ҷомеа мебошад.

Ин ду мавқеъ, ҳам дар тафаккури шарқӣ ва ҳам дар фалсафаи аврупоӣ ба як натиҷаи умумӣ мерасанд: таҳсили занон сармоягузорӣ ба ояндаи ҷомеа аст. Чунин иқтибосҳо метавонанд барои донишҷӯдухтарони Маркази таълимии занон «Сарвар» ҳамчун такягоҳи маънавӣ ва ҳадафгузории оянда хидмат намоянд. Дар суханрониҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи маърифат, таҳсил ва нақши занон пайваста ҳамчун омили калидии пешрафти ҷомеа таъкид мегардад. Андешаҳои ӯ имрӯз ба мактаби сиёсӣ-маънавӣ дар самти рушди занон табдил ёфтаанд. Дар бораи аҳаммияти маърифат ва таҳсили занон Сарвари давлат таъкид менамоянд, ки «Мо бояд ба он бирасем, ки ҳар як духтари тоҷик соҳиби дониш, касб ва ҷаҳонбинии муосир бошад, зеро зани босавод ояндаи миллатро тарбия мекунад». Ин андеша далели он аст, ки таҳсили занон танҳо масъалаи инфиродӣ набуда, балки омили стратегии рушди миллӣ ба шумор меравад.

Дар чунин шароити мусоид Муассисаи давлатии Маркази таълимии занон «Сарвар» фаъолияти худро ба татбиқи амалии ин ҳадафҳо равона намуда, ҳамчун як ниҳоди фаъоли иҷтимоӣ дар рушди маърифат, худшиносӣ ва иқтидори зеҳнии занону ҷавондухтарон саҳми назаррас мегузорад. Маркази таълимии занон «Сарвар» бо ибтикори Президенти кишвар соли 1998 бо мақсади дастгирии духтарони болаёқати ҷумҳурӣ ва духтароне, ки тибқи квотаи Президентӣ ба таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаро гирифта шудаанд, таъсис ёфтааст. Марказ тавассути таҳсилоти иловагӣ ба рушди малакаҳои роҳбарӣ ва сарварии духтарон мусоидат намуда, онҳоро ҳамчун занони сарвар ба захираи кадрӣ пешниҳод менамояд.

Маркази мазкур фаъолияти худро дар чанд самти муҳим ба роҳ мондааст, аз ҷумла, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии занон. Пеш аз ҳама, машғулиятҳо аз фанҳои психологияи умумӣ, технологияи информатсионӣ, ҳуҷҷатнигорӣ бо забони давлатӣ, одоби муошират, оиладорӣ ва тарбияи фарзанд, менеҷмент, психологияи иҷтимоӣ-психологияи сарварӣ, мантиқи сарварӣ, риторика ва санъати суханварӣ, асосҳои иқтисодӣ ва хоҷагидории сарварӣ, асосҳои худшиносии миллӣ ва мафкураи миллӣ, технология ва методологияи сарварӣ, менеҷмент ва мудирияти сарварӣ, низоъшиносӣ, асосҳои кори идеологӣ, этикаи сарварӣ, идоракунии давлатии иқтисодиёт, асосҳои ҳуқуқ ва ҳуқуқи сарварӣ, идеологияи сарварӣ ташкил шудаанд, ки аз ҷониби устодони варзида гузаронида мешаванд.

Дар доираи ин самтҳо, дар марказ курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, қонунҳои миллӣ, аз ҷумла, «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» баргузор мегарданд. Ин курсҳо ба занону духтарон имкон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои худро хуб дарк намуда, дар ҷомеа мавқеи фаъол ва огоҳона дошта бошанд.

Маркази таълимии занон «Сарвар» ҳамчун як ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ-маърифатӣ фаъолияти худро ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва худкифоии иқтисодии занон равона намудааст. Дигар аз ҳадафҳои асосии марказ, ташкили курсҳои забономӯзӣ ва касбомӯзӣ буда, ниёзҳои воқеии бозори меҳнат ва имконоти иҷтимоии занонро ба назар мегирад. Дар доираи ин курсҳо омӯзиши касбҳои амалӣ, аз ҷумла, дӯзандагӣ, пухтупаз, ороиши мӯй, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар самтҳои серталаб роҳандозӣ гардида, марказ дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолияти худро ба таври ҳамоҳанг амалӣ менамояд. Ин гуна омӯзишҳо барои занон имкон фароҳам меоранд, ки соҳиби касби мустақил гардида, дар таъмини иқтисодии оила саҳми фаъол гузоранд ва мавқеи иҷтимоии худро дар ҷомеа таҳким бахшанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки худкифоии иқтисодии занон яке аз омилҳои муҳимми таҳкими оила, коҳиши осебпазирии иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагӣ мебошад.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти Маркази таълимии занон «Сарвар» тарғиб ва ҳифзи фарҳанг, анъана ва арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Дар ин замина машғулиятҳои маърифатӣ, вохӯриҳо ва суҳбатҳо оид ба таърихи давлатдории тоҷикон, ҷойгоҳи зан дар фарҳанги миллӣ, одобу ахлоқи тоҷикона, иффат ва порсоӣ баргузор мегарданд. Ин раванд на танҳо ба густариши донишҳои фарҳангӣ, балки ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва худогоҳии иҷтимоии занон мусоидат менамояд.

Вазифаи асосии оинномавии марказ, омодасозии духтарон ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва роҳбарӣ мебошад. Дар ин ҷода марказ ба тайёр намудани донишҷӯдухтарони лаёқатманд ва фаъол таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои рушди иқтидори зеҳнӣ ва иҷтимоии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Дар доираи ин самт тренингҳо ва семинарҳо оид ба рушди малакаҳои роҳбарӣ, суханварӣ, кор бо ҷомеа, идоракунии гурӯҳ ва ташаббускорӣ баргузор мегарданд. Илова ба ин, дар марказ вохӯриҳо бо занон – собиқадорони фаъоли сиёсӣ гузаронида мешаванд, ки фаъолияташон дар соҳаҳои гуногун сазовори эҳтиром мебошад. Чунин вохӯриҳо метавонанд ҳамчун манбаи омӯзиш ва ифтихори таърихӣ барои донишҷӯён хидмат кунанд. Дигар ин ки, суҳбату вохӯриҳо ва барномаҳои тарбиявии Маркази «Сарвар» ҳамчун манбаи илҳом ва меъёр барои духтарон ва занони ҷавон истифода мешаванд, то онҳо дар оянда қадамҳои устувор ба сӯйи роҳбарӣ, соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва хидмати ҷамъиятӣ гузоранд. Ин гуна курсҳо ба татбиқи барномаҳои давлатии омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон мусоидат намуда, ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии духтарон дар бозори меҳнат, инчунин, ба ташаккули малакаҳои роҳбарии онҳо замина мегузоранд. Аз ин рӯ, фаъолияти Маркази «Сарвар» намунаи муваффақи ҳамгироии дастгирии иҷтимоӣ, рушди касбӣ ва тарбияи маънавӣ буда, ба ташаккули занони фаъол, худогоҳ ва масъули ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, Маркази таълимии занон «Сарвар» на танҳо муассисаи омӯзишӣ, балки мактаби воқеии худшиносӣ, маърифат, касбомӯзӣ ва тарбияи шаҳрвандии духтарон ба шумор меравад. Марказ бо фаъолияти густурда ва ҳадафманди худ дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат, таҳкими пояҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот саҳми арзанда мегузорад.

# ВОЖАҲОИ АРАБӢ ДАР «ШОҲНОМА»



Марзбоналӣ ҚУРБОНЗОДА – рӯзноманигор

**Яке аз гаронарзиштарин шоҳасарҳои адабиёти классикии форсу тоҷик «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мебошад, ки асрҳо боз маҳбубияти хосе миёни мардуми олам касб кардааст. «Шоҳнома» қимати адабию бадеии олие дошта, ҳамчунин, ганҷинаи бузурги забони адабии мост.**

Устод Садриддин Айнӣ дар асари худ «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» менависанд: «Забони «Шоҳнома» содатарин ва софтарин забонҳои классикии Эрон аст. Ин забон ҳарчанд тамоман беарабӣ набошад ҳам, бо вуҷуди ин ки дар замони истилои араб бар аҷам навишта шудааст, ба дараҷае, ки беарабӣ гуфтан тавон камарабист... Дар «Шоҳнома» он гуна луғатҳои форсӣ бо он гуна талаффуз кор фармуда шудаанд, ки имрӯз дар забони адабии Эрон кор намефармоянд, аммо дар миёнаи тоҷикон зиндаанд».[30]

Профессор Евгений Бертелс низ қайд кардааст: «Таркиби луғавии достони Фирдавсӣ ва таркиби луғавии забони имрӯзаи тоҷик, албатта, то андозае фарқ мекунанд. Аммо фонди асосии луғавӣ ҳам дар «Шоҳнома» ва ҳам ин ҷо қариб як хел аст».[31]

Аз навиштаи устодон С. Айнӣ ва Е. Бертелс маълум мешавад, ки забони гуфтугӯйии мо бо забони «Шоҳнома» нисбат ба дигар форсизабонон наздиктар аст. Фирдавсӣ замони таълифи ин шоҳасар аз истифодаи зиёди вожаҳои бегона, хоссатан, арабӣ, худдорӣ кардааст. Забоншиноси варзидаи тоҷик Мукаррама Қосимова дар китоби «Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10)» дар боби «Мухтасар оид ба баъзе хусусиятҳои забони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» мегӯяд: «Бино ба тадқиқи олимони забоншинос корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Шоҳнома» камтар аз 900-то аст. Калимаҳои арабиро дар «Шоҳнома» ба ду гурӯҳ (аз нигоҳи имрӯз) ҷудо кардан мумкин аст:




1. Калимаҳои арабие, ки то ҳол дар забони адабии тоҷик дар истеъмоланд: аду, азм, айёр, акбар, аср, аҳд...

2. Калимаҳои арабие, ки онҳо имрӯз дар забони адабӣ ё камистеъмоланд ё ки аз истеъмол баромадаанд ё шакли овозии дигар гирифтаанд: адим (чарм), иёр (холис), азл (бекор кардан)...

Номҳои хосси арабӣ низ корбаст шудаанд: Абулқосим, Абунасри Варроқ, Алӣ, Маҳмуд...»[32].

Забоншиноси рус Лазар Самойлович Пейсиков дар асари худ «Лексикология современного персидского языка» оид ба вожаҳои арабӣ дар забони форсӣ қайд мекунад, ки «Аз тамоми забонҳои Шарқи Наздик ва Миёна, ки зери таъсири арабӣ қарор доранд, форсӣ аз рӯйи миқдори вомҳои луғавии арабӣ дар ҷойи аввал аст. Аммо бояд гуфт, ки вожаҳои арабӣ қариб дуюним аср пас аз оғози ҳуҷуми арабҳо ба забони адабии форсӣ ворид шудан гирифтанд.

«Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аҳаммияти хосса дорад, зеро ки дар он миқдори камтарини вожаҳои арабӣ мавҷуданд. Олими швейтсарӣ Пол Эмбер дар ин асари азим 984 вожаи арабиро шумурдааст, ки тақрибан 0,2%-и кулли вожаҳои шеърро ташкил медиҳанд»[33].

---

[30] Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.11. 1963. – С. 43-44.
[31] Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва, 1960. – С. 176.
[32] Қосимова, М. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1. – Душанбе, 2003. – С. 419-421.

Забоншиноси тоҷик Мардон Муҳаммадиев менависад: «Дар замони эҷоди «Шоҳнома», ки муаллиф кӯшиши кам истеъмол намудани калимаву таъбирҳои арабиро пеш гирифта, ба ҷойи онҳо аксар калима ва ибораҳои аз истеъмол баромадаи худи забон, калима ва ибораҳоро аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ё аз забони тоҷикии қадим истеъмол намудааст, калимаҳои арабӣ аз асрҳои баъд кам бошад ҳам, дучор мешаванд. Шоир дар асар зиёда аз 930 (нуҳсаду сӣ) калимаи арабӣ ва ба воситаи забони арабӣ иқтибосшударо истеъмол намудааст»[34].

Аз сабаби он ки «Шоҳнома» асари бузург аст ва муайян кардани вожаҳои арабии тамоми асар вақти зиёде металабад, мо кӯшидем, ки миқдори вожаҳои арабиро дар муқаддимаи он, яъне, аз «Оғози китоб» то «Андар ситоиши Султон Маҳмуд» муайян кунем, зеро тибқи суннати оғози китоб Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро бо ҳамду наът шуруъ кардааст ва табиист, ки вожаҳои динӣ дар он корбаст мешаванд ва аксари калимаҳои динӣ арабианд. Мо ин ҷо вожаҳоеро арабӣ номидем, ки нишонаҳои вожаҳои арабиро доранд ва этимологияи онҳоро «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд. – Москва, 1969) арабӣ нишон додааст.

Забоншиноси маъруф Ҳомид Маҷидов дар китоби «Забони адабии муосири тоҷик» дар мавриди луғатшиносӣ оид ба нишонаҳои калимаҳои арабӣ маълумот дода, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад. Мо низ дар доираи ҳамин нишонаҳо вожаҳои арабии муқаддимаи «Шоҳнома»-ро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудем:

**1. Нишонаҳои савтӣ:**

***а)*** *«Мавҷудияти ҳамсадои зичи ҳалқии сакта (ъ) дар калима. Ин ҳамсадо дар худ омезиши ҳамсадоҳои арабии айн ва ҳамзаро таҷассум кардааст ва танҳо дар мавқеи миёна ва охири калима зоҳир мешавад. Он дар калимаҳое, ки дар мавқеъҳои аввали худ ин овозро таърихан доштанд, одатан, талаффуз намешавад»[35]:*

Калимаи «**арус**»:
Яке паҳнкиштӣ ба сони **арус**
Биёроста ҳамчу чашми хурӯс. (саҳ. 32)[36]
Калимаи «**моъ**»:
Худованди ҷӯю маю ангабин,
Ҳамон чашмаи ширу **моъ**и маин. (саҳ. 32)
Калимаи «**оҷ**»:
Чу хуршед бар гоҳ бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори тобанда **оҷ**. (саҳ. 39)
Калимаи «**шамъ**»:
Чунон дид равшан равонам ба хоб,
Ки рахшанда **шамъ**е баромад зи об. (саҳ. 40)

***б)*** *Мавҷудияти ҳамсадои зичи забончагии «қ». Мавриди такя ба ин нишона аломатҳои дигари калимаҳои арабиро ба ҳисоб бояд гирифт:*

Калимаи «**ишқ**»:
Падид ояд он гоҳ борику зард,
Чу пушти касе, ки ғами **ишқ** х(в)ард. (саҳ. 30)
Калимаи «**ғарқ**»:
Бидонист, к-ӯ мавҷ хоҳад задан,
Кас аз **ғарқ** берун нахоҳад шудан. (саҳ. 32)
Калимаи «**ғарқа**»:
Ба дил гуфт, агар бо набиву васӣ
Шавам **ғарқа**, дорам ду ёри вафӣ. (саҳ. 32)
Калимаи «**қавӣ**»:
Алиро чунин дону дигар ҳамин,
К-аз эшон **қавӣ** шуд ба ҳар гуна дин. (саҳ. 31)
Калимаи «**қавл**»:
Ки «Ман шаҳри илмам, Алиям дар аст»,
Дуруст, ин сухан **қавл**и пайғамбар аст. (саҳ. 31)

---

[33] Пейсиков, Л. С. Лексикология современного персидского языка. – Москва, 1975. – С. 31-35.
[34] Муҳаммадиев, М. Баъзе хусусиятҳои лексикии «Шоҳнома». – Душанбе, 2005. – С. 51-52.
[35] Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди якум . Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – С. 101.
[36] Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷилди якум. – Душанбе, 2007. – 480 с.

*в) Пайиҳам омадани ду садонок дар калима:*
Калимаи «**маин**»:
Худованди ҷӯю маю ангабин,
Ҳамон чашмаи ширу моъи **маин**. (саҳ. 32)
Калимаи «**моил**»:
Дилат гар ба роҳи хато **моил** аст,
Туро душман андар ҷаҳон худ дил аст. (саҳ. 33)
**2. Нишонаҳои сарфӣ:**
**а)** *Шикасти решаи калима:*
Калимаи «**илм**» (ҳамрешаҳояш калимаҳои «олим», «уламо»):
Ки «Ман шаҳри **илм**ам, Алиям дар аст»,
Дуруст, ин сухан қавли пайғамбар аст. (саҳ. 31)
Калимаи «**аср**» (ҳамрешааш калимаи «муосир»):
Зи гетӣ парастандаи фарри Наср,
Зияд шод дар сояи шоҳи **аср**. (саҳ. 43)
Калимаи «**ҳаким**» (ҳамрешаҳояш калимаҳои «ҳикмат», «ҳукамо»):
**Ҳаким**о, чу кас нест, гуфтан чӣ суд?!
Аз ин пас бигӯ, к-офариниш чӣ буд? (саҳ. 25)
Калимаи «фалак» (ҳамрешааш калимаи «афлок»):
**Фалак**ҳо як андар дигар баста шуд,
Биҷунбид, чун кор пайваста шуд. (саҳ. 27)
Калимаи «**Машриқ**» (ҳамрешааш калимаи «шарқ»):
Чу аз **Машриқ** ӯ сӯйи Ховар кашад,
Зи **Машриқ** шаби тира сар баркашад. (саҳ. 30)
Калимаи «**танзил**» (ҳамрешаҳояш калимаҳои «нозил», «мунзал»):
Чӣ гуфт он худованди **танзил**у ваҳй,
Худованди амру худованди наҳй. (саҳ. 31)
Калимаи «**аҳл**» (ҳамрешааш калимаи «аҳолӣ»):
Манам бандаи **аҳл**и байти набӣ,
Ситояндаи хоки пойи васӣ. (саҳ. 32)
Калимаҳои «**рамз**» ва «**маънӣ**» (ҳамрешаҳояшон калимаҳои «рамуз», «маонӣ»):
Аз ӯ ҳарчӣ андархурад бо хирад,
В-агар бар раҳи **рамз маънӣ** барад. (саҳ. 34)
Калимаи «**назм**» (ҳамрешаҳояш калимаҳои «низом», «нозим»):
«Ба **назм** орам ин номаро – гуфт – ман»
Аз ӯ шодмон шуд дили анҷуман. (саҳ. 35)
**3. Нишонаҳои маъноӣ:**
***а)*** *ифодакунандаи мафҳуми муҷаррад:*
Калимаи «**ғам**»: (саҳ. 25)
Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯят **ғам** аст,
Аз ӯят фузунӣ, аз ӯят кам аст.
Калимаи «**мустаманд**»:
Агар дил нахоҳӣ, ки бошад нажанд,
Нахоҳӣ, ки доим бувӣ **мустаманд**. (саҳ. 31)
Калимаи «**вафӣ**»:
Ба дил гуфт, агар бо набиву васӣ
Шавам ғарқа, дорам ду ёри **вафӣ**. (саҳ. 32)
Калимаи «**буғз**»:
Ҳар он кас, ки дар дил-ш **буғз**и Алист,
Аз ӯ зортар дар ҷаҳон зор кист? (саҳ. 33)
Калимаи «**ниҳеб**»:
Ҳаме доштам чун яке тоза себ,
Ки аз бод н-ояд ба ман – бар **ниҳеб**. (саҳ. 38)
Калимаи «**вафо**»:
Ба базм – андарун осмони **вафо**ст,
Ба разм – андарун тезчанг аждаҳост. (саҳ. 42)

Калимаи «**фусус**»:
Ва дигар диловар сипаҳдор Тус,
Ки дар ҷанг бар шер дорад **фусус**. (саҳ. 43)
Калимаи «**фитрат**»:
Нахустини **фитрат**, пасини шумор
Туӣ, хештанро ба бозӣ мадор! (саҳ. 28)
***б)** истилоҳоти динӣ:*
Калимаҳои «**ваҳй**» ва «**наҳй**»:
Чӣ гуфт он худованди танзилу **ваҳй**,
Худованди амру худованди **наҳй**. (саҳ. 31)
Калимаи «**расул**»:
Ки хуршед баъд аз **расул**они меҳ,
Натобид бар кас зи Бӯбакр беҳ. (саҳ. 31)
Калимаи «**ислом**»:
Умар кард **ислом**ро ошкор,
Биёрост гетӣ чу боғи баҳор. (саҳ. 31)
Калимаи «**набӣ**»:
Агар беҳ набудӣ сухан аз Худой,
**Набӣ** кай будӣ назди мо раҳнамой. (саҳ. 32)
Калимаи «**саҳоба**»:
Набӣ офтобу **саҳоб**он чу моҳ,
Ба ҳам бастани якдигаррост роҳ. (саҳ. 32)
Калимаи «**васӣ**»:
Агар чашм дорӣ ба дигар сарой,
Ба назди набиву **васӣ** гир ҷой. (саҳ. 32)
Калимаи «**марг**»:
Бар ӯ тохтан кард ногоҳ **марг**,
Ба сар барниҳодаш яке тира тарг. (саҳ. 35)
Калимаи «**ҳашр**»:
Худоё, бубахшо гуноҳи варо,
Бияфзой дар **ҳашр** ҷоҳи варо! (саҳ. 36)
***в)** мафҳумҳои маъмурию ҷамъиятӣ:*
Калимаи «**амр**»:
Чӣ гуфт он худованди танзилу ваҳй,
Худованди **амр**у худованди наҳй. (саҳ. 31)
Калимаҳои «**ливо**» ва «**сарир**»:
Ҳамоно, ки бошад, маро дастгир
Худованди тоҷу **ливо**ву **сарир**. (саҳ. 32)

Танҳо вожаҳои **нахл, даҳр**, **баҳр, олат** ва **байт** нишонаҳое, ки устод Ҳ. Маҷидов зикр намудаанд, надоранд, вале ин вожаҳо арабианд:

Калимаи «**нахл**»:
Касе к-ӯ шавад зери **нахл**и баланд,
Ҳамон соя з-ӯ боздорад газанд. (саҳ. 34)
Калимаҳои «**даҳр**» ва «**баҳр**»:
Бибахшад дирам, ҳарчӣ ёбад зи **даҳр**,
Ҳаме офарин ҷӯяд аз **даҳр баҳр**. (саҳ. 43)
Калимаи «**олат**»:
Бад-ин **олат**и рою ҷону равон
Ситуд офаринандаро кай тавон? (саҳ. 24)
Калимаи «**байт**»:
Манам бандаи аҳли **байт**и набӣ,
Ситояндаи хоки пойи васӣ. (саҳ. 32)

Ҳамин тариқ, агар номи инсонҳоро ба ҳисоб нагирем, муқаддимаи «Шоҳнома», ки аз 237 байт иборат аст, 41 байташ (аз ҷумла, 29 байташ яктоӣ, 7 байташ дутоӣ, 1 байташ сето ва 4 байташ чортоӣ) вожаи арабӣ доранд. Дар маҷмуъ, Ҳаким Фирдавсӣ дар ин қисмати «Шоҳнома» 46 вожаи арабиро кор фармудааст, яъне, 1,85%-и вожаҳои муқаддима арабианд.

# «АДАБ» ВА ВОРИСИ ОН «МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН»

**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», номзади илмҳои филологӣ**

**Нашриёҳои соҳавӣ аз воситаҳои муассири иттилоотӣ ва маърифатӣ ба шумор рафта, дар рушди соҳаи маориф ва ташаккули тафаккури иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа нақши калидӣ доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маориф аз ҷониби Роҳбарияти олии давлат ҳамчун омили асосии рушди инсон ва пояи давлатдории миллӣ арзёбӣ мегардад, нашриёҳои илмӣ-таълимӣ ба сифати минбари паҳнсозии сиёсати давлатӣ, таҷрибаи педагогӣ ва арзишҳои миллӣ хидмат мекунанд.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд: «Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани оияндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад» [14, с. 39].

Дар ҳамин замина, нақши нашриёҳои соҳавӣ ҳамчун яке аз воситаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф хеле бузург аст.

Муҳаққиқ М. Муродов менависад, ки «Дар низоми матбуоти даврии тоҷик нашриёҳои соҳавӣ на танҳо мавқеи муҳим, балки таърихи тӯлонӣ доранд. Дар саргаҳи ин типи матбуот нашриёҳои соҳаи маориф қарор доранд» [9, с. 78].

Нахустин нашрияи соҳаи маориф маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» (1926) мебошад, ки бо мурури замон ба «Дониш – биниш» (1927), «Раҳбари дониш» (1927), «Инқилоби маданӣ» (1930), «Мактаби советӣ» (1938), «Маърифат» (1991) табдили ном карда, имрӯз бо номи «Маърифати омӯзгор» (2006) чоп мешавад. Дигар аз нашриёҳои соҳаи маориф рӯзномаи «Барои маорифи коммунистӣ»(1932) мебошад, ки бо ҳамин ном то соли 1938 чоп шудааст. Бо дарназардошти талаботи замон, рӯзномаи мазкур низ дар тӯли солҳои гуногун бо номҳои «Газетаи муаллимон» (1938), «Маориф ва маданият» (1959), «Газетаи муаллимон» (1981), «Омӯзгор» (аз соли 1989 то имрӯз) чоп мешавад.




Роҷеъ ба таърих ва нақши нашриёҳои мазкур дар рушди маорифи кишвар пажуҳишҳои зиёди илмиву оммавӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла, китобҳои И. Усмонов «Журналистика» (часть 2) [16], И. Усмонов., Д. Давронов «Таърихи журна-листикаи тоҷик» [17], А. Азимов «Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик» [2], мақолаҳои М. Муродов «Рисолати «Омӯзгор» [8] ва «Маърифати омӯзгор» дар низоми мат-буоти соҳавӣ» [9], рисолаҳои Н. Нуралиев, А. Муродӣ, М. Рустам «Оинаи маориф» [12], М. Рустамзода «Нахустматбуоти соҳаи маориф» [15], Х. Андамов «Раҳбари до-ниш» – маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ [3], Н. Нурализода «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» [13] дар шинохти матбуоти даврӣ, бахусус, нашриёҳои соҳаи маорифи кишвар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» хеле муҳим мебошанд.

Нашриёҳои соҳаи маориф аз ибтидои ташаккули матбуоти тоҷик то имрӯз вазифаҳои зеринро иҷро намудаанд:

- шарҳу тавзеҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;
- тарғиби қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф;
- боло бурдани савияи касбии омӯзгорон;
- мусоидат ба таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи забони давлатӣ;
- фароҳам овардани фазои илмӣ ва мубоҳисавӣ барои муҳаққиқону омӯзгорон.

Метавон ҳадс зад, ки нашрияҳои соҳавӣ дар низоми матбуоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун абзори сиёсати давлатӣ, минбари худшиносӣ ва воситаи рушди касбии омӯзгорон нақши бузург дорад. Онҳо дар паҳн намудани қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, таҷрибаи педагогӣ ва дастовардҳои илмӣ саҳми назаррас гузошта, ба ҳадафҳои стратегии давлат – боло бурдани сифати таҳсилот, рушди захираҳои инсонӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ хидмат мекунанд.

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоид ва имконоти фарохеро барои рушди низоми маориф ва афзоиши нашрияҳои соҳавӣ фароҳам овард. Дар ҳамин замина яке аз дастовардҳои муҳим таъсиси маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Маорифи Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад.

Оид ба заминаҳои пайдоиш, мундариҷа ва нақши ин маҷалла дар баррасии масъалаҳои маориф то имрӯз як қатор пажуҳишҳои илмӣ ва оммавӣ дар шакли мақолаҳо анҷом ёфтаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои Саида Набиева «Маорифи Тоҷикистон» дар сӣ сол» (2021), Бахтиёри Қутбиддин «Минбари афкори озод» [4] ва Шамсия Наврӯзова «Аз «Адаб» то «Маорифи Тоҷикистон»: заминаҳои пайдоиш ва рушди мавзую мундариҷаи маҷалла» (2024) мисол шуда метавонанд. Ин навъ таҳқиқотҳо аз ҷиҳати таърихӣ ва илмӣ аҳаммияти хоса доранд, зеро нақши маҷаллаи мазкурро ҳамчун минбари рушди андешаҳои педагогӣ, маърифатӣ ва илмӣ равшан месозанд.

Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» ҳамсоли истиқлоли давлатӣ буда, муассисаш Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи муҳаққиқ Бахтиёр Қутбиддин, «Дар фаъолияти Вазорати маориф ва илм матбуоти соҳавӣ нақши умда дорад, ҳатто метавон гуфт, матбуоти соҳаи маориф ба рушди инкишофи кишвар ва ташаккули маърифати мардум аз ибтидо таъсири махсус расонда тавонистааст. Имрӯз сертиражтарин нашрияҳои соҳавии ҷумҳурӣ ва ҳам серхондатарин марбут ба Вазорати маориф ва илм мебошад. Дар ин самт маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» истисно нест» [4, с. 9-10].

Шумораи нахустини маҷалла моҳи июли соли 1991, бо номи «Адаб», ду моҳ қабл аз қабули Эъломияи истиқлол ба нашр расид. Таъсиси он маҳсули талошу ҷидду ҷаҳди рӯшанфикрони тоҷик дар солҳои 80-90-уми асри гузашта буд. Ин давра бо бедории миллӣ ва талошҳо барои эътирофи мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ тавъам буда, ба ташаккули ниҳодҳои нави фарҳангиву илмӣ таъсири мусбат расонд.

Аввалин сармуҳаррири маҷалла – Шамсулло Исломов дар мусоҳибае бо ҳафтаномаи «Омӯзгор» ҳадафу зарурати таъсиси ин нашрияро чунин шарҳ додааст: «Дар шароите, ки диди хештаншиносии аҳли ҷомеа боло мегирад, забондонӣ ва адабомӯзӣ як рукни волои ташаккули шахсияти инсон қарор меёбад. Эҳтиёҷ ба мероси ниёгон ва асарҳои баландғояи адибони муосир торафт меафзояд. Чунин ниёзро наметавонад як-ду маҷалла ё рӯзнома бароварад ва афзудани шумораҳои нашрияҳои нав, аз ҷумла, таъсиси маҷаллаи «Адаб» низ ба ҳамин хотир аст» [18].

Ш. Исломов бо ишора ба мушкилоти илми адабиёт, таърих, педагогика ва методикаи таълим дар он давра, зарурати баромадан аз қолабҳои маҳдуд ва ҷалби усулҳои навро таъкид намудааст. Ба андешаи ӯ: «Имрӯз аз боғча то донишкадаи олӣ ҳама ба маводи сара ва усулҳои судманду самарабахши таълиму тадрис ниёзманданд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки беҳтарин таълифоти уламои ҳамватан ва хориҷиро роҷеъ ба улуми адаб, таърих, фалсафа, ахлоқ, тариқу равиш ва шеваи омӯзиш ба табъ расонем» [18].

Роҷеъ ба номгузории маҷалла андешаҳои Ш. Исломов низ ҷолиби диққат мебошад: «Аввалан ин маҷалларо «Забон ва адабиёти тоҷик» номгузорӣ карда буданд, вале ин ном ба назарам, дархӯри замон набуд. Баъдтар номҳои «Бунёди сухан» ва «Адабистон» пешниҳод шуданд. Азбаски дар ҷумҳурӣ нашрияи «Сухан» арзи ҳастӣ дораду дар кишвари ҳамҷавори мо – Ирон маҷаллаи «Адабистон» дар ташвиқу тарғиби адабиёти форсизабонон саҳмгузор аст, аз онон нусхабардорӣ кардан нахостем. Барои маҷаллаи нав 16 ном пешниҳод шуда буд ва мо «Адаб»-ро интихоб кардем. Зеро калимаи «Адаб» кулли донишҳоеро, ки ба илми арӯз, қофия, луғат, сарфу наҳв вобастаанд, дар бар мегирад. Ҳамчунин, ин мафҳум ба хулқи неки писандида, покизагиву ҳунар ва таълиму тарбият далолат намуда, бозгӯи пиндори амали мо гашта метавонад» [18].

Муҳаққиқ Шамсия Наврӯзова дар мавриди номгузории маҷалла менависад, ки «Ш. Исломов барои ҳалли масъала ба донишмандон, аз ҷумла, директори Институти забон ва адабиёти тоҷик Абдулқодир Маниёзов муроҷиат кард. Мавсуф номи «Адаб»-ро маъқул дониста гуфт: «Агар вазъи молиявии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ имконият медод, мо ҳатман чунин як маҷалларо бо номи «Адаб» таъсис менамудем. Чун алҳол ин имконият ба дастандаркорони Вазорати маориф муяссар гардидааст, аз «Адаб» дида номи беҳтару муносибе нест» [11, с. 45].

Дар ҳамон давра мушкилоти асосие, ки барои кулли нашрияҳо хос буд, корҳои ташкилӣ, дарёфти коғазу чопхона мебошад. Маҷаллаи «Адаб» низ аз ин мушкилот дар канор набуд. Тавре Ш. Исломов ёдовар мешавад, дар лаҳзаҳои бисёр душвор як қатор ташкилоту муассисаҳо ҷиҳати чопи маҷалла дасти ёрӣ дароз намуданд: «Нахустин муассисоте, ки маҷалларо аз лиҳози моддӣ дастгирӣ карданд, Донишкадаи политехникӣ (ректораш Содиқов Хусрав), Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе (ректораш Ямоқов Эргаш) ва Бунёди забони тоҷикӣ (форсӣ) (раисаш Лоиқ Шералӣ) буданд» [1, с. 5].

Муҳаққиқ Бахтиёр Қутбуддин саҳми бевосита ва таваҷҷуҳи устод Лоиқро дар ин самт махсус қайд мекунад: «Лоиқ Шералӣ аз ҳисоби Бунёди забони тоҷикӣ (форсӣ) барои нашри се шумораи маҷалла маблағи муайян ҷудо намуд, ки ин иқдом танҳо як дастгирии молиявӣ набуд, балки давоми муборизаҳои устувори ӯ барои истиқлоли забон ва фарҳанги миллӣ арзёбӣ мегардад. Ин талошу мусоидати устод Лоиқ бесабаб набуд. Он давоми ҳамон истодагариву муборизаҳои эшон барои истиқлоли забону фарҳанги миллӣ буд, ки ҳанӯз дар охири солҳои шастум аз нашри як мақолаи дастаҷамъона дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» оғоз гардида буд. Маҷалла дар ин роҳ қадамҳои устувор ниҳод ва дар замоне ки нашри матбуот дар ҷумҳурӣ хеле маҳдуд буд, тавонист ба худшиносии миллӣ ва оламӣ тафаккури ҷомеа, бахусус, омӯзгорон, таъсири мусбати худро расонад» [4, с. 11].

Ба андешаи Ш. Исломов, чунин маҷалла бояд сӣ ё чиҳил сол пеш таъсис меёфт. Ӯ таъкид мекунад, ки ин орзуи деринаи олимону омӯзгорон буд: «Ҳанӯз дар моҳи январи соли 1984, дар яке аз ҷаласаҳои Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, ки масъалаҳои ибора ва аъзоҳои ҷумла баррасӣ мешуданд, профессори шодравон Додоҷон Тоҷиев зарурати таъсиси маҷаллаеро, ки танҳо ба масъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик бахшида шавад, таъкид карда буданд» [18].

Аз афкори боло бармеояд, ки фаъолияти маҷаллаи «Адаб» на танҳо як иқдоми фарҳангӣ, балки падидаи муҳимми таърихӣ дар марҳалаи худшиносии миллӣ буд. Саҳми муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ дар дастгирии он нишон медиҳад, ки ҷомеаи зиёӣ зарурати чунин минбарро амиқ дарк мекард. Бахусус, нақши Лоиқ Шералӣ ҳамчун як шахсияти фарҳангӣ ва муборизи забон хеле назаррас буд.

Дар ҳамин ҳол, ёдоварии пешниҳодҳои солҳои қаблӣ (масалан, профессор Д. Тоҷиев соли 1984) нишон медиҳад, ки ташкили чунин маҷалла зарурати таърихӣ буд, ки танҳо дар шароити муносиб амалӣ гардид.

Маҷаллаи «Адаб» дар шароите ба вуҷуд омад, ки матбуоти тоҷик бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди ин, дастгирии муассисаҳои илмиву таълимӣ ва шахсиятҳои маъруфи миллӣ имкон фароҳам овард, ки он ба як минбари муҳимми худшиносии миллӣ табдил ёбад. Таъсиси он як ҷавоби саривақтӣ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеаи тоҷик дар остонаи истиқлол буд. Ин нашрия ба сифати минбари илмиву методӣ, ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои муҳаққиқон, дар ташаккули низоми миллии маориф ва таҳкими худшиносии миллӣ руҳияи нав бахшид. «Дар ҳайати мушовараву таҳририяи он ҷой доштани номи фарзонафарзандоне, чун Расул Ҳодизода, Маҳмадулло Лутфуллоев, Мирзо Боқизода, Латофат Насриддинова ва дигарон нишондиҳандаи неруи маҷаллаи мазкур мебошад» [4, с. 11].

Шумораи нахустини маҷаллаи *«Адаб»* 1 июли соли 1991 ба табъ расид. Мундариҷаи он аз мақолаву маводе иборат буд, ки ҳадафи маҷалларо ҳамчун минбари илмӣ, фарҳангӣ ва омӯзишӣ равшан мекард. Шумораи аввали маҷалла аз қисматҳои «Аз мароми мо», «Табрикоти самимӣ» ва «Сипоснома» оғоз гардида, мақолаҳои зеринро фаро мегирифт: Исмоил Давлатов – вазири маорифи ҶШС Тоҷикистон: «Забон ва замон»; Мусоҳиба бо академик Муҳаммадҷон Шукуров: «Давлати тоҷик – забони тоҷик аст»; Толиби Ваҳҳоб: «Забони давлатӣ ва умури коргузорӣ»; Саидаҳмад Қаландар: «Эъҷози Қуръон ва мероси адабии ниёгон»; Имом Суютӣ: «Ҳазору як ҳадис»; Ҳошим Ризо: «Готҳо»; *Шарҳи ғазале аз Ҳофиз;* Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ: Ғазалиёти

дилангез; Ардамеҳр: «Фарҳанги кучаки номҳои тоҷикӣ»; Ҷамолиддин Саидзода: «Роҳҳои ҳифзи шеър зимни таълими адабиёт»; Матолиб оид ба вазъи обуна ба маҷалла. Маводи мазкур дар қолаби рубрикаҳои мавзуӣ («Ба истиқболи Рӯзи забони тоҷикӣ», «Анҷуманоро», «Қонуни забон», «Роҳнамои хирад», «Биёмӯзем то биёмӯзонем», «Гулзори Ирам», «Номнома», «Шеваи омӯзиш», «Ёдвора») нашр гардиданд [1].

Мазмуну мундариҷаи шумораи аввал нишон медиҳад, ки масъалаи забон дар меҳвари барномаҳои маҷалла қарор дошт. Дар мақолаҳои И. Давлатов, М. Шукуров ва Т. Ваҳҳоб забон ҳамчун пояи давлатдорӣ ва рамзи ҳувияти миллӣ арзёбӣ гардидааст. Ин иқдом ба таври мустақим бо раванди қабули Қонуни забони давлатӣ (1989) ва афзоиши худогоҳии миллӣ пайванд дошт.

Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба мероси фарҳангиву динӣ (матолиб оид ба Қуръон, ҳадис, осори Ҳофизу Мавлоно ва «Готҳо») нишон медиҳад, ки маҷалла мақсад дошт, заминаҳои маънавии ҷомеаро мустаҳкам кунад. Қисмати омӯзишӣ ва амалӣ (масалан, мақолаи Ҷ. Саидзода оид ба ҳифзи шеър дар таълими адабиёт) равшан месозад, ки маҷалла, инчунин, ҳамчун дастури илмӣ-методӣ барои омӯзгорон ва муҳаққиқон хидмат мекард. Сохтори мавзуии маҷалла бо рубрикаҳои гуногун низ таҷрибаи нав буд, ки матолибро систематикӣ намуда, ба маҷалла симои илмӣ ва касбӣ мебахшид.

Нашри шумораи аввалини маҷаллаи «Адаб» (1 июли соли 1991) ба унвони рӯйдоди фарҳангиву илмӣ ва миллӣ арзёбӣ мегардад. Он дар марҳалаи ҳассоси таърихӣ, замони оғози истиқлоли миллӣ ба саҳна омад ва бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои забон, мероси фарҳангӣ ва таълиму тарбия ба минбари муҳимми худшиносии миллӣ табдил ёфт. Аз ин ҷиҳат, «Адаб» аз оғоз танҳо як нашрия набуд, балки манифести фарҳангӣ ва забонӣ ба ҳисоб мерафт, ки нақши он дар бедории маънавии ҷомеа ва таҳкими ҳувияти миллӣ устувор аст. Ба андешаи муҳаққиқ Бахтиёр Қутбиддин, «Дар саргаҳи камоли маҷалла қарор гирифтани Лоиқ Шералӣ ва Муҳаммадҷон Шакурӣ барин шахсиятҳо фоли нек аст ва гувоҳи он мебошад, ки каломи маҷалла дерзиву поянда мебошад» [4, с. 11].

Аз оғози таъсисёбӣ маҷаллаи «Адаб» мавқеи хосса пайдо кард. Агар соли аввали нашр он бо теъдоди 3500 нусха чоп мешуд, соли 1992 шумораи муштариёнаш ба 6 ҳазор расид. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки маҷалла аз ҷониби хонандагон ба хушнудӣ пазируфта шуда, ба ниёзҳои маънавӣ ва илмии ҷомеа ҷавобгӯ буд.

Бо оғози воқеаҳои фоҷиабори кишвар – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992-1997) аксари нашрияҳо, аз ҷумла, маҷаллаи «Адаб» ба мушкилоти иқтисодӣ дучор гардиданд. Бо вуҷуди ин, маҷалла фаъолияти худро қатъ накард ва дар шароити вазнин низ хонандагонро бо маводи зарурӣ таъмин намуд. Ин нишон медиҳад, ки аҳли эҷод ва роҳбарияти маҷалла масъулияти маънавии худро дар назди ҷомеа иҷро мекарданд.

Аз соли 1991 то соли 1996 сармуҳарририи маҷалларо Шамсулло Исломов ба уҳда дошт. Соли 1996 роҳбарӣ ба дӯши Шодӣ Шокирзода гузошта шуд, ки то соли 2019 дар ин вазифа фаъолият кард. Аз соли 2019 то соли 2025 роҳбарии маҷалларо Саида Набизода ба зимма дошт ва айни замон сармуҳаррири он Ноилшоҳ Нурализода мебошад.

Маҷалла аз моҳи июли соли 1991 то моҳи феврали соли 2006 бо номи «Адаб» фаъолият намуда, дар ин муддат 73 шумора ба табъ расонд. Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (12 январи соли 2006) маҷалла ном ва формати худро тағйир дода, аз моҳи марти соли 2006 бо номи «Маорифи Тоҷикистон» ба чоп мебарояд [6].

Дар давраи «Адаб» маҷалла асосан ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, рушди тафаккури хонандагон ва дастгирии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик нигаронида шуда буд. Аммо пас аз табдили ном ва ҳадафгузорӣ, фаъолияти он васеъ гардида, мавзуъҳои гуногуни илмӣ ва педагогиро фаро гирифт. Сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» Саида Набизода дар солҳои (2019-2025) менависад: «Аз соли 2000 баробари дигаргуниҳои мусбат маҷалла ҳам рӯ ба пешрафт овард. Якум, ҳаҷми он, ки хеле хурд буд (А-4), калонтар шуд (А-3), теъдоди саҳифаҳои маҷалла аз 48, 54, 60 ба 64 расид, ки ин омилҳо имконият фароҳам оварданд, ки ҳам сарфаи коғаз ба назар гирифта шавад ва ҳам барои омӯзгорон маводи бештар пешниҳод гардад… Ҳамчунин, чопи акси муаллифон бо мақолаҳояшон низ роҳандозӣ гашт, ин амал барои муаррифии чеҳраҳои соҳа ва қадршиносии онҳо кори хубест» [10, с. 6].

Бо густариши мундариҷа ва афзоиши ҳаҷм саҳифаву рубрикаҳо ба монанди «Минбари баҳс», «Минбари омӯзгор», «Педагогика», «Равоншиносӣ», «Таҳсилоти томактабӣ», «Маориф ва

замон», «Дарси муосир», «Таҳқиқот», «Табиат ва мо», «Физика», «Нуҷум», «Варзиш», «Ахлоқ», «Адабиётшиносӣ», «Фазилат», «Таърих», «Ҷомеа ва замон» ва амсоли ин, на танҳо мавзуъҳои забон ва адабиёт, балки соҳаҳои дигари илм, фарҳанг ва маорифро низ дар бар гирифтанд. Ҳамин тавр, маҷалла фаъолияти худро бо сохтор ва вазифаҳои Вазорати маориф ва илм мутобиқ гардонида, ба як нашрияи фарогир табдил ёфт.

Сайри таърихии маҷалла нишон медиҳад, ки он аз оғоз ҳамчун як минбари худшиносии миллӣ ва фарҳангӣ ба саҳна омад. Дар шароити душвор (солҳои ҷанги шаҳрвандӣ) низ давом ёфтани фаъолият далели устувории рисолати он аст. Табдили номи маҷалла ба «Маорифи Тоҷикистон» на танҳо як тағйири рамзӣ, балки васъати ҳадафҳо ва мутобиқшавӣ ба талаботи нави замон буд. Раванди фаъолияти маҷалларо бо истифода аз методи муқоисавӣ-таърихӣ метавон ба ду марҳала ҷудо намуд, ки дар онҳо фарқият дида мешавад:

1. Марҳалаи «Адаб» (1991-2006) – марҳилаи худшиносӣ, ҳифзи забон ва адабиёт, дастгирии омӯзгорон.

2. Марҳалаи «Маорифи Тоҷикистон» (2006 то имрӯз) – марҳалаи густариши мундариҷа, фарогирии соҳаҳои гуногуни илм ва маориф, мутобиқшавӣ ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф.

Маҷаллаи «Адаб» ва вориси он «Маорифи Тоҷикистон» намунаи барҷастаи таҳаввулоти матбуоти илмӣ ва педагогӣ дар давраи истиқлол мебошанд. Аз минбари забон ва худшиносии миллӣ то минбари фарогири илм ва маориф табдил ёфтан, гувоҳи он аст, ки ин нашрия тавонист ба талаботи ҷомеа мутобиқ гардад.

Ҳамин тавр, «Маорифи Тоҷикистон» имрӯз на танҳо таҷрибаи таърихии «Адаб»-ро идома медиҳад, балки ҳамчун минбари умумиилмӣ ва педагогӣ дар низоми матбуоти соҳавӣ мавқеи устувор пайдо кардааст.

**Адабиёт**


1. Адаб. – №1. – 1991.

2. Азимов, А Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик / А. Азимов. –Душанбе: Адиб, 1998. – 90 с.

3. Андамов, Х. «Раҳбари дониш» – маҷаллаи маорифӣ ва адабӣ / Х. Андамов. – Душанбе: Истеъдод, 2017. – 128 с.

4. Бахтиёр, Қ. Минбари афкори озодагон / Қ. Бахтиёр // Маорифи Тоҷикистон. – №1. – 2022. – С. 9-12.

5. Исломов, Ш. Сипоснома / Ш. Исломов // Адаб. - №1. – 1991. – С. 5-6.

6. Маорифи Тоҷикистон. – №1. – 2006.

7. Мирбобоев Р., Зиёев Х., Қосимӣ С., Бадалов Б. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – 192 с.

8. Муродов, М. Б. Рисолати «Омӯзгор» // Аз се шохаи як илм / М. Б. Муродов – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С. 65-72.

9. Муродов, М. Б. «Маърифати омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавӣ // Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 76-86.

10. Набизода, С. «Маорифи Тоҷикистон» дар сӣ сол / С. Набизода // Маорифи Тоҷикистон. – №11. – 2021. – С. 5-8.

11. Наврӯзова, Ш. «Маорифи Тоҷикистон»: заминаҳо ва рушди мавзую мундариҷаи маҷалла / Ш. Наврӯзова // Маорифи Тоҷикистон. – №9. – 2021-4. – С. 43-47.

12. Нуралиев, Н. Оинаи маориф / Н. Нуралиев, А. Муродӣ, М. Рустам. – Душанбе, 2012. – 160 с.

13. Нурализода, Н. Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон / Н. Нурализода. – Душанбе, 2024. – 208с.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – С. 39.

15. Рустамзода, М. Нахустматбуоти соҳаи маориф / М. Рустамзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 174 с.

16. Усмонов, И. К. Журналистика (Часть 2) / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 200 с.

17. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов., Д. Давронов. – Душанбе: 2008. – 280 с.

18. Шокирзода, Ш. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ / Ш. Шокирзода // Омӯзгор. – 1991. – 17 июл.

# БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲКИМИ НЕРУИ ЗЕҲНИИ КИШВАР



Набӣ ҚОДИРОВ – мутахассиси пешбари Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва омӯзгори калони ДҶТИБКСМ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои роҳбарии худ маорифро самти муҳимми сиёсати давлатӣ қарор дода, дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардаанд, ки рушди кишвар бе илму маориф номумкин аст. Дар Тоҷикистон маориф ҳамчун асоси давлатдорӣ ва пешрафти ҷомеа мақоми махсус дорад. Маориф на танҳо дониш медиҳад, балки шахсиятро ташаккул дода, шаҳрвандони комилро тарбия мекунад ва ҳисси миллиро тақвият мебахшад.**

Имрӯзҳо, ки ҷаҳонишавӣ авҷ гирифтааст, илмҳои дақиқ, бахусус, фанҳои табиӣ-риёзӣ, аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Маҳз ҳамин фанҳо ба ҷомеа имкон медиҳанд, ки ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ бирасад ва дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи худро мустаҳкам намояд. Математика, физика, химия, биология ва информатика заминаи технологияҳои нав ва иқтисоди пешрафтаро ташкил медиҳанд. Тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар ин соҳаҳо барои пешрафти устувори кишвар ва беҳбудии зиндагии мардум муҳим аст. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ вазифаи муҳимми соҳаи маориф ва сиёсати стратегии миллӣ мебошад.

Барои рушди фанҳои табиӣ-риёзӣ дар кишвар иқдоми зиёде роҳандозӣ шудааст. Аз ҷумла, муассисаҳои таълимӣ сохта шуда, синфхонаҳо бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардиданд. Олимпиадаву озмунҳои ҷумҳуриявӣ ташкил карда шуда, омӯзгорону донишҷӯёни қобилиятнок дастгирӣ меёбанд. Ин раванд на танҳо хонандагону донишҷӯён, балки омӯзгоронро низ фаро гирифта, онҳоро водор месозад, ки пайваста малака ва дониши худро такмил диҳанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии моддии омӯзгорон ва муҳаққиқони соҳаи илмҳои табиӣ-риёзӣ низ тадбирҳо меандешад, то онҳо тавонанд бо неруи бештар ба кашфиёти нав имкон ёбанд.

Ғайр аз ин, дар доираи барномаҳои давлатӣ, барои ҷалби бештари ҷавонон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ ва табиӣ чорабиниҳои гуногун, аз қабили семинарҳо, конфронсҳо ва курсҳои кутоҳмуддат ташкил карда мешаванд. Ҳадаф аз ин тадбирҳо баланд бардоштани шавқу ҳаваси



насли ҷавон ба ин фанҳо ва омода сохтани онҳо барои таҳсили минбаъда дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мебошад. Инчунин, барои мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии хориҷӣ роҳандозӣ шудааст. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯёни тоҷик аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар истифода баранд ва дар оянда ба ҳайси мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат баромад карда тавонанд.

Дар маҷмуъ, ташаббусҳои Роҳбари давлат дар самти рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба беҳбудии сатҳи таълим равона шудааст, балки ба таҳкими иқтидори зеҳнии миллат ва таъмини пешрафти устувори кишвар дар оянда нигаронида шудааст. Аз ин нуқтаи назар, ки маориф аҳаммияти стратегӣ дорад, якчанд барномаи давлатӣ қабул ва амалӣ шудааст. Мисол, Стратегияи миллии

рушди маориф то соли 2030 қабул гардидааст, ки ҳадафи он мутобиқ кардани низоми таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Илова бар ин, Барномаи давлатии рушди фанҳои дақиқ ва табиӣ амалӣ шуда истодааст, ки барои беҳтар намудани дараҷаи таълим дар соҳаҳои математика, физика, химия ва биология равона шудааст. Дар доираи ин барномаҳо мактабҳои нав ва кабинетҳои фаннӣ бо дастгоҳҳои замонавӣ сохтаву таъмин карда мешаванд. Танҳо дар соли 2026 барои соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ тақрибан 14 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2015 тақрибан панҷуним баробар зиёдтар аст. Бинобар ин, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон бо ташаббусҳои доимии Президент ва дастгирии молиявии бузург асос ёфта, ба пешрафти устувори фанҳои табиӣ-риёзӣ ва баланд шудани сатҳи маърифати ҷомеа нигаронида шудааст. Ин сиёсат на танҳо инфрасохтори соҳаи маорифро мустаҳкам мекунад, балки барои ташаккули асоси ҳуқуқӣ ва илмии соҳа низ замина гузошта, дар навбати худ ояндаи кишварро дар роҳи тараққиёти ақлонӣ ва иқтисодӣ таъмин менамояд.

Яке аз ташаббусҳои бузурги Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф ва илм эълон намудани «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020-2040) мебошад. Ин иқдом ҳамчун барномаи миллӣ ва стратегӣ роҳандозӣ шуд, ки ҳадафи асосии он, баланд бардоштани сифати таълим дар фанҳои дақиқ, омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи асри XXI ва таҳкими неруи зеҳнии кишвар мебошад.

Ҳамзамон, ба дастгирии муаллимон диққати махсус дода мешавад. Музди меҳнати омӯзгорон мунтазам боло бурда шуда, курсҳои такмили ихтисос ташкил карда мешаванд. Ин курсҳо, махсусан, ба муаллимони фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ нигаронида шудаанд, то ки онҳо бо усулҳои пешрафтаи педагогӣ ва комёбиҳои илмӣ ва технологӣ шинос шаванд ва сифати таълимро баланд бардоранд. Дар ин замина, сиёсати «дарҳои кушода»-и ҳукумат имкон дод, ки муаллимон ва муассисаҳои таълимӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла, созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои илмӣ-педагогии хориҷӣ ҳамкорӣ кунанд. Чунин ҳамкорӣ ба ворид намудани таҷрибаи пешқадам, дастрасӣ ба барномаҳои таълимӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълим мусоидат намуд.

Истифодаи равиши СТЕМ дар методикаи таълими фанҳои табиӣ ва риёзӣ ба яке аз самтҳои муҳим табдил ёфтааст. Дар курсҳои такмили ихтисос муаллимон бо усулҳои ҳамгироии илм, технология, муҳандисӣ ва риёзӣ шинос шуда, усулҳои мазкурро дар дарсҳояшон ба кор мебаранд. Чунин равиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки дониши назариявиро бо амалия пайваст намуда, малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Илова бар ин, дар методикаи таълим истифодаи густурдаи модели 5E ба баланд бардоштани самаранокии дарсҳо мусоидат менамояд. Муаллимон бо истифода аз ин метод аввал хонандагонро ба мавзуъ ҷалб (Engage) намуда, он гоҳ ба таҷриба ва кашфиёт (Explore) роҳнамоӣ мекунанд, сипас тавзеҳи илмӣ медиҳанд (Explain), имкони густариши донишро фароҳам меоранд (Elaborate) ва дар ниҳоят натиҷаҳоро арзёбӣ мекунанд (Evaluate). Ин усул ба рушди тафаккур, таҳлил ва эҷодиёти хонандагон дар фанҳои табиӣ ва риёзӣ мусоидат намуда, сифати таълимро ба сатҳи нав мебардорад. Аллакай намунаҳои аввалини маводи таълимӣ (барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ) аз рӯйи модели 5E бо дарназардошти муносибати СТЕМ таҳия шудаанд.

Воқеан, силсилаи иқдомоти роҳбарияти давлат ва сиёсати ҷоришуда дар самти пешрафти маориф, хусусан, дар соҳаи фанҳои табиӣ ва риёзӣ, имконоти навро фароҳам овард. Дар ин замина, пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки сатҳи таълим дар фанҳои табиӣ ва риёзӣ хеле беҳтар гардид. Дар аксари муассисаҳои таълимӣ усулҳои пешқадами таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва усулҳои нави таълимӣ ҷорӣ карда шуданд. Ин имкон дод, ки хонандагон дониши назариявиро бо таҷрибаҳои амалӣ пайваст карда, малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодии худро инкишоф диҳанд. Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ шумораи донишҷӯёне, ки ба ихтисосҳои илмӣ-техникӣ ва табиӣ дохил мешаванд, афзудааст. Ин далели он аст, ки таваҷҷуҳи ҷавонон ба фанҳои дақиқ ва табиӣ бештар шуда, онҳо барои идомаи таҳсил дар соҳаҳои муҳандисӣ, технология ва илмҳои табиӣ бештар ҳавасманд шудаанд. Чунин вазъият ба тайёр кардани кадрҳое, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ буда, ба рушди иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат мекунанд, замина мегузорад.

Дар қатори дастовардҳои муҳим, инчунин, рушди ҳамкориҳои байналмилалиро қайд кардан зарур аст. Бо шарофати сиёсати дарҳои кушода ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд, таҷрибаи

пешқадами кишварҳои дигар дар соҳаи маориф дар Тоҷикистон ҷорӣ карда шуд. Созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ ва Бонки Ҷаҳонӣ, дар татбиқи барномаҳои таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав саҳми арзанда гузоштанд. Ин ҳамкорӣ имкон дод, ки низоми маориф ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардад ва рақобатпазирии хонандагон ва донишҷӯёни тоҷик дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамаи ин иқдомот, дар маҷмуъ, ба таҳкими неруи зеҳнии ҷомеа мусоидат мекунанд. Дар кишвар насли нав ба камол мерасад, ки дорои донишҳои муосир, малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ буда, ба талаботи бозори меҳнат ва рушди илм ҷавобгӯ мебошад. Ин насли ҷавон метавонад ба пешрафти иқтисодиёти миллӣ, ворид намудани навоварӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузорад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2024) таъкид карданд, ки «омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиӣ бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маориф табдил ёбад, зеро маҳз ҳамин фанҳо имкон медиҳанд, ки мо мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯро тарбия намоем».

Ҳамин тариқ, ташаббусҳои Президенти кишвар дар самти рушди фанҳои табиӣ-риёзӣ ва маориф на танҳо ба беҳтар шудани сифати таълим ва афзоиши имконоти таҳсил, балки ба таҳкими неруи зеҳнии миллат ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи асри XXI нигаронида шудаанд. Ин дастовардҳо нишон медиҳанд, ки маориф дар сиёсати давлатӣ ҳамчун самти афзалиятноки стратегӣ муқаррар шуда, рушди устувори Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Мо, кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон ва мутахассисони соҳа, вазифадорем, ки ташаббусҳои роҳбарияти кишварро дар самти пешрафти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва маориф бо ҳисси баланди масъулият дастгирӣ намоем. Ин дастгирӣ бояд на танҳо дар амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълим зоҳир шавад, балки дар тарбияи насли ҷавон, ки дорои донишҳои амиқ, малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ мебошад, аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳар як омӯзгор тавассути меҳнати содиқона ва истифодаи усулҳои пешқадам метавонад дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва амалӣ шудани сиёсати маориф саҳм гузорад.

Дастгирии ташаббусҳои роҳбарияти кишвар маънои таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини рушди устувори ҷомеа ва ояндаи дурахшони Тоҷикистонро дорад.

> Чун бувад илм бе амал, на накуст,
> Ки ғараз аз шукуфа меваи ӯст.
> Илм агар бо амал наёмезад,
> Халал орад, залолат ангезад.
>
> **Камолиддин Биноӣ**

# ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ВА УСУЛҲОИ НАВИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ КУРСҲОИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС



**Абдусаттор ОДИНАЕВ – мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатикаи ДҶТИБКСМ, номзади илми фалсафа, дотсент**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз ҳамаи имконот истифода намуда, бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, таъмини самараноки фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст.**

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон (16 декабри соли 2025) омадааст: «Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд».

Ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои дар Паём ироагардида дар Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо фармоиши ректори донишкада аз 31.12.2025, №12/7 соли 2026 «Соли рақамикунонӣ ва инноватсия дар такмили ихтисос» эълон гардида, дар ин замина Нақша - чорабиниҳо тартиб дода шуд.

Рақамикунонии соҳаи маориф яке аз самтҳои муҳим ва зарурӣ буда, барои беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълим равона гардидааст. Татбиқи технологияҳои рақамӣ, аз қабили платформаҳои таълимии онлайн, барномаҳои интерактивӣ ва китобхонаҳои электронии дастрас имкон медиҳад, ки омӯзгорон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ба захираҳои таълимӣ ба таври самаранок ва босифат дастрасӣ пайдо кунанд.

Стратегияи рақамикунонии таълим технологияҳои инноватсионии пешрафта, аз қабили тафаккури сунъӣ, блокчейн (занҷири иттилоот) ва воқеияти виртуалиро дар назар дорад. Тафаккури сунъӣ технологияест, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои «интеллектуалӣ» истифода мешавад ва ҳамаи коркардҳои он барои шинохтани нақшаҳо, низоми мошинии тарҷума ва низомҳои автоматии идоракунӣ равона шудаанд.



Дар замони муосир баланд бардоштани сифати таълим, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон, ба стандартҳои давлатии таҳсилот мутобиқ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим ва ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ниҳоят муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Роҳи асосии расидан ба ҳадафи мазкур, дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, онлайнӣ, омехта ва берун аз аудиторӣ мебошад, зеро усулҳои фаъол ва интерактивии таълим бояд дар ҳамаи машғулиятҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос инъикоси худро ёбанд.

Самаранокии истифодаи технологияҳои нави таълим дар раванди курсҳои такмили ихтисос ба воситаи ташкил кардан ва гузаронидани чорабиниҳои зерин ифода мегардад: посух ба саволҳо ва ҳалли муаммоҳои касбӣ, фаъолияти омӯзгорон дар иҷрои нақшҳо, ҳамоишҳои видеоӣ ва телевизионӣ, ҳалли масъалаҳои бамиёномада дар ҳолатҳои мушаххас ва ҳоказо.

Соли дуюм аст, ки дар донишкада дар раванди таълими курсҳои такмили ихтисос, барномаи омӯзишии нав истифода мешавад, ки сохтори интерактивӣ ва тафаккурии барои омӯзгор хосбударо пурзӯр намуда, аз модули таълимӣ, роҳнамои омӯзгор ва варақаҳои тақсимотӣ иборат мебошад. Рақамикунонии таълим мундариҷа ва муҳтавои курсҳои таълимӣ ва пешниҳоди маълумотро тағйир медиҳад ва он на фақат намоишнома ё видео, балки имкони пайвастшавии бевосита ба шабакаҳои иттилоотӣ, пойгоҳи додашудаҳо, форумҳои интернетӣ ва дигар захираҳои таълимии электронӣ мебошад. Вақте ки машғулиятҳои амалӣ гузаронида мешаванд, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ низ аз аҳаммият холӣ нест.

Айни замон аксари нашриёте, ки ба чопи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ машғуланд, ба шаклҳои электронӣ гузашта истодаанд. Чунин раванди кор мубрамияти низоми электрониро ифода мекунад. Технологияҳои рақамӣ бо суръати баланд рушд ва такмил ёфта истодаанд (интернети фарохмавҷ, смартфонҳо, планшетҳо, блогҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, хидматрасониҳои абрӣ ва ғайраҳо). Ҳамаи ин имконоти бемаҳдуди дастрасиро ба абзорҳои рақамӣ интиқол медиҳанд. Омӯзгорон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос имконоти бесобиқаро барои рушди муҳити таълимӣ ва истифодаи муштараки он соҳиб шуданд. Новобаста аз потенсиали бузурги технологияҳои рақамӣ, аз ҷониби омӯзгорон то ҳол фақат як қисми имконоти он истифода бурда мешаваду халос. Ин аз ҳисоби кофӣ набудани маърифати рақамии омӯзгорон, пайдоиш ва бартарафнамоии холигии рақамӣ мебошад. Аз ин рӯ, дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ яке аз вазифаҳои мубрами гузариши рақамии таълим ба ҳисоб меравад.

Истифодаи васеи шаклҳои интерактивии таълим ва истифодаи он дар чараёни машғулиятҳои таълимӣ дар кафедраҳои ДҶТИБКСМ яке аз роҳҳои асосии мукаммалгардонӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси замонавӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар донишкада ва таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ нишон медиҳад, ки усули интерактивии таълим ҳамкории васеи байни омӯзгору шунаванда (дар курсҳои такмили ихтисос омӯзгорони ба курси такмили ихтисос омадаро шунаванда ном мебаранд - О. А.) ва худи шунавандагонро талаб мекунад. Вазифаҳои шаклҳои интерактивии таълим аз инҳо иборат мебошанд:

- ҷалби шунавандагон ба маводи таълимӣ;
- самаранок аз худ кардани маводи таълимӣ ва вазифаҳои ба миён гузошта;
- ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳо ва имкони шунавандагон барои ҳалли мушкилоти таълимӣ;
- эҳтироми байниҳамдигарии шунавандагон ҳангоми баёни нуқтаи назар оид ба мавзуи дарс, эҳтироми шаъну шарафи якдигар;
- ташаккули мубодилаи афкор ва муносибати дутарафаи шунавандагон дар асоси эҳтироми ҳамдигар;
- баён намудан ва истифодаи таҷрибаи педагогӣ дар раванди машғулиятҳо;
- ноил гардидан ба салоҳиятнокии шунавандагон баъди аз худ кардани маводи таълимӣ.

**Moodle (Модул)** ба истифодабарандагон имкон медиҳад, ки маводи таълимиро дар шаклҳои гуногун таҳия ва интишор диҳанд (аз намуди матнӣ то намуди мултимедиавӣ), инчунин, баҳри ташкил намудани муошврати педагогӣ бо омӯзгорон ва шунавандагон дар муҳити виртуалӣ, мувофиқ кардани вазифаҳои ташкилӣ ва маъмурӣ, гузаронидани санҷишҳо ва дигар воситаҳоро пешниҳод менамояд.

Яке аз бартариҳои **Moodle** фароҳам овардани имконоти васеи муошират мебошад. Системаи мазкур мубодилаи файлҳои гуногунро дастгирӣ мекунад ва хадамоти почта имкон медиҳад, ки фавран ҳамаи шунавандагони курс ё гурӯҳҳои инфиродӣ аз рӯйдодҳои ҷорӣ огоҳӣ ёбанд. Барои ташкили муошират байни истифодабарандагони курс, инчунин, аз почтаи электронӣ, форум, суҳбат, паёмнависӣ, хидмати вебинар истифода бурдан мумкин аст. Системаи стандартӣ форматҳои зерини курсро дар бар мегирад: элементи ягона (SCORM, тест), форум, бахшҳо аз рӯйи мавзуъҳо ва бахшҳо аз рӯйи ҳафта. Муҳаррири дарунсохти система HTML-ро барои қисматҳои матнӣ истифода мебарад. Маҷмуи блокҳои калон (тақвим, ахбори охирин, чорабиниҳои дарпешистода ва ғайра) фаъолият ва қобилияти истифодабариро дар система васеъ мекунад. Дар ҳолати зарурӣ модулҳои иловагии функсионалиро насб кардан мумкин аст.

**LMS – Moodle** платформаи махсусе мебошад, ки муҳити васеи мувофиқро барои ташкили таҳсилоти фосилавӣ пешбинӣ намуда, инчунин, платформаи ройгонро барои омӯзгорону шунавандагон таъмин мекунад. Платформаи LMS Moodle дорои сохтори махсусест ва он раванди таълимро ташкил ва идора мекунад.

Дар донишкада аз руйи 69 барномаи таълимӣ (дар асоси барнома модул, роҳнамои омӯзгор ва варақаҳои тақсимотӣ сохта шудаанд) машғулият гузаронида шуда, 6 курси такмили ихтисос дар асоси модулҳои таълимӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба низоми салоҳиятнокии таълим гузаштани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳар як омӯзгорро вазифадор месозад, ки барои омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон кӯшиш ба харҷ дода, сифати таълимро беҳтар намоянд ва машғулиятҳоро тибқи маводи нав ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок бо истифода аз диаграмма, ҷадвал, слайдҳо, таҷҳизоти аудиовизуалӣ (тахтаҳои электронӣ, проекторҳо) ва варақаҳои тақсимотӣ гузаронида, пайваста қобилияти зеҳнии шунавандагонро баланд бардошта, мутахассисони варзидаи мувофиқ ба талаботи замонро ба камол расонанд.

Истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим дар ҷараёни машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос ба омӯзгорони донишкада имкон медиҳад, ки шунавандагонро дар руҳияи мустақилият, эҷодкорӣ ва дӯст доштани ихтисоси интихобнамудаашон тарбия кунанд.

**Системаҳои идоракунии омӯзиш (LMS)** платформаи ягонаест, ки барои идоракунии ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим истифода мешавад. Он имкон медиҳад, ки омӯзгорон маводи таълимиро нашр, супоришҳоро таъйин ва пешрафти шунавандагонро пайгирӣ кунанд. Он ба омӯзгорон ва шунавандагон имкон медиҳад, ки бо якдигар ва бо маводи таълимӣ тавассути як интерфейси марказӣ муошират кунанд.

**LMS** дорои хусусиятҳои гуногун аст, аз ҷумла:

- **идоракунии курсҳо:** эҷод кардани курсҳо, илова кардани маводи таълимӣ (матнҳо, видеоҳо, презентатсияҳо ва ғайра), таъйин кардани вазифаҳо ва имтиҳонҳо;

- **мубодилаи мавод:** шунавандагон метавонанд маводи таълимиро аз платформа зеркашӣ ва бо якдигар мубодила кунанд.

- **таъйиноти вазифаҳо ва имтиҳонҳо:** омӯзгорон метавонанд вазифаҳо ва имтиҳонҳоро таъйин ва пешрафти худро назорат кунанд;

- **назорати пешрафт:** LMS маълумот дар бораи пешрафти шунавандагонро нигоҳ медорад ва ба омӯзгорони донишкада имкон медиҳад, ки пешрафти онҳоро пайгирӣ кунанд;

- **муошират:** омӯзгорон ва шунавандагон метавонанд тавассути форумҳо, чатҳо ва почтаи электронӣ бо якдигар муошират кунанд;

- **назорати дастрасӣ:** омӯзгорон метавонанд дастрасии шунавандагон ба маводи таълимиро назорат кунанд;

- **ҳисоботгузорӣ: LMS** ҳисоботи гуногунро дар бораи пешрафти донишҷӯён ва фаъолияти омӯзгорон тавлид мекунад;

- **LMS** метавонад барои гузаронидани курсҳои онлайнӣ, курсҳои маҳаллӣ бо истифодаи элементҳои онлайн ва ё ҳамчун як воситаи иловагӣ барои таълими анъанавӣ истифода шавад. Машҳуртарин намунаҳои LMS инҳоянд: Moodle, Blackboard, Canvas, Sakai ва дигарон. Ҳар як LMS хусусиятҳои худро дорад ва барои ниёзҳои мушаххаси таълимӣ мувофиқ аст.

Маълум аст, ки самаранокии таълим аз ташкили дуруст ва интихоби методу усулҳои гузаронидани дарс вобастагии зиёд дорад. Усулҳои муосири таҳсилот салоҳияти ба кор бурда тавонистани дониш, малака ва мувофиқ будан ба қобилияти хислатҳои шахсӣ дар як соҳаи муайяни таълимро ифода мекунад. Тибқи меъёрҳои муосири таълим, дар ҷараёни машғулиятҳо ҳар як омӯзгор бояд аз усулҳои гуногуни фаъоли таълим ва интерактивӣ истифода намояд.

Маълум аст, ки яке аз усулҳои баланд бардоштани ташкили машғулиятҳои назарӣ ва амалии курсҳои такмили ихтисос дар замони муосир, истифодаи воситаҳои техникӣ, ба монанди проекторҳо, тахтаҳои электронӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди таълим нақши калидӣ доранд ва ба сифати таълим таъсири мусбат мерасонанд. Самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим аз он вобаста аст, ки омӯзгор то кадом дараҷа онҳоро дар раванди таълим дуруст ва бомақсад истифода мебарад. Ҳар як омӯзгор бояд вобаста ба фанни таълимӣ ва мавзуи дарсӣ дар ҷараёни машғулият истифодаи ин ё он воситаҳои техникиро мустақилона муайян намояд ва ин омил ба таҷрибаи педагогии омӯзгор, савияи дониши ӯ доир ба истифодаи технологияи инноватсионӣ вобастагӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як инсон бо воситаи узви биниш 70-80% маълумотро гирифта, тариқи истифодаи слайдҳо (тасвирҳо) ва аёниятҳои таълимӣ дар ҷараёни машғулиятҳо ба сифати он таъсири мусбат расонида, барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани машғулияти

таълимӣ мусоидат менамояд. Ин бошад, азхудкунии маводи таълимиро аз ҷониби шунавандагони курсҳои такмили ихтисос 2-3 маротиба осон мегардонад.

Дар сохтори платформаи **LMS Moodle** сохтори махсус барои ташкил намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кумак мерасонад. Ин сохтор дар худ раванди ташкил ёфтани система ва инчунин, идора намудани системаи мазкурро доро мебошад. Дар баробари ин, сохтор истифодабарандагонро ба категорияҳои алоҳидаи махсуси «Администратор» (Маъмур), «Таҳиягари курсҳо», «Омӯзгор», «Шунаванда» ҷудо мекунад, ки ба ҳар як категорияи муайяншуда муҳити махсуси корӣ ва шароит барои омӯзишро доро мебошад. Воситаи интиқоли иттилоот шабакаҳои коммуникатсионӣ буда, аз ҳама шакли маъмули он – воситаи истифодабарандагони интернет мебошад. Усулҳои хоси таълимӣ аз воситаи интиқоли иттилоот вобаста аз омилҳои зерин мебошад:

**1. Чат дар раванди таълим** машғулиятҳои омӯзишӣ бо истифодаи чат технологияҳо амалишаванда, яъне, дар он омӯзгорон ва шунавандагон ба захираҳои иттилоотӣ дар як вақт дастрасӣ доранд ва имкони таълим додан, инчунин, таълим гирифтанро доранд.

**2. Омӯзиши Web - технологӣ** омӯзиши электронӣ, телеконфронсҳо, вебинарҳо, бозиҳои иттилоотӣ - мантиқӣ ва ғайра. Он ташкили веб - сессияҳо, веб - форумҳоро истифода мебаранд, ки ин шакли ҳамкории истифодабарандагон дар мавзуи муайян, дар шакли иттилоотӣ дар сомона бо барномаи мувофиқи дар он насбшуда мебошад.

**3. Телеконфронс** интиқоли иттилоот дар шакли иттилоотӣ, аудио ё видеоӣ мебошад ва имкон медиҳад, ки ҳолати аёнии таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шавад.

**4. Веб - конфронс ё вебинар** гузаронидани дарсҳои мавзуии онлайн ва семинарҳо тавассути интернет мебошад. Он технологияи пешрафтаи таълим аст, ки имрӯз хеле маъмул шудааст. Технологияи мазкур имкон медиҳад:

- пешниҳоди намоиш дар реҷаи онлайн;
- пешниҳоди намоиш дар шакли кадрӣ (слайд - намоиш);
- истифодаи «VoIP» барои муошırати аудиоӣ тавассути компютер дар реҷаи онлайн;
- истифодаи тахтаи интерактивӣ барои тавзеҳи рӯнамо;
- истифода бурдани чати матнӣ дар реҷаи онлайн барои гузаронидани пурсишҳои иштирокчиёни вебинар;
- гузаронидани пурсишҳои шифоҳӣ;
- таъмин намудани иштирокдорони конфронс бо мизҳои кории фосилавии идорашаванда;
- ташкили веб-тур – интиқоли суроғаҳо ба дигар иштирокчиён саҳифаҳо, шаклҳои маълумот, скриптҳо ва дигар маълумоти ҷаласа барои омӯзиши визуалӣ бо элементҳои воридшавӣ, бо пахшҳо, гузаришҳо байни экранҳо. Ин намуди функсия барои намоиши сайт ё барномаҳо бо иштироки мустақими истифодабаранда амалӣ мегардад;
- сабт намудани раванди баргузории конфронс ва пешниҳоди он ба иштирокчиёни минбаъда.

Соли дуюм аст, ки дар донишкада аз таълими фосилавӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Бояд қайд намуд, ки аз ҳама самараноктарин дар низоми курсҳои такмили ихтисос, таълими фосилавӣ дар системаи LMS Moodle мебошад. Яке аз консепсияҳои муҳим дар системаи электронии таълими LMS Moodle курсест, ки дар навбати худ блокҳо ва модулҳоро дар бар мегирад.

Омӯзгор дар ҷараёни машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос нақши марказиро иҷро намуда, метавонад дар ҳолати пайдо шудани савол аз ҷониби шунавандагон ва ё ягон мушкилоти аз худ кардани мавзуъ аз тарафи онҳо аз слайдҳои (тасвирҳои) пештар нишондода ва аёниятҳои таълимӣ такроран истифода барад ва шунавандагонро қонеъ гардонад. Доир ба технологияҳои худтанзимкунии фаъолияти педагогӣ, салоҳиятҳои усулҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:

- мувофиқат ва омодагии ташкили маводи таълимӣ барои таъмини сифати азхудкунии шунавандагон ва ташаккули тафаккури системавӣ, консептуалӣ ва фаъолиятӣ ҳамчун асоси тафаккури касбӣ;
- қобилият ва омодагӣ барои ташкили фаъолияти таълимии ҳар як шунаванда ҷиҳати азхудкунии маводи дарсӣ, ташаккули қобилияти ҳалли масъалаҳои амалӣ, рушди системаи фаъолият, тафаккур ва азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолияти педагогӣ;

- қобилият ва омодагӣ барои ташкили фаъолияти омӯзгор дар сатҳи зарурие, ки ба ҳар як шунаванда имконият диҳад, маводи таълимиро дар сатҳи баланд аз худ намояд ва супоришҳои амалиро бехато иҷро карда, тафаккури эҷодии худро фаъол гардонад.

Ҳангоми омода намудани маводи модули таълимӣ ва варақаҳои тақсимотӣ барои курсҳои такмили ихтисос, омӯзгор вазифадор аст, ки барномаи таълимии фанро сармашқи кори худ қарор диҳад, зеро мавзуъ ва мундариҷаи машғулиятҳо дар барномаи таълимӣ ба таври возеҳ пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми гузаронидани машғулияти таълимӣ омӯзгор дар интихоби шакл ва усули пешниҳоди мавод мустақил буда, бояд ба сифати азхудкунии мавод аҳаммияти аввалиндараҷа диҳад. Ҳамзамон, бо тартиби муайяншуда, омӯзгор метавонад дар ҷараёни дарс маводи техникии таълимро ба таври васеъ истифода намояд.

Моҳият ва мазмуни машғулиятҳо бояд ба раванди асосии дидактикӣ мувофиқат намояд. Асоси онро мақсаднокӣ, хусусияти илмӣ доштан, дастрасӣ, пайдарпайӣ, системанокӣ ва возеҳият ташкил медиҳад. Мақсаднокии дарс воситаи эҷоди сохтори ягона буда, тавассути таъмини робитаи байни супоришҳои дарс ва мундариҷаи маводи барои азхудкунии шунавандагон пешбинишуда таъмин карда мешавад. Аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани машғулияти таълимӣ - мувофиқат бо муқаррароти асосии илми муосир доир ба фанни мазкур, бартарии мутлақи объективӣ ва далели муқаррароти пешбинишударо ифода менамояд. Машғулияти таълимӣ бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок, возеҳ, муттасил, дақиқ ва кутоҳу пурмазмун бошад.

Раванди возеҳии мундариҷаи машғулият ҳангоми гузаронидани дарс истифодаи васоити аёниро дар шакли презентатсия, аёният, ҷадвалҳо, навиштаҷот, маводи мултимедии электронӣ ва ғайра фарогир мебошад, зеро ҷараёни асосии иттилоот дар раванди машғулият аз ҷониби шунаванда ба таври визуалӣ дарк карда мешавад.

Интерфейси **LMS Moodle** аз се модул иборат мебошад: воситаҳои иртиботӣ, маъмурӣ ва таълимӣ.

**Воситаҳои маъмурӣ** барномаҳое мебошанд, ки барои идоракунии баҳисобгирии омӯзгорон ва шунавандагон, оғози курсҳои такмили ихтисос, мониторинги натиҷаҳои омӯзиши шунавандагон, гузориш додани пешрафти таълим ва дигар вазифаҳои маъмурӣ истифода мешаванд.

Ба сифати воситаҳои истифодаи маъмурии **LMS Moodle** чунин блокҳо дохил мешаванд:

- **«Омӯзгорон»** ба шунаванда имкон медиҳад, ки дар бораи ҳайати омӯзгорони донишкада маълумот гирад ё ин ки омӯзгори мувофиқи худро барои курси таҳсилоти фосилавӣ интихоб кунад;

- **«Шунавандагон»** маълумот дар бораи ҳамаи иштирокчиёни системаи курси такмили ихтисос, суроғаҳои почтаи электронӣ буда, инчунин, ин модул имкон медиҳад, ки паёми шахсӣ равон карда, аз сабти номи шунаванда (профил) дидан намуда, санаи охирини ташрифи дилхоҳ иштирокчии курси такмили ихтисос дида шавад;

- **«Курсҳои ман»** рӯйхати пурраи курсҳои омӯзиширо дар бар мегирад, ки иштирокчӣ ба он дастрасӣ дорад ва шунавандагони курс имкони интихоб кардани курси такмили ихтисоси таҳсилоти фосилавии худро доранд;

- **«Менеҷмент/Идоракунӣ»** дорои пайвандҳоест, ки аз саҳифа бо баҳои курс, саҳифаи профили худ бо имконоти таҳрир, саҳифа барои тағйир додани рамзи худ ва дорои истиноди хориҷ кардани худ аз иштирокчиёни курс мебошад;

- **«Тақвим»** рӯйхати рӯзҳои моҳи ҷориро бо рӯйдодҳои дар он нишондодашуда намоиш медиҳад, ки ба он диққати ҷиддӣ додан лозим аст;

- **«Фаъолияти охирин»** навсозиҳо (навгониҳо)-и охирини паёмро барои истифодабаранда аз форумҳо, рӯйхати суҳбатҳое, ки ҳоло кор мекунанд ва аъзои онҳо, тағйироти охирини элементҳои курси такмили ихтисосро намоиш медиҳад;

Солҳои охир технологияҳои таълимии нав, ба монанди онлайн-курсҳо бештар паҳн шудаанд. Дар донишкада чунин курсҳои такмили ихтисос пайваста гузаронида мешаванд ва натиҷаҳои он назаррасанд. Курсҳои онлайнӣ ба толибилмон имкон медиҳанд, ки таълимро дар шакли барои худашон қулай интихоб намоянд ва тахассуси заруриро аз рӯйи самти мушаххаси омодакунӣ соҳиб шаванд. Дар донишкада онлайн-курсҳо дар платформаҳои таълимӣ ҷойгир карда шудаанд.

Маводи мултимедӣ дар раванди машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос бояд нақши муассир дошта бошад ва мазмуну мундариҷаи машғулияти таълимиро фарогир бошад. Лаҳзаҳои

калидии машғулият беҳтар аст, агар тавассути маводи мултимедӣ нишон додаву муқаррароти баёншуда пурра дарк карда шавад. Маводи намоишӣ бояд калонҳаҷм, хира ва ҷузъиёти хурд надошта бошанд, зеро онҳо, баръакс, диққати шунавандагонро дар лаҳзаҳои дарс пароканда месозанд. Гарчанде ки онҳо барои равшан кардани мафҳумҳои асосӣ дар раванди машғулияти таълимӣ кумак мерасонанд, аммо онҳоро ба аудитория дар навбати аввали дарс пешкаш намудан шарт нест, зеро чунин ҳолат диққати шунавандагонро парешон мекунад.

Самаранокии машғулиятҳои таълимиро метавон аз ҳисоби истифодаи оқилонаи воситаҳои технологияҳои инноватсионӣ, ки сарфаи вақтро таъмин менамоянд, ҳамзамон, алоқамандӣ бо хондан ва таҷдиди нақшаи модули таълимӣ ё варақаи тақсимотӣ, адабиёти тавсияшуда, шарҳи истилоҳҳои асосӣ ва ғайра баланд бардоштан мумкин аст. Маҷмуи воситаҳои техникӣ ва варақаҳои тақсимотӣ бояд барои ҳар як машғулияти таълимӣ пешакӣ, бе назардошти сарбории шунавандагон аз тарафи омӯзгор омода карда шавад.

Татбиқи муносибатҳои бо салоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боиси тағйир ёфтани усулҳои таълим - гузариш аз таълими яктарафаи омӯзгор ба фаъолияти мустақилона гардид, яъне, истифодаи техника ва технологияҳои муосири корӣ ба масъулияти шунаванда вогузор карда мешавад. Дар машғулиятҳои амалии курсҳои такмили ихтисос бошад, омӯзгор, асосан, вазифаи ҳамоҳангсоз, мураббӣ, модератор, фасилитатор ва шарикро иҷро мекунад. Дар зери истилоҳи фасилитатор (англ. Facilitate - кӯмак расонидан) шакли гурӯҳии фаъолият бо мақсади расидан ба натиҷаи дилхоҳ дар ҳалли муаммои раванди машғулиятҳо, аз ҷумла, баланд шудани дараҷаи мураккабӣ ё муҳиммият ва ё коркарди стратегияи фаъолияти гурӯҳи таълимӣ фаҳмида мешавад.

Масалан, гурӯҳ кейсро (матни кутоҳи таълимӣ)-ро дар асоси таърихи воқеии ин ва ё он ҳодиса баррасӣ менамояд. Дар ин маврид вазифаи омӯзгор-фасилитатор на корбасти таълими анъанавӣ, балки он аст, ки ба шунавандагон истифодаи технологияҳои махсуси гурӯҳиро ҷиҳати дарёфти усули самараноки ҳалли муаммо тавсия медиҳад. Вазифаи модератор на танҳо риояи тартибот, балки ташкили воқеии алоқаи тарафайнро бо шунавандагон дар назар дорад. Агар омӯзгор-модератор аз як тараф, ташкили ҳамкориҳоро бо дар назардошти хусусиятҳои равонии шунавандагон ба назар гирад, аз тарафи дигар, ӯ имкони фаъолона мубоҳиса кардан, ҳалли баҳснок ва шубҳаноки масъалаи додашударо пешгирӣ менамояд.

Агар дарси амалӣ дар шакли тренинг гузарад, пас омӯзгор-тренер бо фарқ аз фасилитатор ҳам барои раванд ва ҳам барои мундариҷаи дарс масъул мебошад, зеро ҳадафи тренинг, коркарди навгонӣ, таҷрибаи дар татбиқи донишҳои дар амалия бадастомада мебошад.

Яъне, омӯзгор ба сифати ҳамоҳангсоз баромад менамояд ва ба тарзи инфиродӣ бо шунавандагон муносибат менамояд. Агар омӯзгор фаъолияти худро дар шароити виртуалӣ амалӣ намояд, он гоҳ дар мавқеи ҳамоҳангсоз масъалаҳои ташкилиро ҳал намуда, чун роҳбар масъул мебошад, аммо дар мавқеи модератор, аз рӯйи қоидаҳои муқарраршуда тартиботро риоя менамояд.

Ҷорӣ намудани шаклҳои фаъол ва интерактивии таълим дар муносибатҳои босалоҳият яке аз самтҳои муҳимми такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Навигариҳои асосии методологии имрӯза бо истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим алоқамандии зич доранд.

Дар донишкада аз шаклҳои пешқадами таълими интерактивӣ, ба монанди дарсҳои назарӣ ва амалӣ, онлайнӣ, омехта, таҷҳизоти аудиовизуалӣ (тахтаҳои электронӣ, проекторҳо), «Мизи мудаввар», «Семинари мақсаднок», «Хониши кафедравӣ» («муҳокимаи мавзуъ»), «Семинари омӯзишӣ», «Форум» ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Фаъолияти интерактивӣ бо табиати педагогии худ, фаъолият бо барномаҳои мултимедиявӣ, истифодаи захираҳо ва имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет ва компютерҳо мебошад. Усулҳои муосири таълим гуногунӣ ва интихоби фарққунанда дошта, ҳар як омӯзгор интихоби тамоюлҳои гуногунро дорад.

Ҳамин тавр, рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва роҳандозии васеи инноватсия ба пешрафти маҷмуии мамлакат, аз ҷумла, идоракунии самаранок, хидматрасониҳои электронӣ, содироти бештари молу хидматрасонӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, густариши фаъолияти фосилавӣ ва таҳсили фосилавӣ имконоти васеъ фароҳам меорад.

# КИТОБИ НАСЛИ НАВ: ЧАРО ВА ЧӢ ГУНА?

**Саида НАБИЗОДА, Дилором АБДУЛЛОЕВА – муаллифони китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5-6 (насли нав)**

**Таълифи китоби насли нав дар шароити имрӯза иқдоми арзишмандест, ки Вазорати маориф ва илми кишвар бо дастуру супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ рӯйи даст гирифтааст. Замон талаб мекунад, ки дар соҳаи маориф, аз ҷумла, дар раванди таълифи китобҳои дарсӣ қолабшиканӣ сурат гирад, зеро хонандаи имрӯз маҳз дар заминаи иттилооте рушд мекунад, ки дар асоси муносибатҳои босалоҳият тарҳрезӣ шуда бошад. Имрӯз хонанда аз таълим танҳо бо аз худ кардани дониш қонеъ намешавад, ӯро тавре бояд омода кард, ки донишҳои андӯхтаашро дар амал татбиқ карда тавонад.**

Мусаллам аст, ки ҳар ислоҳот ва қолабшиканӣ бо мушкилоти зиёди айниву зеҳнӣ рӯ ба рӯ мешавад. Бастаи маводи таълимӣ барои синфи 6 (Китоби «Забони тоҷикӣ», Тавсияҳои методӣ ба омӯзгор, Дафтари кории хонанда, Арзёбӣ) ҳам аз ин истисно нест. Барои такмил ёфтану бехато ба табъ расидани он муаллифон талоши зиёд мекунанд. Ҳамкорӣ бо рассомону тарроҳон, муҳаррирону муқарризон аз паҳлуҳои муҳим дар ин самт буда, барои вусъати ҳамкориҳо ва чопи босифати китоб мусоидат менамояд.

**Барномаҳои нав ва китоби насли нав. Чаро?**

Мо дар асри технология зиндагӣ дорем ва наметавонем аз талаботи он қафо монем. Барои ба талаботи рӯз омода кардани шогирдон зарурати рӯ ба ислоҳот овардан ба мазмуни таҳсилот ва тағйир додани барномаҳои таълимӣ дар робита ба китобҳои дарсӣ пеш омад. Имрӯз муҳим аст, ки дарс дар асоси муносибатҳои босалоҳият ва меъёри хонандамеҳвар сурат бигирад ва китоб ҳам бояд чунин таълиф ёбад, яъне, акнун мо диққатро танҳо ба донистани хонанда не, ба тавонистани ӯ – татбиқи дониш дар амал равона мекунем. Пештар китобҳои дарсии забон таълимоти грамматика ва азёди қоидаҳои дурустро пешниҳод мекарданд, акнун донистану омӯхтани забон аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Фаразан, шогирд бояд қодир бошад, ки ба дурустӣ ва осонӣ дар суҳбату муколамаҳои ҳаррӯза, баҳсу баррасиҳо ҳарф занад. Дар таълими анъанавӣ донистани қоидаҳои грамматикӣ ҳадафи асосӣ маҳсуб мешуд. Аммо таҳқиқоти муосири педагогӣ нишон медиҳанд, ки дониши назариявӣ танҳо дар ҳолате арзишманд мегардад, ки хонанда онро дар вазъияти воқеии муошират татбиқ карда тавонад. Бар асоси меъёрҳои байналмилалии арзёбӣ (мисли PISA), қобилияти истифодаи дониш дар ҳолатҳои нав ва ҳаётӣ




нишондиҳандаи асосии саводнокӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар китоби насли нав грамматика ҳадафи ниҳоӣ нест, балки воситаи рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ мебошад. Ин, албатта, маънои рад кардани грамматикаро надорад. Баръакс, грамматика ҳамчун воситаи дақиқсозии фикр, ҳалли мушкилоти забонӣ ва ташаккули нутқи мураттаб истифода мегардад. Хонанда агар забонро дуруст омӯзад, фикрашро озод баён карда (ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ), дар баҳсҳо шарик шуда, аз худ дифоъ карда метавонад. Талаботи барномаи нав ва китоби насли нав ҳамин аст, зеро ҳадаф рушди шахсияти бача аст, на чизи дигар. Ин талабот дар мавзуъҳое, ки ҷанбаи коммуникативӣ доранд, бештар ифода меёбад. Салоҳиятҳо ва натиҷаҳои омӯзиш ба таври фишурда ҳам бошад, дар маводи таълимӣ – Барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, Дафтари хонанда, Тавсияи методӣ барои омӯзгор ва Арзёбӣ барои ҳар фасл нишон дода

мешаванд. Илова бар ин, дар оғози ҳар марҳала натиҷаи интизоршаванда барои анҷоми ҳамон марҳала пешбинӣ шудааст, яъне, сохтори «Кӯшиш мекунем – Мушоҳида мекунем – Хулоса мекунем – Татбиқ мекунем – Мулоҳиза мекунем» роҳнамои муайян намудани ҳадафи дарс мебошад. Омӯзгор метавонад аз натиҷаи интизоршавандаи ҳар марҳала ҳадафи мушаххаси дарсро муайян кунад ва фаъолияти амалии хонандагонро ба он равона созад. Зимнан, моҳияти марҳалаҳои дарсро каме тавзеҳ медиҳем.

**Кӯшиш мекунем – масъалагузорӣ ва водорнамоӣ (мушкили ҳалталаб).** Дар ин марҳала ба хонандагон масъалаи ҳалталаб пешниҳод мегардад. Онҳо мустақилона ба иҷрои супориш сар карда, баъдан дар гурӯҳҳо кори худро баррасӣ, таҳлил ва мушкили худро доир ба масъалаи ҳалталаб муайян карда, барои омӯхтани он саволи калидиро таҳия менамоянд. Ин марҳала онҳоро ба фикр кардан водор намуда, қобилияти фикрронияшонро инкишоф медиҳад.

**Мушоҳида мекунем – ҷустуҷӯ, ҳалли машқҳо, роҳ ба сӯйи хулоса.** Ба хонандагон супоришҳое дода мешаванд, ки ба воситаи онҳо хусусият ва аломатҳои асосии маводро мушоҳида мекунанд. Ин қадам дар охир барои мустақил хулоса баровардан ба хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Хулоса мекунем – таҳияи қоида.** Дар ин марҳала хонандагон мушоҳида ва қоидаҳои таҳиякардаашонро ба қолаби муайян даровარда, барои дар амал татбиқ кардани онҳо омода мешаванд.

**Татбиқ мекунем – дар амал нишон додани донишҳои андӯхта.** Мақсади ин марҳала, мукаммал кардани дониши хонандагон аст. Ҳангоми кор дар ин марҳала онҳо метавонанд ба марҳалаи «Хулоса мекунем» баргарданд ва баъзе қоидаҳои таҳиякардаашонро аз нав санҷанд.

**Мулоҳиза мекунем – имкони мулоҳиза доир ба маълумоти бадастомада.** Дар марҳалаи ниҳоӣ хонандагон дар бораи натиҷаи омӯзиши худ фикр карда, ба саволи калидӣ бармегарданд ва ба он ҷавоб медиҳанд.

Саволи калидӣ воситаи расидан ба натиҷаи омӯзиш аст, ки дар ҳар фасл таҳия мегардад.

Метавонем ин марҳалаҳоро бо овардани таълими мавзуи ҷонишинҳо *шарҳ диҳем.* Мавзуи «Пешгирии такрор дар матн» ба омӯзиши аҳаммият ва нақши ҷонишинҳо дар нутқ бахшида шудааст. Ҳадафи асосии фасл, омӯзонидани роҳҳои гурез аз такрори бемавриди калимаҳо ва таъмин намудани равонӣ ва пайвастагии матн мебошад. Ин ҳадаф тавассути панҷ марҳалаи пайдарпай амалӣ мегардад.

Дар марҳалаи «Кӯшиш мекунем» сатҳи дониши ибтидоии хонандагон муайян карда мешавад. Онҳо бо матне рӯ ба рӯ мегарданд, ки дар он такрори зиёди исмҳо мушоҳида мешавад. Дар ҷараёни таҳлил хонандагон дарк мекунанд, ки чунин такрор матнро вазнин ва забонзад месозад. Ҳамин тавр, масъалаи омӯзишӣ равшан гардида, ангезаи маърифатӣ ба вуҷуд меояд.

Дар марҳалаи «Мушоҳида мекунем» хонандагон матнҳоро муқоиса ва таҳлил намуда, пай мебаранд, ки барои пешгирии такрор метавон аз калимаҳое, чун «вай», «ӯ», «онҳо» ва баъзе бандакҳо истифода бурд. Онҳо натиҷа мегиранд, ки истифодаи чунин калимаҳо матнро равонтар ва дилчаспта месозад.

Дар марҳалаи «Хулоса мекунем» мушоҳидаҳо ҷамъбаст гардида, мафҳуми илмии «ҷонишин» муаррифӣ мешавад. Қоида ба таври дақиқ ифода мегардад: *Калимаҳое, ки ба ҷойи исм, сифат ё шумора истифода мешаванд, ҷонишин ном доранд.* Ҳамин тавр, дониш аз таҷрибаи амалӣ ба сатҳи назариявӣ интиқол меёбад.

Дар марҳалаи «Татбиқ мекунем» хонандагон дониши бадастовардаашонро дар амал истифода мебаранд. Онҳо матнҳоро таҳрир намуда, такрори бемавридро бо ҷонишинҳо иваз мекунанд, ҷумла ва матнҳои кутоҳ менависанд. Дар натиҷа, маҳорати истифодаи бошууронаи ҷонишинҳо дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ташаккул меёбад.

Дар марҳалаи «Мулоҳиза мекунем» хонандагон фаъолияти худро арзёбӣ менамоянд. Онҳо андеша мекунанд, ки чаро истифодаи ҷонишинҳо барои равонӣ ва пайвастагии матн муҳим аст ва дар кадом ҳолатҳо истифодаи нодуруст метавонад боиси нофаҳмӣ гардад. Ин марҳала ба рушди худсанҷӣ ва тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад.

Пайдарпайии панҷ марҳала ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз дарки мушкилот ба кашфи роҳи ҳал, аз мушоҳида ба хулосаи илмӣ ва аз дониш ба татбиқи амалӣ гузаранд. Дар натиҷа, онҳо на танҳо бо мафҳуми ҷонишин шинос мешаванд, балки истифодаи онро ҳамчун воситаи

муҳимми пешгирии такрор ва таъминкунандаи равонӣ ва пайвастагии матн меомӯзанд. Ин пайдарпайӣ ба мантиқи илмии таълим ва принсипҳои омӯзиши кашфӣ мутобиқ мебошад.

Барномаи нави таълимии забон чунин хусусиятҳоро дар бар гирифтааст:

**1. Салоҳиятнокӣ.** Барномаи нави фанни забони тоҷикӣ дар асоси принсипи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия гардидааст. Меҳвари асосии барнома ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва забонӣ буда, донишҳои забонӣ дар он на ҳамчун ҳадафи мустақил, балки ҳамчун воситаи ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххаси омӯзиш баррасӣ мешаванд. Ҳадафи таълим, ташаккули қобилияти хонанда барои истифодаи амалии забон дар вазъиятҳои гуногуни муошират мебошад. Дониш дар барномаи нав мақсади ниҳоӣ набуда, ба воситаи ташаккули салоҳиятҳо табдил ёфтааст.

**2. Илмӣ.** Қоидаҳо дар асоси принсипи аз сода ба мураккаб бо ҷалби хонандагон таҳия мешаванд, аммо асос назарияи илмӣ дониста мешавад. Қоидаҳо ба таври фишурда пешниҳод гардида, мисолҳо ва фаъолияти амалӣ нақши асосӣ доранд.

**3. Дастрасӣ ба таълим.** Таълим тавассути муносибати босалоҳият ба хонандагон бештар дастрас мегардад. Дар барнома фаъолияти таълимӣ ба дониш, малака ва маҳорат асос ёфтааст.

**4. Хонандамеҳвар.** Баръакси таълими барномаҳои анъанавӣ, тибқи барномаи нав, хонанда дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирад.

**5. Ҳамгироӣ.** Дар барнома ҳамгироии салоҳиятҳои иртиботиву забонӣ ба назар гирифта шудааст.

**6. Муназзамӣ ва пайдарпайӣ.** Мавзуъҳо бо тартиби муайян ва пайдарпай дар асоси салоҳиятҳо пешниҳод шудаанд.

**7. Дақиқият.** Мавзуъҳо бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон равшан ва мушаххас интихоб шудаанд. Ба барнома мавзуъҳое ворид карда шудаанд, ки хонандагон дар истифодаи онҳо бештар ба мушкил дучор мегарданд. Арзёбии натиҷаҳои омӯзиш на танҳо ба дониши назариявӣ, балки ба қобилияти татбиқи дониш дар амал равона гардидааст.

**Чиро бояд донист ва чӣ тавр?**

Дар ин замина, хонанда дар ҳар ҳолат фикрашро баён карда, аз уҳдаи дарку тавзеҳ додан ва навиштани матнҳои гуногун дар ҳар шакл – мактуб, эссе, хабар, эълон, реклама, табрикнома... баромада метавонад. Барномаи нав шаклҳои гуногуни корро пешниҳод мекунад: *кори инфиродӣ, кори дунафара, кори гурӯҳӣ, мусоҳиба, муколама, матнофарӣ, хударзёбӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда...*

Албатта, мо пурра аз таълими грамматика даст намекашем, аммо бештар ба таълими мавзуъҳое диққат медиҳем, ки ба рушди зеҳнии хонандагон мусоидат мекунанд ва онҳо дар дарку фаҳмиши мавзуъҳои мазкур душворӣ мекашанд. Масалан, агар дар барнома мавзуъ «Истифодаи ҳарфи калон ҳангоми навиштани номҳо» омада бошад, танҳо ба паҳлуҳои ҳамин масъала дахолат карда мешаваду халос.

Дигар ин ки, тарзи пешниҳод дар китоби дарсии насли нав комилан шавқовар ва ҷалбкунанда аст. Хонандагон дар давоми панҷ марҳала мавзуъҳоро дарк ва дониши худро дар амал татбиқ карда метавонанд. Бояд ҳаминро фаҳмид, ки забонро минбаъд барои аз худ кардани маҷмуи қоидаҳо не, балки барои истифодаи он чун воситаи асосии фикр, рушди шахсият ва малакаи хонандагон омӯхтан лозим аст. Ин нукта муҳтавои асосии Барномаи нав ва китобҳои насли навро дар бар мегирад.

Мавриди зикр аст, ки мавзуъҳои грамматикӣ дар китоб танҳо бо дарназардошти мушкилоти мавриди назар ва рафъи мушкили хонандагон дар дарки мавзуъҳо интихоб шудаанд. Аз ин рӯ, барои таълими ҳама мавзуъҳои грамматикӣ зарурат ҳам намемонад. Ин интихоб дар асоси таҳлили мушкилоти маъмултарини имло ва нутқи хонандагон сурат гирифтааст. Мавзуъҳое нигоҳ дошта шудаанд, ки бештар хусусияти амалии омӯзишӣ (забондонӣ) доранд, аз ҷумла, *истифодаи ҷонишинҳо, имлои ҳарфи «ъ», навишти шумораҳо ва пешгирии такрори бемаврид дар матн...*

Дигар ин ки, миқдори соатҳои таълимӣ кам нашуда бошад ҳам, дар баёни тартиб ва муҳтавои мавзуъҳо дар барнома дигаргунӣ зиёд шудааст.

Чизи дигаре, ки шояд бисёриҳоро ба тааҷҷуб оварад, мушаххас нишон надодани миқдори корҳои хаттист, ки ин, албатта, беасос нест. Хотиррасон мекунем, ки шакли нави пешниҳоди

мавзуъҳо баробарии инъикоси нутқи шифоҳиву хаттиро фаро гирифтааст. Тибқи талаботи барномаи нав, диктант ҳамчун навъи санҷиши ҷудогона баррасӣ намешавад, зеро арзёбӣ дар асоси муносибати босалоҳият сурат мегирад, яъне, санҷиш танҳо бо имло маҳдуд намешавад, балки хондан, фаҳмиш, таҳлил, татбиқ ва эҷодро дар бар мегирад. Диктант ҳамчун унсури арзёбии салоҳиятҳои забонӣ дар доираи супоришҳои маҷмуӣ ва корҳои ҷамъбастӣ истифода мешавад, на ҳамчун шакли мустақили баҳогузорӣ.

Аз тарафи дигар, бояд дар назар гирифт, ки ба ҳар як хонанда рӯзҳои арзёбӣ якнусхаӣ китобчаи «Арзёбӣ» барои санҷиши дониши гирифтаашон дода мешавад. Дар ин сурат арзёбӣ имло, инкишофи нутқ, эҷодкорӣ, санҷиши дониш, фаҳмиш ва умуман, ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти хаттиву шифоҳии хонандагонро дар бар мегирад. Дар китоб барои инкишофи нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон супоришҳо тақрибан баробар пешниҳод шудаанд. Хонанда дар такя бо супоришҳо амалҳои гуногунро иҷро мекунад: мешунавад, мехонад, менависад, ҷавоб мегардонад, эҷод мекунад, суҳбат мекунад, баҳс мекунад, эҳтироми фикри ҳамдигарро ёд мегирад ва ғ.

Тамоми раванди таълим бо арзёбии дониши хаттиву шифоҳии хонандагон, яъне, бо иҷрои кори амалӣ сурат мегирад, аз ҷумла, бо навъҳои гуногуни кори хаттӣ (диктанти санҷишӣ, шунавоӣ, «Худам худамро месанҷам», ҳамдигарсанҷӣ (Кори дунафара), муҳокима, мубоҳиса, саволу ҷавоб, матнофарӣ, нақл аз рӯйи расм ва ғ.. Дар ин сурат зарурати ба таври муайян нишон додани миқдори кори амалӣ аз байн меравад.

Дар мавриди кори дунафара ва гурӯҳӣ гуфтан мумкин аст, ки он ҳамчун методи муосир барои *ташаккули малакаи муошират, рушди тафаккури таҳлилӣ, худидоракунӣ ва масъулият, истифодаи забон дар муҳити воқеии муошират ва эҷодкорӣ* пешбинӣ шудааст.

Дар ҳақиқат, барои самаранок будани кори дунафара тафовути сатҳи дониш метавонад мусоидат намояд, аммо дар методикаи муосири таълим бо роҳҳои зерин ҳал карда мешавад: ҷуфтбандии гуногуни мақсаднок (қавӣ + миёна, миёна + суст, қавӣ + қавӣ, суст + суст вобаста ба ҳадаф). Мушкил дар усули кори дунафара ё гурӯҳӣ нест, балки дар тарзи ташкил ва идоракунии он мебошад. Чунин шаклҳои кор бояд идорашаванда ва мақсаднок ташкил карда шаванд. Шояд баъзеҳо ба кори инфиродӣ бартарии зиёд диҳанд ва салоҳияти ислоҳи ғалатҳоро ба омӯзгор вобаста донанд. Аз суҳбат бо баъзеҳо чунин бармеояд, ки дар кори дунафара шахси камфаъол аз ҷиҳати руҳиву равонӣ ҳассос буда, барои тамасхур шудан аз ҷониби ҳамнишинаш меҳаросад. Ӯ одитарин камбудияшро назди ҳамсифнонаш намехоҳад ошкор кунад, вале аз омӯзгор ҳаросе надорад, яъне, аз тарси «шарманда шудан» мехоҳад, сираш байни худу омӯзгор монад, тамом. Ба ин хотир, ин гурӯҳ ислоҳи ғалатҳои имлоиро ба омӯзгор вобаста мекунанд, то бачаҳо аз ҷониби ҳамдигар тамасхур нашаванд.

Аммо бояд фаромӯш накунем, ки агар ин раванд танҳо ба ислоҳи имло аз тарафи омӯзгор маҳдуд гардад, самаранокӣ коҳиш мeёбад ва хонандагон ба иштироккунандагони ғайрифаъол табдил мeёбанд. Дар мавридҳои муайян, аз ҷумла, ҳангоми омӯзиши қоидаҳои нав, дар арзёбии ҷамъбастӣ, ҳангоми мавҷуд будани ғалати умумӣ омӯзгор хонандаро ислоҳ кунад, дуруст аст, аммо дар марҳилаи омӯзиш (машқ, татбиқ, таҳлил) кори ҳамсолон хусусияти дигар дорад: ғалатҳои ҳамдигарро ислоҳ кардани хонандагон ҳамчун тавсия пешниҳод мешавад. Қабул кардан ё накардани фикри пешниҳодшуда бо овардани далел дар салоҳияти худи хонанда мемонад. Ин раванд малакаи далеловарӣ, тафаккури интиқодӣ, масъулияти шахсӣ ва салоҳияти арзёбӣ (баҳодиҳии далелнок)-ро инкишоф медиҳад. Ин марҳила иваз кардани нақши омӯзгор набуда, балки омодагӣ ба ислоҳи ниҳоӣ аз ҷониби омӯзгор мебошад. Ин масъала дар Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор шарҳ ёфтааст. Истифодаи кори дунафара маънои канорагирии омӯзгор аз ислоҳи ғалати имлоиро надорад. Баръакс, ин тартиб ҳам назорати омӯзгорро нигоҳ медорад ва ҳам фаъолияти фикрии хонандаро фаъол месозад. Нақши омӯзгор дар ин раванд ҳалкунанда аст. Ӯ бояд фарҳанги муошırати боэҳтиромро дар хонандагон ташаккул дода, эътимод ва амнияти равониро дар синф таъмин намояд. Дар чунин муҳит хонанда тадриҷан аз тарси «шарманда шудан» раҳо гардида, қобилияти худидоракунӣ ва қабули андешаи дигаронро дар худ инкишоф медиҳад. Бояд дар назар дошт, ки хатоӣ ҳамчун марҳилаи табиии омӯзиш қабул карда мешавад; хонандагон якдигарро танқид намекунанд, балки тавсия пешниҳод менамоянд; муҳокима хусусияти интиқодӣ не, балки таълимӣ дорад. Кори дунафара на танҳо ба такмили дониш, балки

ба рушди салоҳиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии хонанда низ мусоидат менамояд. Кори дунафара ҳадаф не, балки восита аст.

Ба иддаои баъзеҳо, дар кори гурӯҳӣ боз ҳам манфиати кор камтар аст. Ба пиндори онҳо, дар ҳама гурӯҳҳо як ё ду кас кор мекунад, дигарон бекор менишинанд, аммо бояд ба хотир гирифт: дар кори гурӯҳӣ санҷиши ниҳоӣ аз ҷониби омӯзгор анҷом дода мешавад, хатои умумӣ ҷамъбаст мегардад, қоидаи илмӣ ва шакли дуруст аз ҷониби омӯзгор таҳким меёбад. Муҳим тарзи ташкили кор аст. Агар тақсимоти нақшҳо (санҷишгар, нависанда, назоратчӣ, сухангӯ ва ғ.) бо роҳнамоии омӯзгор сурат гирад ва хонандагон мақсадро дарк кунанд, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардан мумкин аст. Агар кори гурӯҳӣ бе масъулияти инфиродӣ ва бе назорати марҳилавии омӯзгор амалӣ гардад, табиист, ки фаъолият ба дӯши 1–2 нафар мегузарад.

Кори инфиродӣ низ, албатта, аҳаммияти хосса дошта, дар Дафтари хонанда он ҳамчун марҳилаи аввал пешбинӣ шудааст. Пас аз кори инфиродӣ марҳилаи муқоиса ва муҳокима меояд, ки он ба таҳкими дониш мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, масъала дар муқобил гузоштани кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ нест. Ин ду шакли кор якдигарро пурра менамоянд: *кори инфиродӣ барои ташаккули дониш ва масъулияти шахсӣ; кори гурӯҳӣ барои рушди тафаккур, ҳамкорӣ ва истифодаи фаъолонаи забон.*

Бо роҳбарии дуруст кори гурӯҳӣ метавонад на танҳо танбалиро дар хонандагон коҳиш диҳад, балки масъулияти ҳар хонандаро афзоиш диҳад. Ҳамин тавр, масъала бештар ба салоҳияти идоракунии омӯзгор ва татбиқи ташкили он вобаста аст, на ба худи усули кори гурӯҳӣ.

Мумкин аст, баъзеҳо фикр кунанд, ки ягон нафар фаъолияти худро дурусту воқеӣ арзёбӣ карда наметавонад. Аммо тибқи талаботи барномаи нав хонандагон дар ҳар шакл (инфиродӣ, гурӯҳӣ...) кори худро арзёбӣ мекунанд. Бо ин роҳ қобилиятҳои зерин ташаккул меёбанд: *фикр кардан дар бораи амали худ; таҳлил ва муқоисаи натиҷа; дарки хато ва кӯшиши ислоҳи он; қобилияти мулоҳиза ва худидоракунӣ.* Хонандагоне, ки мунтазам ба хударзёбӣ ҷалб мешаванд, *хатои худро зудтар дарк мекунанд, масъулияти бештар мегиранд, пешрафти устувортар нишон медиҳанд.* Муҳим он аст, ки хударзёбӣ ба шакли меъёрӣ ва роҳнамоишуда пешниҳод гардад, на ба таври озод ва бе меъёр. Дар Дафтари хонанда супоришҳои арзёбӣ ба маънои «ба худ баҳо гузоштан» нестанд, балки шакли содашудаи инъикоси омӯзиш мебошанд, масалан:

«Ман фаҳмидам / Ман душворӣ дорам»;

«Ман хато кардам / Ман дуруст иҷро кардам».

Хударзёбӣ ивазкунандаи баҳогузории омӯзгор набуда, барои ташаккули худогоҳӣ пешбинӣ шудааст, на барои баҳогузории касбӣ. Аз нигоҳи илмӣ, *хударзёбии роҳнамоишуда зарар намерасонад, балки худогоҳиро баланд мебардорад, тарси хато карданро коҳиш медиҳад, қобилияти таҳлил ва худидоракуниро дар хонандагон инкишоф медиҳад.* Хударзёбӣ зарар намерасонад. Зарар танҳо дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки *меъёрҳо норӯшан бошанд, муҳити равонӣ ноамн бошад ё хударзёбӣ ба шакли ҷазо истифода шавад*. Ин раванд *салоҳияти худтанзимкунӣ, тафаккури интиқодӣ, масъулияти шахсӣ ва худогоҳиро инкишоф медиҳад.* Аз ин рӯ, хориҷ намудани супоришҳои хударзёбӣ зарурат надорад. Дар таълимоти имрӯза собит шудааст, ки хударзёбии роҳнамоишуда ба рушди худогоҳӣ ва масъулияти шахсӣ мусоидат мекунад. Аммо хударзёбӣ танҳо дар ҳолате самара медиҳад, ки *меъёрҳои мушаххас пешниҳод шаванд; намунаи иҷрои дуруст нишон дода шавад; хударзёбӣ бо баҳогузории омӯзгор муқоиса гардад.* Аз ин рӯ, хударзёбӣ ивазкунандаи арзёбии касбӣ нест, балки марҳилаи омодагӣ ба он мебошад.

Пешниҳоди саволу супоришҳои зиёд шояд баъзеҳоро ба тааҷҷуб оварад, аммо интихобу иҷро ба омӯзгор, кордонии ӯ ва фаъолияти хонандагон дар панҷ марҳала рабт дорад. Супориши зиёд барои як дарс не, барои чанд дарс пешниҳод шуда, омӯзгор мутобиқи кор хонандагонро ба иҷрои як ё дуто аз супоришҳои додашуда водор менамояд. Саволу супоришҳо дар тамоми марҳилаҳо водоркунанда буда, таълими мавзуъҳо дар шаклҳои гуногун, бо равишҳои ҳархела сурат мегирад, ки ин тартиб, бегумон, барои хонандагон шавқовар ҳам ҳаст. Дар охири ҳар як фасл барои кори мустақилона ва рушди тафаккури зеҳнии хонанда ҷой додани тест-саволномаҳо оварда шудаанд.

Дар китоб саропо тарғиби арзишҳои милливу ватандорӣ дида мешавад, ҳам тавассути шеъру матн, ҳам тавассути зарбулмасалу шиор, ҳам бо роҳи ҷумласозӣ. Овардани луғатҳо ҳам барои бой гардондани фонди луғавии хонандагон бамаврид аст. Дар ин ҳолат бояд гуфт, ки ҳама гапро дар китоб ҷо дода намешавад, омӯзгори кордон бо воситаи луғатҳо иборасозиву ҷумласозиро истифода барад, самара бештар мегардад.

Саҳифаи дақиқи китоби дарсӣ дар Дафтари хонанда ишора нашудааст, аммо рақами фасл ва рақами супориш ҳам барои хонанда ва ҳам барои омӯзгор аён ва дақиқ аст, зеро сохтори фаслҳо, марҳалаҳо ва рақамгузории супоришҳо дар Дафтари хонанда ва китоби дарсӣ ҳамоҳанг ва мутобиқ таҳия гардидаанд. Масалан, агар хонанда дар супориши 8-и як фасли муайяни Дафтари корӣ қарор дошта бошад, ӯ дар китоби дарсӣ низ ба ҳамон фасл ва ҳамон рақами супориш муроҷиат менамояд. Ин ҳамоҳангӣ имкон медиҳад, ки бе ишораи саҳифаи мушаххас низ хонанда ва омӯзгор матни дахлдорро ба осонӣ пайдо намоянд.

Китобҳои дарсӣ бояд на танҳо иттилоот пешниҳод кунанд, балки қудрати мустақилона андеша кардан, таҳлил ва эҷодкории фикриро низ дар хонандагон такмил диҳанд. Барои насли нав чунин китобҳо нақши муҳиме дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, дарки масоили иҷтимоӣ ва ташкили меъёрҳои ахлоқиву маънавӣ доранд.

Китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 ба дасти хонандагон расид, китоби синфи 6 ҳам омодаи чоп аст. Табиист, ки қадами аввал бе камбудӣ нест. Дар таълифи китоби синфи 6 то ҳадди имкон ба мазмуну муҳтаво ва имло диққат дода шуд, аммо як мушкил пайваста муаллифонро нигарон мекард: набудани меъёри ягона дар имло ва истифодаи аломатҳои китобат.

Умедворем, назару мулоҳиза ва маслиҳату тавсияҳои худро роҷеъ ба китобҳои «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5-6 пешниҳод мекунед.

Забон дар даҳон, эй хирадманд чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.
Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар?

**Саъдии Шерозӣ**

# НАҚШИ КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ АЗ ФАННИ МАТЕМАТИКА

**Мамадҷон МАҲКАМОВ – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
Абдураззоқ РАЗЗОҚОВ – дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ**

**Таҳти мафҳуми кори беруназдарсӣ аз математика машғулиятҳои ғайриҳатмии системаноки хонандагон бо омӯзгор дар вақти холӣ фаҳмида мешавад. Кори беруназдарсӣ аз математика қисми таркибии ҷараёни таълимӣ – тарбиявӣ мебошад.**

Кори беруназдарсӣ аз математика қобилият ва шахсияти хонандаро ташаккул ва инкишоф медиҳад. Ифодакунии ин ҷараён на фақат инкишоф додан ва мукаммал гардонидани он чизе, ки ба инсон табиат ато намудааст, балки дар ӯ тарбия намудани талаботи доимо худинкишофдиҳӣ ва худамалигардонӣ мебошад, чунки ҳар як шахс, пеш аз ҳама, худаш худашро тарбия мекунад.

Мақсади омӯзиши математика бо сохтори шахсият, мақсадҳои умумии маърифат, консепсияи фанни математика, мақом ва манзалати он дар илм, маданият ва фаъолияти ҳаётии ҷомеа, арзишҳои таълими математикӣ, ғояҳои нави маърифатӣ асоснок карда мешавад.

Таҳти кори беруназдарсӣ машғулиятҳои системаноки ҳатмӣ бо хонандагон дар вақти холӣ фаҳмида намешавад. Мактабҳои математикӣ, машғулиятҳои факултативӣ ва маҳфилҳо бояд дониши математикии хонандагонро, ки аллакай фазои майлу рағбати таълимии худро муайян намудаанд, мукаммал ва амиқ менамояд.

Яке аз мақсадҳои муҳимтарини гузаронидани кори беруназдарсӣ аз математика, инкишофи майлу рағбати хонандагон ба математика, ҷалб намудани онҳо ба машғулиятҳои факултативӣ мебошад. Дар хонандагон хоҳиши зиёди санҷидани неруи худ, қобилияти математикӣ, маҳорати ҳалли масъалаҳои ғайриқолабӣ мавҷуд аст. Онҳоро имконияти иштироки ихтисорӣ ба худ ҷалб мекунад.

Гузаронидани кори беруназдарсӣ аз математика воситаи муҳимми баландбардории дараҷаи касбии омӯзгорон мебошад. Яке аз мақсадҳои он ба таври васеъ ва мукаммал омӯхтани маводи курси математика буда, гоҳо ин раванд аз чорчӯбаи барномаҳои ҳатмӣ берун мебарояд. Дар



машғулиятҳои иловагӣ баррасии масъалаҳои шавқовар омӯзгорро ҳатман ба зарурати шиносоии амиқ бо ин мавод ва методикаи ибрози он ба хонандагон оварда мерасонад. Ҳамзамон, имконият медиҳад, ки хонандагони ба машғулиятҳои математикӣ шавку рағбатдошта муайян карда шаванд, ки ин барои ҳалли масъалаи тайёр намудани шумораи зиёди корҳои математикӣ ва илмӣ-методӣ хеле муҳим аст. Муассисаи ҳозиразамон бояд ҷараёни корҳои тарбиявиро хуб идора карда тавонад. Идора намудани ҷараёни тарбиявӣ на фақат инкишофдиҳӣ ва мукаммалгардонии чизи ба инсон аз табиат додашуда, бартараф кардани нуқсонҳои иҷтимоӣ дар рафтор ва шуури ӯ, балки рушди талабот амалигардонии неруҳои ҷисмӣ ва руҳӣ мебошад.

Мақсадҳои асосии гузаронидани корҳои беруназдарсӣ аз математика инҳоянд:

1. Муайян намудани дараҷаи майлу рағбати хонандагон ва омӯзгорон ба кори беруназдарсӣ аз математика.

2. Муайян намудани дараҷаи мувофиқати майлу хоҳиши талабагон ва омӯзгор.

3. Муайян намудани ҷои кори беруназдарсӣ аз математика дар дарсҳои миёна ва болоӣ дар ҳаёти мактаб.

4. Муайян намудани равияи ин кори беруназдарсӣ.

5. Кор бо хонандагони аз рӯйи маводи барномавӣ аз хонандагони қафомонда, яъне, дарсҳои иловагӣ аз математика.

6. Кор бо хонандагоне, ки ба математика бештар шавқу рағбат зоҳир менамоянд.

7. Кор бо хонандагон барои инкишофи майлу рағбат ба омӯзиши математика.

Мақсади асосии намуди якуми кори беруназдарсӣ бартараф намудани камбудиҳо ва қафомониҳои хонандагон мебошад. Фикру ақидаҳое мавҷуданд, ки агар чунин кори беруназдарсӣ бурда шавад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар дарси математика (дарси асосӣ) ҷараёни таълим хуб ба роҳ монда нашудааст. Дар ҳар ҳолат, ин кор бояд характери фардӣ дошта, аз омӯзгор рафтор ва характери махсусро тақозо кунад.

Мақсадҳои намуди дуюми кори беруназдарсӣ хеле гуногун шуда метавонанд ва аз он вобастаанд, ки чӣ мароқовар аст ва хонандагон аз математика чиро донистан мехоҳанд, масалан:

1. Инкишоф додан ва мукаммал намудани донишҳо аз рӯйи маводи барномавӣ.

2. Талқин намудани корҳои тадқиқотӣ.

3. Тарбияи тафаккури математикӣ.

4. Инкишофи тасаввурот оид ба татбиқи амалии математика ва ғ.

Намуди сеюми кори беруназдарсӣ дорои ҳамин мақсадҳо буда, диққати асосӣ ба инкишофи майлу рағбат ба математика мувофиқи имкониятҳои ин гурӯҳи хонандагон равона карда мешавад. Шаклҳои зерини корҳои беруназдарсӣ мавҷуданд:

1. Маҳфили математикӣ.

2. Машғулиятҳои факултативӣ.

3. Озмунҳо ва викторинаҳои математикӣ.

4. Олимпиадаҳои математикӣ.

5. Баҳсу мунозираҳои математикӣ.

6. Ҳафтаи математикӣ.

7. Матбуоти математикии дарсӣ ва мактабӣ.

8. Тайёр намудани моделҳои математикӣ.

9. Экскурсияҳои математикӣ.

Шаклҳои номбаркардашуда аксар вақт ҳамҷоя мешаванд ва дар байни онҳо тафовути кул гузоштан хеле душвор аст. Ба ғайр аз ин, элементҳои бисёр шаклҳо ҳангоми гузарондани корҳо аз рӯйи шакли дигар истифода бурда мешаванд. Масалан, ҳангоми гузаронидани шабнишинии математикӣ аз мусобиқаҳо, озмунҳо, маърузаҳо ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

Талаботи гузошташудаи барнома, китобҳои дарсии математикаи мактабӣ ва методикаи қабул кардашудаи таълим ба хонандагони «миёнахон» пешбинӣ карда шудаанд.

Аммо аллакай дар дарси якум ба «табақаҳо» тақсимшавии аҳли хонандагони дарс оғоз меёбад: шогирдоне, ки маводи барномавиро аз математика осон, бо майлу рағбат аз худ мекунанд, онҳое, ки ҳангоми омӯзиши математика фақат натиҷаҳои қаноатбахшро ба даст медароранд ва хонандагоне, ки аз худ намудани математика ба онҳо бо душвории зиёд муяссар мешавад.

Ҳамаи ин ба зарурати фардигардонии таълими математика оварда мерасонад, ки як шакли он кори беруназдарсӣ аст. Таҳти мафҳуми кори беруназдарсӣ аз математика машғулиятҳои ғайриҳатмии системаноки хонандагон бо омӯзгорон дар вақти холӣ фаҳмида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки намудҳои кори беруназдарсӣ аз математика ҳоло дар ҳар як мактаб мавҷуд аст.

**Нақши кори беруназдарсӣ дар тайёрии хонандагони дар омӯзиши маводи барномавӣ аз хонандагони қафомонда**

Мақсади асосии ин кор сари вақт бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар хонандагон, донишҳо ва қобилиятҳо оид ба курси математика мебошад.

Таҷрибаи пешқадами кори омӯзгорони математика аз самаранокии ҳолатҳои зерин бо ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ аз математика алоқаманд шаҳодат медиҳад:

1. Машғулиятҳои иловагиро (баруназдарсӣ) аз математика бо гурӯҳҳои на чандон калони хонандагони қафомонда (3-4 кас дар ҳар як гурӯҳ) гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст: ин гурӯҳи хонандагон бояд аз рӯйи камбудиҳо, ҳам аз рӯйи давомот ва қобилият яксатҳа бошанд.

2. Ба таври максималӣ фардигардонии ин машғулиятҳо (ба ҳар як хонанда пешниҳод намудани супориши фардии пешакӣ тайёр кардашуда) ба мақсад мувофиқ аст.

3. Дар мактаб бо хонандагони сустхон (қафомонда) на зиёда аз як маротиба дар як ҳафта гузаронидани машғулиятҳо бо муттаҳид намудани ин кор бо вазифаи хонагӣ аз рӯйи нақшаи фардӣ ба мақсад мувофиқ аст.

4. Пас аз омӯзиши такрории ин ё он боби математика, дар машғулиятҳои иловагӣ гузаронидани кори санҷишии ниҳоӣ бо гузоштани баҳо аз рӯйи мавзуъ зарур аст.

5. Машғулиятҳои иловагӣ аз математика чун қоида бояд характери омӯзонанда дошта бошанд; ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо истифодаи вариантҳои мувофиқи корҳои санҷишӣ ва мустақилона аз «маводи дидактикӣ», инчунин, дастурҳои таълимии намуди барномавӣ истифода кардан хеле муфид аст.

6. Ба омӯзгори математика зарур аст, ки доимо сабабҳои қафомонии хонандагони алоҳидаро ҳангоми омӯзиши математика таҳлил намуда, хатоиҳои содирнамудаи онҳоро ҳангоми аз худ намудани ин ё он мавзуъ омӯзад. Ин машғулияти иловагиро аз математика боз ҳам самараноктар мегардонад.

**Нақши кори беруназдарсӣ дар тайёрии хонандагоне, ки**
**ба омӯзиши математика қобилият ва майлу хоҳиши баланд доранд**

Намуди дуюми кори беруназдарсӣ аз математика, машғулият бо хонандагони ба омӯзиши фанни мазкур майлу хоҳиши зиёд зоҳиркунанда ба мақсадҳои зерини асосӣ ҷавобгӯй аст:

1. Бедор намудан ва инкишоф додани майлу хоҳиши устувори хонандагон ба математика ва татбиқи он.

2. Васеъ ва амиқ гардонидани дониши хонандагон аз рӯйи маводи барномавӣ.

3. Инкишофи оптималии қобилиятҳои математикӣ дар хонандагон ва ба онҳо талқин намудани малакаҳои характери илмӣ-тадқиқотӣ.

4. Тарбияи маданияти баланди тафаккури математикӣ.

5. Дар хонандагон инкишоф додани қобилияти мустақилона ва эҷодкорона кор кардан бо адабиёти илмӣ-тадқиқотӣ.

6. Васеъ ва амиқ гардонидани тасаввуроти хонандагон дар бораи аҳаммияти амалии математика дар техника ва амалияи сохтмони ҷомеа.

7. Васеъ ва амиқ гардонидани тасаввуроти хонандагон дар бораи арзишҳои маданӣ-таърихии математика.

8. Дар хонандагон тарбия намудани ҳисси ҷамоатчигӣ ва ҳамҷоя намудани кори фардӣ ва ҷамъиятӣ.

9. Барқарор намудани робитаҳои зичи ҳамкорӣ байни омӯзгори математикаву хонандагон ва дар асоси он амиқтар омӯхтани майлу рағбати дарккунӣ ва дархостҳои мактаббачагон.

10. Барпо намудани гурӯҳи фаъол, ки ба омӯзгори математика дар ташкили таълими самараноки математика дар дарс кумак марасонанд.

Фарз мекунем, ки амалӣ гардонидани ин мақсадҳо қисман дар ҷараёни дарс ба амал бароварда мешавад, аммо дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ, ки дар чорчӯбаи вақти таълим ва барнома маҳдуд аст, ин кор нисбатан пурра иҷро карда намешавад. Бинобар он, амалигардонии ниҳоӣ ва пурраи ин мақсадҳо бо корҳои беруназдарсӣ аз математика гузаронида мешавад.

Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои аз ҳама қобили қабул ва аксар вақт истифодашавандаи корҳои беруназдарсӣ аз математика маҳфилҳои математикӣ, факултативҳо ва олимпиадаҳо мебошад. Аммо машғулиятҳои доимӣ бо ин шаклҳо на ба ҳамаи бачагон мароқовар ва дастрас мебошад. Ҳамин хел намудҳои фаъолияте лозиманд, ки ба бачагони болаёқат, неруманд ва сустхон шавқовар бошанд. Мавҷи эҳсосот, ҳиссиёти ҷашнӣ ва аз ҳама муҳим барои хонандагон ҳисси бартарии шахсӣ лозим аст. Дар бораи муфид будани чунин фаъолият, ки аз як тараф ҳавасмандии ҷараёни таълимиро таъмин менамояд, фаъолияти дарккуниро баланд

мебардорад, аз тарафи дигар, ба мактаб руҳияи мусобиқа ва идрок меорад, сухан рондан мумкин ва зарур аст. Дар системаи кори беруназдарсӣ аз математика ҳафтаи фаннӣ мақоми махсусро ишғол менамояд.

Фаъолгардонии корҳои беруназдарсӣ аз математика бояд дар хонандагон на фақат майлу рағбатро ба фан бедор намояд, балки хоҳиши бо он ба таври иловагӣ машғул шуданро ҳам тахти роҳбарии омӯзгор дар вақти холӣ ва ҳам мустақилона дар чараёни фаъолияти мустақили дарккунӣ пайдо кунонад, хонандагонро барои аз худ кардани донишҳои иловагии нав водор кунад.

Омӯзгори математика чорчӯбаи фаъолияти педагогии худро фақат бо машғулиятҳо дар дарс маҳдуд карда наметавонад. Барои тарбиятгари хуб шудан зарур аст, ки ба хонандагон на фақат маҷмуи додашудаи донишҳои математикӣ талқин карда шавад, инчунин ба онҳо малакаҳои маданияти муоширатро омӯзонида, тафаккури фаъоли эҷодӣ бедор карда шавад.

Ҳафтаи фаннӣ аз математика шакли маҷмуии кор аз рӯйи фан буда, натиҷаи он кори мустақилонаи хонанда парвози хаёлоти бачагона ва эҷодиёт мебошад. Инчунин, имконияти худро дар ин ё он дараҷа зоҳир намудан, ҳатто барои ҳар як хонандаи сустхон мебошад. Ин имконияти фаъолияти якҷояи хонандагони синну солашон гуногун мебошад.

Савол ва супоришҳои ҳафтаи фаннӣ бояд ҳамин хел интихоб ва тартиб дода шуда бошанд, ки аз уҳдаи ҳалли онҳо на танҳо хонандагони аълохон, балки ҳар як хонанда, ҳатто хонандаи сустхон ҳам бароманда тавонад. Дар ин ҳолат ҳама метавонад худро нишон дода, фаъолона ширкат варзанд ва касе аз бекорӣ зиқ ва дилгир нашавад. Бозиҳои шавқовар, маҳфили зарифон, озмунҳо омӯзиши ба ақидаи баъзеҳо фанни «хушк», душвор ва ҳатто «бадвоҳима»-ро ба монанди математика осон ва дастрас мегардонад, ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишҳо ва истилоҳҳои омӯхтаашонро васеъ истифода намуда, хотира ва мантиқи худро инкишоф диҳанд. Боиси қайд аст, ки ҳафтаи математика бо мақсади инкишоф, рағбати дарккунӣ, қобилияти эҷодӣ ва тафаккури хонандагон гузаронида мешавад. Умуман, ҳафтаи математикӣ ба инкишофи сифатҳои шахсияти хонандагон мусоидат намуда, робитаи байни хонанда ва омӯзгорро мустаҳкам мекунад. Бо мақсади инкишофи майлу рағбат ба фан дар мактаб ҳар сол ҳафтаи математикӣ гузаронида мешавад. Ин барои хонандагон иди ҳақиқӣ буда, одатан тахти шиори «Фанни математика чунон ҷиддӣ аст, ки имконияти мувофиқро аз даст надода, онро каме шавқовар намудан лозим аст» (Блез Паскал) гузаронида мешавад. Дар кабинети математика, дар яке аз тахтаҳои кунҷакии математикӣ овезае бо навиштаҷоти «Математика – маликаи фанҳо, дар даҳаи математикӣ иштирок намо!» овезон карда шуда, дар он оид ба ҳамаи чорабиниҳои гузаронидашаванда иттилоъ дода шавад, ягон дарс бекор намемонад. Ҳар як дарс ҳатман мувофиқи нақша – чорабиниҳо гузаронида мешавад. Ба ғайр аз ин, супоришҳои гуногун дода мешаванд, ки ҳангоми иҷрои онҳо ҳар як хонанда қобилият, маҳорат ва малакаи худро нишон медиҳад.

Он ки дар касби илм ранҷ барад,
Ранҷ набвад, ки пай ба ганҷ барад.
***
Ҳаст илм, он чи боқию абад аст,
Ҳар чи ҷуз илм, об дар сабад аст!

**Камолиддин Биноӣ**

# ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ

**Шоймардон СОДИҚОВ – омӯзгори кафедраи методикаи таълими география ва ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Таълими фанни география дар мактаб миқдори зиёди воситаҳои таълимиро талаб менамояд. Ин, пеш аз ҳама, ба махсусияти объекти омӯзиши география (табиат, аҳолӣ ва хоҷагӣ) ва донишу малакае, ки хонандагон аз худ менамоянд, вобаста аст. Ҳангоми омӯзиши фанни география хонандагон ба табиат, аҳолӣ ва хоҷагии ҷаҳон, қисмҳои алоҳидаи он ва мамлакатҳои алоҳида шинос мешаванд.**

Дар асоси нишондоди барномаи таълим дар синф, майдончаи географӣ ва дар маҳал (ҳангоми экскурсия) корҳои амалии гуногунро иҷро менамоянд. Дигар хусусияти омӯзиши фанни география дар он аст, ки аз сабаби ниҳоят фарох будани объекти омӯзиши фан, хонандагон ба объект ва ҳодисаҳои ниҳоят мухталиф сарукор доранд, ки онҳоро дар синф ва дар маҳалли худ мушоҳида кардан ғайриимкон аст. Дар ин маврид хонандагон дар бораи қаламрав, объекту ҳодисаҳои географии дурвоқеъгардида тавассути воситаҳои таълимӣ тасаввурот ҳосил менамоянд. Ҳамин тавр, вобаста ба ҳал намудани вазифа ва мақсади таълиму тарбия дар ҷараёни таълим ворид намудани воситаҳои гуногуни таълим тақозо мешавад.

Истифодаи мунтазами воситаҳои таълим самаранокии таълиму тарбияро дар дарс таъмин менамояд. Ба ин хотир, дар ҷараёни таълим воситаҳои таълим якчанд вазифаро иҷро менамоянд. Пеш аз ҳама, ин воситаҳо манбаи дониш ба ҳисоб мераванд. Дар як вақт амалиёти дарки хонандагонро таъмин менамоянд, малака ва маҳорати онҳоро ташаккул медиҳанд. Китоби дарсӣ, атлас, харита, ҷадвал, расм, сурат ва дигар воситаҳои чопӣ низ ҳамчун манбаи дониш хидмат мекунанд. Асбобу анҷоми ченкунӣ малака ва маҳоратро инкишоф ва ташаккул медиҳанд. Як қисми воситаҳои таълимӣ ҳисси зебоипарастии хонандагонро тақвият мебахшанд. Интихоби дурусти воситаҳои таълим дар дарс ба тарбияи экологии хонандагон ва ғамхорӣ ба табиат ва сарватҳои табиӣ мусоидат менамояд. Бисёр намуди воситаҳои аёнӣ хонандагонро ба интихоби касб ҳидоят менамояд. Ҳамчунин, мунтазам ва ҳадафмандона истифода кардани воситаҳои таълим дар дарс ба инкишофи қобилияти фикрии хонандагон мусоидат мекунад. Дар лаҳзаҳои аввал хонандагон нисбат ба объекту ҳодисаҳо рағбат пайдо карда, андешаю мулоҳизаи худро баён менамоянд; дар лаҳзаи дуюм объекту ҳодисаҳоро таҳлил намуда, хулоса мебароранд; дар лаҳзаи сеюм, баъди аз худ кардани он методҳое, ки хонандагон бо воситаҳои таълим анҷом додаанд, супоришҳоро метавонанд мустақилона иҷро ва малака ҳосил намоянд. Баробари торафт мураккаб гардидани кор бо воситаҳои аёнӣ, на фақат қобилияти фикрӣ, инчунин, қобилияти дарки хонандагон низ инкишоф меёбад. Дар ин асос хусусият ва қобилияти дарки хонандагон ба эътибор гирифта мешавад ва шаклҳои ташкилии дарс амалӣ мегардад. Ба ин маънӣ, сатҳи фаъолияти дарки хонандагон шаклҳои ташкили дарси географияро муайян менамояд (И. С. Матрусов). Вобаста ба ин, ӯ намудҳои зерини фаъолияти дарки хонандагонро пешниҳод менамояд: ретсептивӣ (нишондодӣ), репродуктивӣ (тавсифӣ), эвристикӣ (меёбам) ва тадқиқотӣ (меҷӯям). Ҳар яки онҳо бо худ хусусияти хос доранд, ки инкишофпазирии воситаҳои таълимиро дар ҷараёни дарс таъмин менамояд. Ин бо роҳи хонандагонро аз як сатҳи фаъолияти даркнамоӣ ба дигараш гузаронидан



амалӣ мегардад. Онро бо чунин пайдарҳамӣ ифода кардан мумкин аст: сатҳи ретсептивӣ, эвристикӣ ва тадқиқотӣ.

Сатҳи ретсептивии фаъолияти даркнамоӣ хусусияти монологро дорост. Омӯзгор дар бораи ин ё он мавзуъ суҳбат мекунад ва хонандагон онро гӯш мекунанд. Ин раванд дар синфҳои поёнӣ ва миёна ба таври нақл ва суҳбат, дар синфҳои болоӣ ба таври лексия мегузарад. Синфҳои поёнӣ ва миёна барои ошкор намудани масъалаҳои ношиносу душворфаҳм дониши кофӣ надоранд, бинобар ин, омӯзгор дарсро бо методи суҳбат не, балки ба таври нақл мегузаронад. Синфҳои болоӣ нисбат ба синфҳоии поёнӣ ва миёна дониши васеъ доранд. Бинобар ин, дар синфҳои мазкур мавзуъҳои назариявӣ ва ҳаҷман калонро ба таври лексия баён мекунанд, аммо азбаски чунин мавзуъҳо мафҳумҳои зиёд доранд, лексия бо истифоди тавсиф ва эзоҳу шарҳдиҳӣ гузаронида мешавад.

Сатҳи ретсептивии фаъолияти даркнамоӣ ба саволу ҷавоб, яъне, суҳбат асос ёфтааст. Одатан, суҳбат ба дониш ва малакаи гузаштаи хонандагон такя ва таваҷҷуҳи хонандагонро нисбат ба дониш бедор менамояд ва дар як вақт имконият медиҳад, ки омӯзиши маводи нави таълимиро ба гузашта пайваст карда, дониши хонандагонро санҷида, таҳлил намоем. Ғайр аз ин, суҳбат дар хонандагон муҳокимаронии озод ва мустақилона аз худ намудани донишро инкишоф медиҳад. Ҳамаи ин бартариҳо омӯзгоронро водор менамоянд, ки мувофиқи мазмуни мавзуъ дар дарс аз суҳбат бештар истифода баранд.

Сатҳи ҷустуҷӯии фаъолияти дарки хонандагон бо он фарқ менамояд, ки дар рафти омӯзиши мавзуъ омӯзгор иштироки фаъолона намекунад. Хонандагон дар асоси супоришҳои мантиқан ба ҳам алоқаманд, ки омӯзгор пешакӣ тартиб додааст, кор мекунанд. Ҳангоми ба саволҳо ҷавоб гардондан ва ҳал намудани супоришҳо, агар хонандагон душворӣ кашанд, омӯзгор кумак мерасонад. Азбаски лаҳзаҳои мушкили корро омӯзгор ба таври суҳбат мефаҳмонад, чунин сатҳи азхуднамоии донишро баъзе муаллифон суҳбати эвристикӣ номгузорӣ намудаанд. Ба он хотир, дар ҳалли он масъалае, ки хонандагон ҷидду ҷаҳд менамоянд, омӯзгорон ҳам иштирок доранд. Суҳбати эвристикиро омӯзгор метавонад бо тарзи дигар ташкил намояд, яъне, мавзуи дарсиро ба қисмҳо ҷудо менамояд ва ҳалли масъалаҳоро ба нақша мегирад. Хонандагон ҳар як масъаларо ба таври алоҳида, пайдарҳам тадқиқ намуда, ҳар қадом онро мувофиқи фаҳмиши худ иҷро менамояд. Ин методро тамоюли эҷодӣ ва қисман тадқиқотӣ ҳам меноманд. Ба хотири он ки рафти иҷрои кор аз суҳбати эвристикӣ кам фарқ менамояд, муаллифон ва методистони алоҳида онро ба методи эвристикӣ мансуб донистаанд. Дар татбиқи ин метод бо тавсияи омӯзгор хонандагон аз воситаҳои таълимӣ-китоби дарсӣ ва воситаҳои гуногуни аёнӣ истифода мекунанд. Сатҳи тадқиқоти фаъолияти даркнамоии хонандагон аз худ намудани таҷрибаи эҷодкорӣ ва дар як вақт дониш ва малакаро талаб менамояд.

Татбиқ намудани ин метод дар таълими география ба хонандагон имкон медиҳад, ки онҳо мавзуъро мустақилона аз бар намоянд. Ба ақидаи олимони рус И. С. Матрусов ва М. В. Рижаков, истифодаи ин метод аз омӯзгор ва хонандагон вазифаҳои гуногунро талаб менамояд: а) омӯзгор фаъолияти хонандагонро роҳбарӣ ва назорат менамояд; б) хонандагон бояд супоришро пурра иҷро намоянд, то ки онҳоро ба гирифтани дониши нав ҳидоят намояд [2].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки омӯзгор мувофиқи мақсади дарс дар назди хонандагон масъала гузошта, рафти ҳалли ин масоилро назорат менамояд. Хонандагон ба талаботи масъалае, ки аз тарафи омӯзгор гузошта шудааст, шинос шуда, манбаъ ва воситаҳоеро, ки дар ҳалли масъала мусоидат мекунанд, муайян менамоянд. Дар ҷараёни таълим истифодаи методи масъалагузорӣ муҳим мебошад. Аммо истифодаи он ҳадду ҳудуд дорад. На ҳама навъи саволгузорӣ проблемавӣ мебошад. Саволҳо бояд тарзе гузошта шаванд, ки аз онҳо ҳалли масъала барояд, эҷодкорона истифода бурдани донишу малака ва роҳҳои дарки илмии моҳияти объекту ҳодисаҳои географиро таъмин намояд.

Вобаста ба махсусияти объекти омӯзиши география, воситаҳои таълими он ниҳоят гуногун мешаванд. Дар гурӯҳбандӣ намудани онҳо бисёр олимон ва методистон кӯшиш ба харҷ додаанд. Гурӯҳбандии воситаҳои таълимӣ дар заминаи баҳисобгирии аломатҳои гуногун банду баст гардидаанд. Аз ҷумла, А. П. Григорев аввалин шуда, воситаҳои таълими географияро дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои дохилӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудааст: а) воситаҳое, ки дар бораи объект ва ҳодисаҳои географӣ маълумот медиҳанд; б) тасвиркунанда [2].

Мувофиқи ин гурӯҳбандӣ китоби дарсӣ, китобҳои ёрирасон, глобус, ҷадвал, нақша, харита, картограмма (харитаи диаграммадор) ба гурӯҳи якум ва воситаҳои таълимии табиӣ (аслӣ) ва тасвиркунандаро ба гурӯҳи дуюм дохил намудааст.

В. А. Каринская дар асоси таҳлили вазифаи дидактикии воситаҳои таълимӣ онҳоро ба чор гурӯҳ тақсим намудааст [3]:

1) китоби дарсӣ, китобҳои ёрирасон;

2) воситаҳои аёнии таълим;

3) асбобу васоити аёнӣ, техникӣ;

4) таҷҳизоти ёрирасон.

Ин гурӯҳбандӣ тамоюли дидактикӣ дошта, аз ҳамин сабаб муддати дароз мавриди истифода қарор гирифтааст. Инкишофи минбаъдаи илм, техника ва такмил ёфтани мазмуни маълумоти географӣ, такмил ва қисман таҷдиди воситаҳои таълимиро талаб намуд. Ин буд, ки Ю. Г. Баришева бо ба назар гирифтани заминаи махсусияти объекти омӯзиши география ва ҷиҳати хоси руҳии дарккунии хонандагон (аз сарчашмаҳои гуногуни дониш) гурӯҳбандии нави воситаҳои таълимиро пешниҳод намуд. Ҳамаи ин ҷабҳаҳои хосро Ю. Г. Баришева ба назар гирифта, вобаста ба ин масъала чунин изҳори ақида намудааст: «…гурӯҳбандии воситаҳои таълимӣ ва ба гурӯҳҳо ҷудонамоии онҳо бояд бо дарназардошти тарзи тасвир ва инъикоси объекту ҳодисаҳои географӣ ҳаллу фасл карда шавад». Аз ин нигоҳ, ӯ воситаҳои таълимиро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) объектҳои табиӣ (аслӣ);

2) тасвири табиии объект ва ҳодисаҳои географӣ;

3) тасвир ва акси ашёю ҳодисаҳо тавассути воситаҳои шартӣ;

4) таҷҳизот барои таҷдид ва таҳлили объектҳои географӣ.

Муаллиф гурӯҳи якумро ба ду зергурӯҳ ҷудо мекунад: а) объектҳои табиӣ ва ашёи хоҷагӣ, ки дар синф омӯхта мешаванд (коллексия – ҷамъи ашёи якҷинса), гербарий – маҷмуи набототи хушккардашуда ва ғ.; б) объекти табиӣ ва хоҷагӣ, ки дар экскурсия наботот‚ хок, об корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, маҳсулоти онҳо ва ғ. омӯхта мешаванд. Ин воситаҳои таълим ба хонандагон имкон медиҳанд, ки оид ба он объектҳои муносибат ва алоқаи байни онҳо бевосита тасаввурот пайдо намоянд.

Гурӯҳи дуюмро низ ба ду зергурӯҳ ҷудо мекунанд: а) шаклҳои ҳаҷмӣ ба мисли қиёфаҳои сатҳи замин, объектҳои хоҷагӣ ва ғ.; б) воситаҳои ёрирасони ҳамвор, ба мисли харитаҳои деворӣ, нақша, сурат, муаррифӣ (презентатсия), видео, кинохои порчавӣ ва ғ. ин гурӯҳи воситаҳои таълимӣ симои зоҳирии объект ва ҳодисаҳоро тасвир менамоянд. Онҳо барои ташаккул додани тасаввуроти объекту ҳодисаҳои мушаххас воситаи хуб мебошанд.

Гурӯҳи сеюмро ба чор зергурӯҳ ҷудо кардааст: а) шифоҳӣ – китоби дарсӣ, ёрирасон, маълумотномаҳо, дафтари чопӣ, ҷадвалҳо ва ғ.; б) вобастаҳои картографӣ – харитаҳои деворӣ, рӯйимизӣ, тарҳӣ, харитаи нақшавӣ, нақшаи маҳал ва ғ.; в) графикӣ (хатти каҷ), ки таснифи алоқамандии зичи объект ва ҳодисаҳои географиро ифода менамояд; г) дастури графикӣ, оморӣ. Ин гурӯҳи воситаҳои таълимӣ ба таври аёнӣ гузаштани дарсро таъмин ва моҳияту таркиби объекти ҳодисаҳоро ошкор менамоянд, фикру тасаввуроти хонандагонро инкишоф медиҳанд.

Гурӯҳи чоруми воситаҳои таълимиро ҳам ба чор зергурӯҳ тақсим кардааст: а) барои корҳои ченкунии маҳал; б) барои муайян намудани нишондодҳои миқдорӣ ҳодисаҳои табиӣ; в) барои корҳои картометерӣ (тарзҳои аз рӯйи харита муайян кардани мавзеъҳои гуногуни географӣ); г) барои таҷдиди ҳаракати солона ва шабонарӯзии замин. Ин воситаҳо барои ташаккул додани малакаву маҳорати хонандагон оид ба истифодаи онҳо дар корҳои қайднамоӣ, коркарди маводи таълимӣ ва таҳлили ҳодисаҳо пешниҳод мешаванд.

Ҳамин тариқ, гурӯҳбандии воситаҳои таълим василаи хеле муҳимми омӯзиши география буда, дар он талаботи кунунии таълими география қоидаҳои дидактикӣ ва хусусиятҳои равонии (психологии) хонандагон ба эътибор гирифта шудааст. Ҳоло дар мактабҳои ҷумҳурии мо таълими фанни география дар ҳамин асос ва назорати ҳамин гурӯҳбандии воситаҳои таълимӣ ба роҳ монда шудааст.

**Адабиёт**

1. Муҳаббатов, Х., Диловаров, Р., Акобиров Ш., Раҳимов, М. Роҳнамои фанни география (Географияи Тоҷикистон) синфи 8-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. - 112 с.

2. Раҳимов, М., Самиев, А., Содиқов, Ш. Методикаи таълими география (китоби дарсӣ). – Душанбе: ЭР-Граф, 2021. – 303 с.

3.Таможняя, Е. А. Методика обучения географии: учебник и практикум для вузов. Под обҳей редакцией Е. А. Таможней. - М.: Издательство Юрайт, 2024. – 321 с.

# ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ, ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА РУШДИ КИШВАР



**Лутфулло НАҶМИДДИНОВ – омӯзгори МТМУ №22 ба номи Мирзо Наҷмиддинови ноҳияи Файзобод**

> **Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Дар ҷаҳони муосир иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ (AI) ба муҳаррикҳои асосии рушди иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (16 декабри 2025) зикр гардид, Тоҷикистон низ дар ин самт қадамҳои устувор гузошта, рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияро чун соҳаи афзалиятнок қабул кардааст, зеро медонад: давлатҳое, ки ба рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд, дар рақобати ҷаҳонӣ мавқеи устуворро ишғол менамоянд. Мусаллам аст, ки ин равандҳо на танҳо шакли анъанавии истеҳсол, хидматрасонӣ ва идоракуниро тағйир медиҳанд, балки муносибатҳои иқтисодӣ, бозори меҳнат ва тарзи зиндагии ҷомеаро низ куллан дигар месозанд, аммо бояд дар хотир дошт, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ғайриимкон мебошад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2025 таҳти №911 солҳои 2025-2030 расман «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардиданд. Ҳадафи асосии ин иқдом фароҳам овардани заминаи муосири ҳуқуқӣ, техникӣ ва кадрӣ барои гузариш ба иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар доираи ин солҳо рушди инфрасохтори рақамӣ, таъмини дастрасии васеъ ба интернети баландсуръат, ҷорӣ намудани хидматрасониҳои электронии давлатӣ ва татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун пешбинӣ шудаанд.

Президенти кишвар дар Паёми худ барои расидан ба ин ҳадаф як қатор вазифаҳои мушаххасро муайян намуданд. Аз ҷумла, Парлумони кишварро вазифадор карданд, ки заминаҳои ҳуқуқии гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъиро тақвият бахшад. Ин тадбир барои танзими муносибатҳои нави иқтисодӣ, ҳифзи маълумот, амнияти киберӣ ва ҷалби сармоягузорӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамзамон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувazзаф гардид, ки «Стратегияи рушди соҳаи алоқа барои давраи то соли 2040»-ро таҳия намояд.



Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин росто, таҷдид ва густариши инфрасохтори телекоммуникатсионӣ мебошад, зеро сохтмон ва навсозии хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ, баланд бардоштани сифати алоқаи мобилӣ ва таъмини интернети баландсуръат дар шаҳру деҳот шарти асосии рақамикунонии иқтисод ба шумор рафта, бидуни он татбиқи лоиҳаҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ имконнопазир мегардад.

Дар баробари ин, масъалаи омода намудани мутахассисони баландихтисос ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Рушди иқтисоди рақамӣ тақозо мекунад, ки низоми маориф ва тайёр намудани кадрҳо ба талаботи бозори меҳнати муосир мутобиқ карда шавад. Омӯзиши

барномасозӣ, таҳлили додаҳо, киберамният ва зеҳни сунъӣ бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ васеъ ба роҳ монда шавад.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар сатҳи байналмилалӣ, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» мебошад. Қабули ин санад мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешсаф дар масъалаҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар минтақа мустаҳкам намуда, имкониятҳои нави ҳамкориҳои байналмилалиро фароҳам овард.

Вобаста ба ин, айни ҳол як қатор ташаббусҳои муҳим амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани низоми рақамии биллингӣ дар шабакаҳои барқ ба коҳиши талафоти неруи барқ мусоидат намуда, дар баъзе минтақаҳо ин нишондиҳанда аз 15-20 фоиз то 5 фоиз кам гардид. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад самаранокии идоракунии захираҳоро ба таври назаррас баланд бардорад.

Гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ва таъсиси сомонаи ягонаи хидматрасониҳои давлатӣ низ аз қадамҳои муҳим дар роҳи рақамикунонӣ мебошанд. Ин тадбирҳо шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, коҳиши омилҳои коррупсионӣ ва барои шаҳрвандон ва соҳибкорон сарфаи вақтро таъмин менамоянд. Ҳамзамон, ташкили Корпоратсияи миллии зеҳни сунъӣ ва маҷмааи марказҳои коркарди «маълумоти сабз» барои рушди экосистемаи рақамӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Қобили зикр аст, ки таҳияи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040» яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ ба шумор меравад. Тибқи ин стратегия, саҳми технологияҳои зеҳни сунъӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то соли 2040 бояд ба 5 фоиз расонида шавад. Ин ҳадаф амалӣ намудани ислоҳоти фарогир, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инноватсияро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ на танҳо самаранокии идоракунии давлатиро баланд мебардорад, балки барои рушди соҳибкорӣ, беҳтар намудани хидматрасониҳо, коҳиши хароҷот ва талафоти инсонӣ мусоидат менамояд. Истифодаи васеи ин технологияҳо метавонад Тоҷикистонро ба бозорҳои ҷаҳонӣ наздиктар намуда, рақобатпазирии иқтисоди миллиро тақвият бахшад.

Ояндаи рушди иқтисоди миллӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза самаранок ва сари вақт технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисод, идоракунии давлатӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон ворид карда мешаванд. Солҳои 2025–2030 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд давраи таърихӣ дар роҳи гузариш ба иқтисоди ба дониш ва инноватсия асосёфта гарданд.

Ақл гӯяд ба мардуми нодон:
«Ман ба оби равон ҳамемонам,
Ки ба пастӣ қарор мегирам,
Бар баландӣ макон намемонам!»

**Роғиби Самарқандӣ**

# РОҲҲОИ ТАЙЁР НАМУДАНИ ХОНАНДАГОН БА ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННӢ



**Баҳруллоҳони ШУКУРУЛЛО – омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ ва математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и шаҳри Истаравшан**

**Пас аз ҷорӣ намудани фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар низоми таҳсилот шакли нави машғулиятҳои беруназсинфӣ аз ин фан чун олимпиадаҳои фаннӣ низ васеъ паҳн гардид. Олимпиадаи фаннӣ мусобиқа дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки аз иштирокчиён дониш ва малакаи соҳаи як ё якчанд фанни омӯхташударо талаб мекунад.**

Ёдовар мешавем, ки солҳои таҳсили 1987-1988 аввалин Олимпиадаи умумиҷаҳонӣ оид ба технологияи иттилоотӣ дар ИҶШС баргузор гардид.

Ба андешаи мо, олимпиадаҳоро аз ду ҷиҳат баррасӣ кардан мумкин аст. Дар Низомномаи олимпиадаҳои фаннӣ, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2018, таҳти №17/2 тасдиқ шудааст, олимпиадаҳои фаннӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим ва дарёфту рушди қобилияти хонандагоне шарҳ дода шудааст, ки инкишофи зеҳнии онҳо ба самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, олимпиада ба хонанда в а омӯзгор имкон медиҳад, ки тавоноӣ ва неруи худро вобаста ба амиқ омӯхтани ягон фанни таълимӣ ба таври ғайримустақим санҷад.

Олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони болаёқат яке аз воситаҳои самарабахштарин барои

1) ошкор кардани қобилият ва сатҳи лаёқатмандӣ дар соҳаи фаннӣ;
2) рушди қобилияти зеҳнӣ ва эҷодӣ;
3) назорати натиҷаҳои омӯзиш;
4) роҳнамоии касбӣ;
5) қабули донишгоҳҳо (якҷоя бо имтиҳонҳои дохилшавӣ ва имтиҳонҳо) мебошанд.

Аз дигар ҷониб, барои омӯзгорон Олимпиада ба яке аз воситаҳои назорати сифати таълим ва тасдиқи тахассуси омӯзгор табдил ёфтааст. Ба андешаи мо, олимпиадаҳои фаннӣ ба хонандагони лаёқатманд имкон медиҳанд, ки сатҳи баланди омодагии фаннӣ, рушди малакаҳои зеҳнӣ, сифатҳои шахсӣ ва маънавӣ-иродавии худро нишон диҳанд.



Пас аз таҳлили фаъолият ва сифатҳои шахсии барномасозон дар заминаи масоили лаёқатмандии кӯдакон, мо ба хулосае омадем, ки ***лаёқатмандӣ дар соҳаи барномасозӣ*** сифатҳои ҳамгироишудаи шахсият буда, дар заминаи қобилияти кӯдак (хонандагон) барои барномарезӣ ташаккул ва ҳангоми шароити мусоиди иҷтимоӣ ташаккул меёбад.

Рушди босуръати илми технологияҳои рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар охири асри XX барои ташкил ва рушди олимпиада аз фанни технологияи иттилоотӣ заминаи муҳим гузошт. Дар соли хониши 1985-86 дар барномаи таълимии ҳамаи мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии кишвар

фанни нав «Асосҳои технологияи иттилоотӣ ва муҳандисии ҳисоббарорӣ» пайдо шуд. Ба туфайли дастгирии мавзуи нави таълимӣ аз ҷониби ҷомеаи илмӣ бо роҳбарии А. П. Ершов, Е. Р. Велихов, Н. Н. Красовский ва дигарон дар солҳои хониши 1987-88 дар ИҶШС аввалин Олимпиадаи фаннӣ оид ба технологияи иттилоотӣ баргузор шуд. Азбаски дар кишвар ва ҷаҳон чунин таҷриба набуд, махз ҳамон солҳо принсипҳои асосии гузаронидани олимпиада аз фанни технологияи иттилоотӣ ташаккул ёфтанд.

Дар солҳои аввали баргузории олимпиадаии фаннӣ аз технологияи иттилоотӣ вазифаҳои олимпиада, асосан, барои тайёр кардани хонандагон ба мусобиқаҳои зеҳнӣ истифода мешуданд, аммо дар солҳои охир як қатор вазифаҳо оид ба рушди лаёқатмандӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, ки бо зуҳури устувори қобилияти зеҳнӣ дар рушди алгоритмҳо ва барномаҳои хаттӣ ва хоҳиши рушди онҳо; зеҳни систематикӣ; зуҳури устувори кунҷковии зеҳнӣ дар соҳаи барномасозӣ; хоҳиши гирифтани донишҳои нав дар соҳаи барномасозӣ ва низомсозии онҳо афзоиш ёфтанд.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи педагогӣ омӯзгороне, ки ба тайёрии ҳаматарафаи иштирокчиёни олимпиадаҳо манфиатдоранд, ҳангоми ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ дарсҳои иловагӣ мегузаронанд, ки дар шакли семинарҳои махсус, курсҳои элективӣ, доираҳои мавзуӣ ва фаннӣ ба дарёфти роҳҳои инфиродии таълимиро барои кӯдакони лаёқатманд замина мегузоранд.

Барои муваффақияти хуб дар зинаҳои гуногуни олимпиадаи технологияи иттилоотӣ, иштирокчӣ бояд:

• дорои малакаҳои зарурӣ барои кор бо компютерҳои фардӣ, хусусиятҳои асосии компютерҳо, донистани он, ки бо ёрии онҳо чӣ гуна рафъ кардани маҳдудиятҳои мавҷуда, масалан, дар хотира ва суръатро дошта бошанд;

• дар амалия усулҳои расмикунонии проблемаҳои ҷойдошта, аз ҷумла, бо дарназардошти маҳдудиятҳои техникӣ ва моҳияти додашуда дуруст истифода кардан ва қодир будан;

• дар ҳалли масъалаҳо намудҳои асосии алгоритмҳо (алгоритмҳои кор бо сохторҳои гуногуни маълумот, алгоритмҳои асосӣ оид ба графика, алгоритмҳои ташкили ҳисоббарорӣ ва барномасозии динамикӣ, алгоритмҳои арифметикии пурраи алгоритмҳо, алгоритмҳои моделсозӣ, алгоритмҳои компютерӣ ва ғ. дигарон)-ро донистан ва истифода намудан;

• мафҳуми мураккабии алгоритмҳоро дар ҳалли мушкилот истифода барад, то ин ки дар алгоритмҳои истифодашуда ё таҳияшуда мушкилии онҳо ба маҳдудиятҳои дар ҳолати проблема зикршуда мутаносиб бошад;

• ҳаҷми зарурии иттилоотро донад ва дар ҳалли мушкилоти татбиқшаванда бо системаҳои васеи амалиётӣ қодир бошад;

• дар ҳалли мушкилоти олимпиада як ё якчанд системаи барномасозии ҳамгирошударо донад ва қобилияти кор карданро дошта бошад (таркиби забонҳои барномасозиро ташкилкунандагони олимпиадаҳои мушаххас муайян мекунанд);

• усулҳои асосӣ ва қобилияти истифодабарии технологияҳои муосири барномасозӣ дошта, инчунин, барномаҳоро дар бораи санҷиш ва озмоиши масъалаҳои барномасозӣ истифода бурда тавонад.

Барои тайёрии мақсадноки хонандагон ба олимпиадаву озмунҳои фаннӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо, курсҳои махсус, элективҳо ва ғайра ташкил карда мешаванд. Ба ин тадбирҳо хонандагони лаёқатманд, боистеъдод ва шавқманд ҷалб карда мешаванд.

> Қадру баҳои мард на аз ҷисми фарбеҳ аст,
> Бал қадри мард аз сухану илми пурбаҳост.
>
> **Носири Хусрав**

*Замимаи 1*
*ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 30 сентябри соли 2025, № 515*

# СТРАТЕГИЯИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2045

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 (минбаъд – Стратегия) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 таҳия гардида, барои муайян кардани маҷмуи чорабиниҳо, ки ба динамикаи тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҳаёти кишвар мувофиқанд, бо дарназардошти хусусияту эҳтиёҷоти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, воқеияти иҷтимоию психологии инкишофи онҳо пешбинӣ шудааст.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар як шахсро ба таҳсил таъмин намуда, дастрасии таҳсилоти ройгонро дар муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти умумӣ кафолат медиҳад.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» фароҳам овардани шароити заруриро барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ҷиҳати гирифтани таҳсилоти босифат бидуни табъиз,ислоҳи нуқсонҳои инкишоф ва мутобиқшавии иҷтимоӣ, расонидани кумакҳои барвақтии иҷтимоӣ дар асоси равишҳои махсуси педагогӣ ва воситаҳои муошират ва шароит барои таълимгирандагонро танзим менамояд.

4. Стратегия ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба вазъи иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла рафъи монеа ва маҳдудиятҳо дар гирифтани таҳсилот, фароҳам овардани шароит барои таъмини ҳаёти муътадили онҳо пешбинӣ шудааст.

5. Амалисозии Стратегия дастрасӣ ва сифати баланди таҳсилро барои ҳар як хонандаи имконияташ маҳдуд ҷиҳати мутобиқшавӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ, рушди шахсият, худшиносии бомуваффақият дар ҳаёти инфиродӣ, ҷомеа, дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъмин менамояд.

6. Стратегия ба рушди касбии омӯзгорону мураббиён ва такмили фаъолияти таълимию методӣ (дастгирии методӣ, такмили ихтисос) мусоидат мекунад.

## 2.ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ҶОРӢ ВА МУШКИЛОТИ МАВҶУДА

7. Тибқи маълумоти оморӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 47158 нафар кӯдаки имконияташ маҳдуд мавҷуд буда, аз инҳо 34034 нафарро кӯдакони маъюб (кӯдакони дорои иллатҳои шунавоӣ, биноӣ, нутқ, ақлан қафомонда, узвҳои ҳаракаткунандаашон осебдор, инкишофи равониашон суст) ташкил медиҳад. Таҳлили вазъи омории соҳаи маориф дар ин самт нишон медиҳад:

- тамоюли ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд беҳтар гардидааст;

- давоми солҳои охир раванди ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд бо қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда шуд. Амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур шароит фароҳам овард, ки сатҳи таълиму тарбия беҳтар гардида, бо мақсади ба кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти фарогир ҷалб намудан аз синни барвақтӣ кумаки маҷмуӣ, расонида шавад;

- дар зинаи таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони биноияшон суст, кӯдакони гирифтори бемориҳои сил, кӯдакони дорои норасоиҳои нутқ, вале бе норасоиҳои рушди ақлонӣ 6 муассисаи таълимии махсус таъсис Дар бораи маориф онҳо 1285 кӯдак (535 духтар) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Айни замон бо дарназардошти ҷалби бештари кӯдакони имконияташон маҳдуд

ба истифода додани 5 муассисаи таҳсилоти томактабии махсус барои 465 кӯдаки имконияташон маҳдуд пешбинӣ шудааст;

- бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби шумораи кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меафзояд. Агар соли таҳсили 2019-2020 шумораи кӯдакони мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 5702 нафарро ташкил медод, ин нишондод соли таҳсили 2024-2025 7460 нафарро ташкил дода, фарогирии кӯдакони имконияташон маҳдуд 1,3 баробар афзудааст;

- тибқи маълумоти пешниҳодшуда 2578 нафар кӯдаки имконияташон маҳдуд ё 34,6 дарсад асосан тариқи мактаб-интернатҳои махсус, ки шумораи онҳо 15 ададро ташкил медиҳад (аз инҳо 4 мактаб-интернати мақоми ҷумҳуриявидошта) ба таҳсил фаро гирифта шуда, боқимонда тариқи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таҳсил ҷалб гардидаанд.

8. Ҳуқуқи таҳсил барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои гуногун, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст. Тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, маҳдудияти ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд яке аз омилҳои калидии нобаробарии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, инчунин муҳиммияти ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир таъкид шудааст.

Дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қайд гардидааст, ки барои кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд ё онҳо бо ризоияти падару модар (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хонанд.

9. Солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди тайёр кардани мутахассисон (психологҳо, логопедҳо, мутахассиси сурдопедагогика ва мутахассис-дефектолог), ки барои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ хеле заруранд, рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, ки бо кӯдакони имконияташон маҳдуд кор мекунанд, тавассути Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он курсҳои махсуси омӯзишӣ ба роҳ монда шудааст.

10. Бартараф сохтани монеаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар раванди таҳсилоти фарогир яке аз мушкилтарин вазифаҳо ба ҳисоб меравад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 чора ва захираҳои иловагие пешниҳод мешаванд, ки ба коҳиши ин тафовутҳо равона гаштаанд.

11. Мушкилот дар самти ҷалби кӯдакон ба таҳсилоти фарогир:

- кӯдакони дорои норасоиҳои ақлонӣ бояд мутобиқ ба талабот ва қобилиятҳои худ ба таҳсил фаро гирифта шаванд;

- кӯдакони танҳо норасоиҳои ҷисмонидошта бояд ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ қабул гардида, ба онҳо, новобаста аз эҳтиёҷоти маҳдудашон, хизматрасониҳо ва дастгирии зарурӣ пешниҳод намоянд;

- ҳамаи кӯдакони имконияташон маҳдуд бо мақсади осонтар гардидани ҳамгироӣ метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил намоянд.

12. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва томактабии махсус барномаи давлатии «Рангинкамон» истифода мешавад, ки ба эҳтиёҷоти кӯдакони имконияташон маҳдуд мутобиқ набуда, вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо дастурамал барои омӯзгорону мураббиён ва модулҳои таълимию маводди аёнӣ таҳия нагардидааст.

13. Фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ тариқи муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи барвақтии кӯдакон амалӣ гардида, имрӯз шумораи онҳо 2818 ададро бо фарогирии 171 416 кӯдак дар бар мегирад. Сарфи назар аз муайян гардидани афзалиятҳо, ҷиҳати фароҳам овардани муҳити мусоиди ҷисмонӣ барои кӯдакони талаботи махсусдошта дар

муассисаҳои таълимии томактабӣ роҳҳои таҳсилоти фарогир дар сатҳи хизматрасониҳо хеле кам мутобиқ шудаанд ва низоми таҳсилоти томактабӣ пешбурди самараноки онро таъмин карда наметавонад. Бо дарназардошти қабули Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 гурӯҳи корӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти томактабӣ тағйиру иловаҳо ворид намуда, китобҳои дарсии махсус, дастурҳои таълимӣ ва воситаҳои аёнии методӣ тахия менамояд, ки барои рушди зинаи томактабӣ мусоидат менамоянд.

14. Монеаи асосӣ барои ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсил норасоии мутахассисони касбӣ ва паст будани сатҳи огоҳии кормандони соҳа аз бартарӣ ва муҳиммияти таҳсилоти фарогир ба ҳисоб рафта, муассисаҳои такмили ихтисос барои истифодаи барномаҳои нави алтернативӣ ва технологияҳои муосири таълим чораандешӣ намуда, бо истифода аз методҳои инноватсионии фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабии фарогир, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, барномаҳои таълими курсҳои такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ таҷдиди назар мешаванд.

15. Мушкилот дар самти таҳсилоти фарогир:

- набудани машваратгоҳҳои педагогӣ-психологӣ-тиббӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва норасоии кадрӣ дар онҳо;

- нарасидани мутахассисон-дефектологҳо (олигофринопедагогҳо, сурдопедагогҳо), равоншиносон, логопедҳо;

- таъмин набудани муассисаҳои таълимӣ бо мушовирони равоншинос, тиббию педагогӣ;

- аз ҷониби омӯзгорон мунтазам истифода нагардидани усулҳои муосири таълим дар раванди таҳсилоти фарогир;

- таҳлили номукамали натиҷаҳои арзёбии фаъолияти таълимии таълимгирандагон ва омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир аз ҷониби сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маориф ва дар сатҳи зарурӣ омода накардани ҳисобот ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта;

- мавҷуд набудани нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и ягона ҷиҳати ба таври воқеӣ муайян намудани мушкилоти таҳсилоти фарогир;

- нокифоя будани сохторҳои кумаки аввалияи тиббӣ-педагогӣ дар масофаи наздик ба ҷойи истиқомати оилаҳои кӯдакони имконияти маҳдуддошта;

- нобаробарии назаррас дар сатҳ ва сифати расонидани ёрии махсуси психологию педагогӣ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- мутобиқ набудани инфрасохтори бештари муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони имконияташ маҳдуд ва таъмин набудани шароти мусоиди таълим дар ин муассисаҳои таълимӣ;

- набудани низоми ягонаи омодасозӣ ва такмили ихтисоси омӯзгороне, ки бо кӯдакони имконияташон маҳдуд кор мекунанд (дефектологҳо) ва равоншиносони махсус;

- нокифоягии омода намудани омӯзгорон барои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд.

16. Ҳамаи ин мушкилот ба вазъи иҷтимоию демографӣ, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, заминаи захиравии мавҷуда ва омилҳои дигари минтақавӣ алоқаманд буда, барои фароҳам овардани шароити баробар дар таъмини таҳсилоти дастрас ва босифат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар минтақаҳои гуногун мушкилӣ эҷод мекунад.

## 3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

17. Ҳадафҳои Стартегия:

- таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти фарогир дар ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ;

- муайянсозии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- муайянсозии восита ва механизмҳои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарини фаъолият, инчунин натиҷаҳои интизории амалисозии Стратегия;

- фароҳамсозии шароитҳои беҳтарсозии сифати таҳсилоти фарогир ва ҳамгироии иҷтимоӣ, қобилияти мустақилонаи ҳаёти кӯдакони имконияташон маҳдуд дар соҳаҳои гуногун;

- мутобиқсозии мазмуни барномаҳо ва адабиёти таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва фаннӣ;

- таҳия ва нашри барномаҳо ва адабиёти таълимӣ бо дар назар доштани талаботи таҳсилоти фарогир;

- таъмини муассисаҳои таълимӣ бо барномаҳо ва адабиёти таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- ба низом даровардани идоракунии раванди таълим бо дар назар доштани талаботи таҳсилоти фарогир;

- таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- ташкили муҳити фарогири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва рақамӣ дар соҳаи маориф, ки ба рушди фарҳанги фарогир дар байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мусоидат мекунад;

- таҳия ва такмили мазмуну мундариҷаи таълим барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар зинаҳои гуногуни таҳсилот;

- фароҳам овардани шароити мувофиқ ҷиҳати гирифтани таҳсилоти фарогир барои рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ ва ахлоқии кӯдакон;

- таъмини дастгирии босифати равонӣ, педагогӣ ва тиббию иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ дар асоси ҳамкории байниидоравӣ ва принсипи муттасилӣ;

- баланд бардоштани нақши оила дар тарбияи фарзандон, эҳтироми нуфузи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ҳифзи ҳуқуқи афзалиятноки онҳо ба тарбия;

- рушди ҳамкории субъектҳои низоми маориф дар беҳтар намудани шароити таҳсилоти кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- омода намудани мутахассисони касбии ба таҳсилоти фарогир мувофиқ.

18. Вазифаҳои Стратегия:

- мутобиқсозии мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба талаботи таҳсилоти фарогир;

- такмили раванди таълиму тарбия дар самти таҳсилоти фарогир;

- таҷдиди стандартҳои давлатӣ, фаннӣ, нақша, барнома ва адабиёти таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- баланд бардоштани сатҳи иштироки кӯдакон дар ҳаёти фарҳангии муассисаи таълимӣ, махсусан кӯдакони имконияташон маҳдуд ва коҳиш додани шумораи кӯдакони аз таҳсил дурмонда;

- бартараф кардани монеаҳо ва беҳтар намудани дастрасии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти фарогир;

- ба роҳ мондани ҳамкории зич миёни муассисаи таълимӣ, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ҷомеа дар раванди таҳсилоти фарогир;

- таҳияи барномаҳо, модулҳо, дастурҳои методӣ ва омода намудани мураббиҳои сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- марҳила ба марҳила аз омӯзиш гузаронидани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба истифодаи механизми таҳсилоти фарогир;

- таҳияи раҳнамо барои кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти маҳаллии идоракунии маориф, муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон ҷиҳати ба роҳ мондани раванди самараноки таҳсилоти фарогир;

- амалисозии технологияҳои муосири таълим дар самти таҳсилоти фарогир;

- банақшагирии чорабиниҳо вобаста ба навгониҳо дар самти таҳсилоти фарогир тавассути семинару конференсияҳо.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК, НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ ВА ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛИИ СТРАТЕГИЯ

19. Самтҳои афзалиятноки Стратегияро фардикунонии раванди таълиму тарбия, такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳлили нишондодҳо, таҷдиди назар намудани адабиёти таълимӣ, рақамикунонии раванди таълим, таҳким бахшидани малака ва маҳорати кӯдакони имконияташон маҳдуд ташкил медиҳад.

20. Натиҷаҳои чашмдошти Стратегияро инҳо дар бар мегиранд:

- моделҳо (намудҳо)-и таҳсилоти фарогир вобаста ба шакл ва зинаҳои таҳсилот таҳия карда мешаванд;

- ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкории мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо ташкилотҳои дахлдор дар самти таҳсилоти фарогир замина гузошта мешавад;

- барои таҳсил бо назардошти рушди камолоти кӯдак шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад;

- барои ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакон дар маҳалли зисти воқеӣ мусоидат карда мешавад;

- низоми ягонаи таҳсилоти фарогир дар соҳаи маорифи Ҷумҳурӣ ҷорӣ карда шавад.

21. Хавфҳои эҳтимолии таҳсилоти фарогирро инҳо ташкил медиҳанд:

- масъалаи ба таҳсил фаро нагирифтани кӯдакони дар маҳалли зисти худ якҷо бо ҳамсолонашон боқӣ мемонад;

- ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҷомеа таъмин намегардад;

- талаботи инфиродии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҳсил қонеъ карда намешавад;

- нақша ва барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд таҳия ва роҳандозӣ карда намешаванд;

- фаъолияти омӯзгорони дорои донишҳои махсус барои таҳсилоти фарогир ба роҳ монда намешавад;

- мутобиқ намудани заминаи моддию техникии бино ва ҳудуди муассисаҳои таълимӣ ба талаботи кӯдакони имконияташон маҳдуд таъмин намегардад.

## 5. МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

22. Механизмҳои амалисозии Стратегия аз инҳо иборат аст:

- даровардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- таҳияи низомномаи таҳсилоти фарогир;

- истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- фаъолгардонии навгониҳои муосири таҳсилоти фарогир дар сатҳи миллӣ;

- таҳияи дастурҳои методии таҳсилоти фарогир;

- таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- такмили малака ва маҳорати касбии омӯзгор тавассути усул ва технологияҳои муосири таълим баҳри роҳандозӣ намудани таҳсилоти фарогир;

- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дар самти таҳсилоти фарогир;

- таҳияи маводди таълимию методӣ ва роҳнамо вобаста ба технологияи нави таҳсилоти фарогир;

- муҳайё намудани шароити мусоид барои амалисозии раванди таҳсилоти фарогир;

- таҷдиди барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир;

- таҳияи усулҳои таълими фарогир;

- таҳияи адабиёти таълимӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд (аз ҷумла китобҳои дарсӣ);

- таваҷҷуҳ намудан ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди таълими таҳсилоти фарогир;

- дастгирии таҳсилоти фарогир бо дарназардошти ниёзҳои гуногуни таълимгирандагон;

- таъмини шаффофият ва дастрасии маълумот дар бораи таҳсилоти фарогир ҷиҳати идоракунии самаранок ва ислоҳи камбудиҳо;

- дастгирии таҳқиқоти педагогӣ барои дарёфти усулҳои инноватсионии таълим, инчунин, таъмини имкониятҳои баробар ва дастрасӣ ба таҳсилоти фарогир барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа.

- таҳия, қабул ва амалисозии барномаҳои мақсадноки дастгирӣ ҳамчун механизми амалисозӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- васеъ намудани хизматрасониҳо, бахусус дар деҳот, барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- амалӣ намудани хизматрасониҳои муайянкунии саривақтӣ ва дахолати барвақтӣ, марказҳои тавонбахшии кӯдакон ва ҷавонон;

- таъмин намудани дастрасии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба лавозимоти зарурӣ, маводди таълимӣ, дастгоҳҳои ёрирасон ва технологияҳо барои омӯзиш ва иштирок дар муҳити таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла китобҳои дарсӣ бо алифбои Брайл ё бо ҳарфи калон, дастгоҳҳои

шунавоӣ, забони имову ишора, дастрасӣ ба об ва гигиенаи шахсӣ, пандусҳо, гузаргоҳҳои махсус ва воситаҳои дигари ёрирасон);

- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ҳамчун шарикони баробар дар раванди таълиму тарбия.

## 6. ИМКОНИЯТҲОИ МОЛИЯВӢ БАРОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

23. Амалисозии Стратегия дар доираи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва аз манбаъҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда мешаванд.

24. Андозаи маблағгузорӣ бо дарназардошти амалисозии чорабиниҳои мушаххаси Нақшаи чорабиниҳои солҳои 2025-2029 Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки барои ҳар панҷ сол таҳия ва тасдиқ мегардад, дар доираи маблағҳои ҳамасола барои вазорату идораҳо ва муассисаҳои таълимӣ пешбинишудаи буҷети давлатӣ, инчунин маблағҳои ғайрибуҷетӣ, шарикони рушд, грантҳо ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, пешбинӣ карда мешавад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯ

25. Мониторинг ва арзёбии Стратегия аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

26. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Стратегияи мазкур дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

27. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, назорат дар соҳаи маориф ва илм барои таъмини амалисозии самараноки Стратегия масъулият доранд.

28. Иҷрои муқаррароти Стратегия барои тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои дигар сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки барои таҳсилоти фарогир масъулият доранд, ҳатмӣ мебошад.

Аз Арастуи ҳаким пурсиданд, ки қуввати хирад аз чист?

Гуфт: «Ҳама касро қувват аз ғизо бошаду ғизои хирад ҳикмат бошад».

# МУАММОИ «НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ»




1. Хӯроки наврузӣ. 2. Дараи хушманзар дар ноҳияи Рашт. 3. Дарвозаи тиллоии Тоҷикистон. 4. Ибодат. 5. Киштукори деҳқонӣ. 6. Ошомидан, хӯрдан. 7. Гули сурхи баҳорӣ. 8. Қувваи мусаллаҳ дар Тоҷикистон. 9. Мева. 10. Парандаи соҳибчангол. 11. Духтури ҳайвонот. 12. Ришта. 13. Рустании техникӣ. 14. Қаҳрамони асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 15. Моҳи сол, саршавии киштукори кишоварзон. 16. Беасос гунаҳкор кардан, бухтон. 17. Қаҳрамони Тоҷикистон. 18. Ҳайвон, мучали соли мелодии 2026. 19. Яке аз муқаддасоти миллии Тоҷикистон. 20. Хат, нома. 21. Дарё дар Бадахшон. 22. Бачаи гов. 23. Мутахассиси маълумотноки соҳаи кишоварзӣ. 24. Хушкмева. 25. Сабзавот, сабзӣ. 26. Намуди матоъ.


***Мураттибон***
***Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ,***
***Аълочии матбуоти Тоҷикистон,***
***Самир СУЛАЙМОНШОЕВ,***
***хонандаи синфи 9-и Литсей барои***
***хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***